Таким образом, научное познание происходящих в международной жизни процессов, политических явлений, субъектов международной жизни и их деятельности характеризуется разнообразием подходов, крайней сложностью объектов исследования, неоднозначностью понятийно – категориального аппарата и практически неограниченной возможностью выбора используемых методов и средств теоретического знания. Следует также отметить, что в политической науке нет единой универсальной парадигмы, способной однозначно трактовать и давать исчерпывающее объяснение событиям, происходящим на международной арене и, главное, позволяющей производить качественную их оценку и с высокой степенью вероятности прогнозировать дальнейшее развитие политической ситуации в мире. Поэтому при исследовании такого элемента мирового политического процесса, как внешняя политика государства, крайне важным является всесторонний анализ его теоретико – методологических основ.

Теоретико – методологические основы исследования внешней политики государства включают в себя: а) положения и принципы научных подходов, теорий и концепций, существующих в политологии в сфере изучения международных отношений и мировой политики; б) понятийно-категориальный (или понятийно – терминологический) аппарат исследования внешней политики государства; в) методы и средства научного познания объекта исследования. Алгоритм анализа теоретико – методологических основ исследования внешней политики состоит в последовательном выполнении следующих действий:

— рассмотрение научных подходов, теорий и концепций, существующих в политологии в сфере изучения международных отношений и мировой политики;

— выбор среди них самых актуальных и наиболее приемлемых в качестве теоретической базы для исследования внешней политики государства;

— определение понятийно – категориального, или понятийно – терминологического, аппарата исследования внешней политики государства и определение методов и средств научного познания объекта исследования.

Особое значение среди теоретико – методологических основ исследования внешней политики имеет научная парадигма. Здесь, на наш взгляд, важно обратиться к точке зрения тех современных ученых, которые выражают свое

отношение к использованию парадигмв ходе познавательной деятельности. Как отмечает известный американский ученый-политолог С. Хантингтон, «для вдумчивого анализа ситуации в мире и эффективного воздействия на нее необходима какая – то упрощенная карта реальности, какая – то теория, модель, парадигма...» [12, с. 26]. Фундаментальную роль парадигмы в исследованиях в области политологии видит российский ученый Я. Волков: «Как известно, социально-политическая парадигма не ограничивается отдельными социально-философскими или политологическими концепциями, а представляет собой целый комплекс ценностей, норм, установок, основополагающих представлений о личности, обществе, государстве и путях их развития. Социально-политическая парадигма обеспечивает мировоззренческие и ценностно-нормативные рамки для политической социализации субъекта, формирует его личностные параметры и характеристики, через которые осуществляется процесс восприятия в индивидуальном и общественном сознании окружающей действительности» [1, с. 34].

Продуктивность различных процессов на международной арене, расширение и укрепление международных отношений между государствами, усиление интеграции отдельных стран в политике, экономике и других областях межгосударственного сотрудничества требует совершенствования внешнеполитического курса государств. Рационализация деятельности каждого государства осуществляется с целью согласования деятельности органов государственной власти, обладающих определенными внешнеполитическими полномочиями в сфере международных отношений.

Современные государства осуществляют международное сотрудничество в различных сферах общественного развития, что всегда рассматривается как важный фактор прогрессивного развития государства, активно участвующего в таком сотрудничестве. Именно международное сотрудничество способствовало высокому уровню развития отдельных стран в отдельных сферах общественной жизни. Налаживание международного сотрудничества обеспечивается реализацией внешнеполитического курса государства в различных сферах общественного развития.

По этой причине внешняя политика имеет особое значение в деятельности государства. Анализ научных источников показывает, что внешняя политика появилась в сфере общественных отношений одновременно с образованием первых государств. Внешнюю политику можно рассматривать как деятельность государства на международной арене, регулирующую отношения этого государства с другими субъектами внешнеполитической деятельности, то есть другими государствами, союзами, блоками, международными и региональными организациями.

В целом можно определить внешнюю политику как область деятельности государства в международных отношениях, цель которой проявляется в направленном воздействии на других участников межгосударственной деятельности. Внешняя политика является составной и неотъемлемой частью

государственной политики и определяет внутреннюю политику государства. В определенных случаях в рамках государственной политики внешняя политика выступает как отдельная функция внутренней политики.

Каждое государство реализует то или иное направление внешней политики исходя из национальных и государственных интересов. Необходимость внешней политики обусловлена тем, что внутренняя политика не может удовлетворить потребности и интересы общества в решении ряда существующих проблем. В таком понимании внешняя политика выступает продолжением и дополнением внутренней политики, так как выполняет вспомогательные функции по отношению к внутриполитическим процессам.

Таким образом, можно отметить, что внутренняя и внешняя политика взаимосвязаны, поскольку ряд проблем имеет внутренний и международный аспекты.

Ряд авторов отмечают, что при отсутствии демократических ценностей во внутренней жизни государства через определенный период времени внешняя политика становится отдельной задачей внутренней политики. Каждое государство осуществляет внешнюю политику и использует ее на службе внутриполитических потребностей.

Внутренняя и внешняя политика реализуется в разных социальных условиях. Совокупность деятельности отдельных элементов, то есть суверенных государств, образует мировое сообщество, для которого характерна децентрализованная структура. Поэтому можно отметить, что политические действия государства, а не международного уровня, опираются на совместную деятельность людей и сотрудничество между ними.

Внешняя политика в ограниченном смысле рассматривается как совокупность отношений между независимыми государствами и другими участниками международных отношений, которая представляет собой политические отношения с другими странами. Политические отношения между государствами и другими участниками международных отношений направлены на установление, поддержание и развитие различных отношений с другими государствами, нациями и народами. Именно политические отношения между государствами выступают в качестве основы для установления и развития других видов международных отношений, таких как экономические, научно-технические и культурные отношения.

Анализ источников показывает, что понятия «внешняя политика» и «международные отношения» различны по сути и содержанию. Понятие «внешняя политика» используется для выражения политических отношений между отдельными государствами, то есть те политические действия, которые осуществляются одним государством против другого государства, считаются внешней политикой для первого государства. Понятие «международные отношения» является относительно широким понятием и включает в себя не только политические отношения, но и другие виды отношений и общения между субъектами на международной арене.

Необходимо отметить, что при изучении и исследовании внешней политики сформировались разные взгляды, которые по-разному рассматривают сущность, основные задачи, цель, основные факторы и направления данного вида государственной деятельности на международной арене.

При осуществлении внешней политики отдельные государства преследуют различные цели, в том числе обеспечение государственной и национальной безопасности, устранение существующих угроз, экономический рост и развитие, политическую стабильность, повышение морального и материального уровня жизни населения, экономической и политической мощи государства.

Особое значение имеют национальный суверенитет и территориальная целостность, невмешательство во внутренние дела, повышение престижа и роли государства в международных отношениях, защита определенного экономического и политического положения в мире. Средства достижения цели определяются сущностью внешней политики, которая зависит от различных факторов, таких как форма хозяйствования, уровень социально-экономического развития, социально-политическое устройство государства, политический режим, участие в деятельности международных организаций, военно-политических блоков и от уровня политической культуры.

Таким образом, можно сделать некоторые выводы о тех положениях, которые были рассмотрены в данной статье – сущность внешней политики любого государства и его место в мировой системе международных отношений заключается во всесторонней защите национальных интересов данного государства, поддержании и развитии своего экономического и политического положения в мире, путем активного участия в деятельности международных организаций, военно-политических блоков и от уровня политической культуры.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Волков Я.В. Геополитика и безопасность в современном мире / Я.В. Волков. – М. : ВУ, 2000, – 351 с.
2. Вригт Г.Х. фон. Логико-философские исследования / Г.Х. фон. Вригт – Москва : Прогресс, 1986. – 594 с.
3. Ильин В.В. Теория познания. Введение. Общие проблемы / В.В. Ильин. – М. : Изд-во МГУ, 1993, – 163 с.
4. Мировая политика и международные отношения : учебное пособие / под ред. С.А. Ланцова, В.А. Ачкасова. – СПб. : Питер, 2009. – 443 с.
5. Моисеев Н. Естественнонаучное знание и гуманитарное мышление // ОНС: Общественные науки и современность. 1993. №2. С. 63-75.
6. Программное выступление Президента Таджикистана в честь открытия нового здания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан [Электронный ресурс] URL: https://www. mfa.tj/tg/main/view/115/sukhanronii-barnomavii-prezidenti-tojikiston-ba-iftikhori-iftitohi-binoi-navi-vkkh

7. Рахмонзода А.Ш. Трансформации системы международных отношений Республики Таджикистан в условиях глобализации. Монография / А.Ш. Рахмонзода. – Душанбе: «Дониш», 2024. – 222 с.

8. Рахмонзода А.Ш. Международные отношения Республики Таджикистан на современном этапе. Монография / А.Ш. Рахмонзода. – Душанбе: «Дониш», 2022. – 173 с.

9. Степин В.С. Философия науки / В.С. Степин. Общие проблемы. – М. : Гардарики, 2006, – 364 с.

10. Степин В.С. Саморазвивающиеся системы и постнеклассическая рациональность / В.С. Степин // Вопросы философии, 2003, № 8, – С. 5-17.

11. Философия науки : учебное пособие / под общ. ред. А.И. Дырина – М. : ВУ, 2007, – С. 364.

12. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / С. Хантингтон – М. : АСТ, 2003. – 868 с.

## НАҚШ ВА МАҚОМИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Дар мақолаи мазкур нақш ва мақоми сиёсати хориҷии давлат дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Чунон ки маълум аст, ташаккули муносибатҳои байналмилалиро дар шароити соҳибихтиёрии низоми ҷаҳонӣ ва дохил шудани он бе зиддият ба амал баровардан мумкин нест.*

*Аз ин рӯ, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илмии ташаккули сиёсати хориҷии давлатҳои тозаистқлол ва ворид шудани онҳо ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ аҳаммияти хосаи илмӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳия ва татбиқи сиёсати мустақилро, ки ба ташкили муҳити солими беруна ва тавсеаи ҳамкории баробарҳуқуқ бо ҳамаи иштирокчиёни низоми байналмилалӣ нигаронида шудааст, аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ медонад. Таҳлили самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тайи солҳои охир ҷустуҷӯйи доимӣ ва мақсадноки самтҳои муносибтар барои расидан ба ин ҳадаф идома дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, созмонҳои байналмилалӣ, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, манфиатҳои миллӣ, шароити муосир.*

## ROLE AND STATUS OF STATE FOREIGN POLICY IN MODERN CONDITIONS

*This article analyzes the role and status of state foreign policy in modern conditions. As is known, the formation of international relations in the conditions of sovereignty of the world system and its inclusion cannot be carried out without opposition. Therefore, using the example of the Republic of Tajikistan, the scientific analysis of the formation of foreign policy of new independent states and their entry into the system of international*

*relations is of particular scientific importance. The Republic of Tajikistan considers the development and implementation of an independent policy aimed at creating a healthy external environment and expanding equal cooperation with all participants in the international system, one of the priorities of its foreign policy. An analysis of the main directions of the foreign policy of the Republic of Tajikistan shows that over the past few years there has been a constant and targeted search for more suitable directions to achieve this goal. Also, the main feature of the system of international relations is that the new independent Soviet states started their foreign policy from scratch together with other participants in the system of international relations. The development of international relations of the Republic of Tajikistan shows that our country has passed the stage of formation and positioning in the international community, and is in a period of further strengthening its international authority and influence.*

***Key words:*** *Republic of Tajikistan, Central Asia, foreign policy, international relations, international organizations, system of international relations, national interests, modern conditions.*

**Сведения об авторе: Рахмонзода А.Ш. -** кандидат исторических наук, заместитель директора по науке и образованию Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ -** Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, муовини директор оид ба илм ва таълим. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

**About the author: Rahmonzoda Azimjon Sherali -** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Deputy Director for Science and Education. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 900-18-00-38. E-mail: raxmonzoda92@bk.ru

# ҚОЛАББАНДИИ МУҶАДДАДИ[1] ҶАҲОНИ МУОСИР

**ШАМОЛОВ А.А.**
доктори илмҳои фалсафа, профессор

*Дар мақолаи мазкур яке аз проблемаҳои муҳими ҷаҳони муосир, яъне тақсимоти нави харитаи сиёсии ҷаҳон пешбинӣ гардида, дар асоси далелҳои илмӣ ва дар такя ба рисолаҳо ва мақолоти муаллифони ғарб ва шарқ тасвири нави ҷаҳон баён гардидааст. Муаллиф баъд аз омӯзиши масъалаҳои тақсимоти кишварҳои шарқ, Балкан ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба хулосае омадааст, ки шикасти қолаби куҳна дар низоми давлатдорӣ ва ба ивази номҳои ҷуғрофие, ки тайи садсолаи охир сурат гирифта буданд, дар доираи тақсимоти нав номҳои ҷуғрофии нав гузошта шавад. Тамоми ин воқеаҳо дар доираи лоиҳаи нави шимоли бузург ва ҷануби бузург тарҳрезӣ шуда, ба тадриҷ амалӣ мегарданд.*

***Калидвожаҳо**: геополитика, тақсимот, харитаи сиёсӣ, шимол, ҷануб, бархурди тамаддунҳо, бозии бузург, ҷаҳонишавӣ, раванд, музокирот, мудохилот.*

Як силсила инқилобҳое, ки таи чанд соли охир дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна таҳти шиори «Баҳори араб», инчунин ҷанги шаҳрвандӣ дар Украина ба вуқуъ пайвастанд, бо сароҳат нишон доданд, ки дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ абарқудратҳо ба мақсади ба даст овардани манфиатҳои хеш ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои геостратегии худ бо кишварҳои хурд ва заиф чӣ тавр муносибат менамоянд ва чӣ гуна «сангҳое дар бағал» доранд. Натиҷаҳои ҷанги хонумонсуз дар Афғонистон, тазоҳурот ва ҷангҳо дар Ироқ, Миср, Ливия, Сурия, Яман ва дигар кишварҳои арабу Африқои Шимолӣ нишон доданд, ки абарқудратҳо барои тарҳи нави «Шарқи Наздики Бузург» аз чӣ гуна найрангҳои сиёсиву иқтисодӣ ва бозиҳои бунёдан тарҳрезишуда истифода мекунанд[1]. Ба хусус дар ин саҳнаи театри бозиҳои сиёсӣ аз як тараф кишварҳои Ғарб кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, то дар кишварҳои араб, инчунин дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, хусусан, дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҳадафҳои геостратегии худро амалӣ созанд. Аз тарафи дигар – бозингари асосии минтақаи Осиёи Марказӣ – Чин, кӯшишу талошҳои зиёд дорад, ки таъсири иқтисодии худро гузошта, аз тариқи он ҳадафҳои геополитикии худро дар ин минтақа амалӣ намояд. Ҳамзамон, Туркия, Эрон, Ҳинд ва Покистон низ ба саҳнаи театри бозиҳои сиёсӣ ворид гашта, тадриҷан аз ҳадафҳои худ пуштибонӣ мекунанд, зеро моҳияти геостратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ дарояндаи наздик барои иштироки ин кишварҳо дар истифодаи захираҳои табиӣ ва сохтмони роҳҳои трансконтиненталӣ, инчунин набардҳои сиёсӣ хеле калон аст, ки мисоли равшани он лоиҳаи «Роҳи абрешими бузург» маҳсуб мегардад. Ин лоиҳа аз ҷониби ИМА ва Иттиҳоди Аврупо тарҳрезӣ ва пешкаш гардидааст[2].

---

[1] *Reformatting (Переформатирование)

Воқеан баъзе кишварҳои абарқудрат кӯшишҳое карданд ва кӯшишҳои зиёде доранд, ки дар асоси сенарияи «Баҳори араб» дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ тағйироти геостратегӣ ба вуҷуд оваранд. Дигаргуниҳое, ки дар бисёр ҳолатҳо дар доираи найрангҳои сиёсӣ ва зуроварӣ сурат мегиранд, дар асоси лоиҳаи «Азнавсозии харитаи сиёсии Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ», инчунин китоби «Тахтаи бузурги шоҳмот»-и Зибгнев Бжезинский ва асарҳои Ҷорҷ Фридман «Сад соли оянда», «Даҳ соли оянда» ва ғайра сурат гирифта, ҳадаф дастёбӣ ва ҳукумронӣ дар ин минтақаҳои аз нигоҳи қувваи кори арзон, канданиҳои зеризаминӣ ва гидроэнергетикӣ бой мебошад.

Абарқудратҳо сиёсати ҳадафмандонаи худро таҳти шиори «азнавсозӣ» дар даврони «нузули фарҳангӣ» дар Ховари Наздик ба тадриҷ амалӣ сохта, дар ин самт ба дастовардҳои «назаррас» низ ноил гаштаанд. Онҳо ба осонӣ бидуни муқовимати Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ тамоми он кишварҳои арабро, ки пойбанди иқтисоду технологияи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, таҳти тасарруфи худ қарор дода, садҳо ва ҳазорҳо шаҳру деҳаҳои обод ва сокинони онро ба хоку хун кашиданд ва муҳоҷир сохтанд.

Манфиатҳои қудратҳои ғарбӣ дар ин минтақа, ки дар маҷмуъ бар зидди Россия ва Чин нигаронида шудаанд, бо мақсади тақсим кардани Ховари Наздик ва Осиёи Марказӣ дар асоси арзишҳо ва маҳдудиятҳои қавмӣ комилан мувофиқи нақшаи яке аз поягузорони лоиҳаи «Азнавсозии харитаи Сиёсии Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ» Бернард Люис сурат гирифта истодааст, ки он мутаассифона сабаби бӯҳрони давомдори иқтисодии минтақа ва ҷаҳон гардидааст ва таи даҳсолаи оянда боз тағйиротҳои дигареро низ ба вуҷуд хоҳад овард[3].

Саволе ба миён меояд, ки «Харитаи сиёсии нави Ховари Наздик ва Осиёи Марказӣ» чӣ гуна харита аст ва ҷонибдорони ин шакли нави «табартақсим»-и минтақаҳои мазкур чӣ нақшае дар сар доранд? Агар дар маҷмуъ гирем дар ҳар як қарн ва ё як даврони муайяни таърихӣ минтақаҳои гуногуни курраи замин бар асари ҷангу таҷовуз ва ё бо роҳи мусолиҳатомез тақсим мешаванд ва тарҳи нав мегиранд. Чунин мисолҳо дар таърихи башарият ва таърихи мардумони минтақаи Осиёи Марказӣ хеле зиёданд ва намунаи барҷастаи он табартақсими сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон дусад сол қабл аз ҷониби Империяҳои Британияи Кабир ва Россия мебошад, ки бо роҳи хеле осон тавассути дарёи Ому ба ду қисм ҷудо карда шуданд[4].

Чи тавре ки аз омӯзиши таҳқиқотҳо бар меояд, дар миёнаҳои асри XX олимони англис ва Америка, ақидае пешниҳод карданд, ки мувофиқи он Шарқи Наздик барои молик шудан ба ҳукмронии яккутбаи ҷаҳон аҳамияти ҳалкунанда дорад[5].

Дар соли 1979 яке аз мутахассисони соҳаи сиёсатшиносӣ Бернард Люис устураи «Бархӯрди тамаддунҳо»-ро ҳамчун бунёди ақидаи «Терроризми арабӣ»

баъди ба итмом расидани ақидаи «Ҷанги сард» пешкаш сохта, бори аввалин дар харитаи сиёсии ҷаҳон «Қавси инқироз»-и Зигмунд Бжезинскиро тасвир кард[6].

Баъд аз гузашти сӣ сол, яъне дар соли 2006 пешниҳодоти Бернард Люисро подполковники америкоӣ Ралф Петтерс истифода намуда, нақшаи тақсими Шарқи Наздикро бо андаке тағйирот ба Созмони Атлантикаи Шимолӣ ҳамчун лоиҳаи «Шарқи Наздики Нав» пешниҳод сохт. Ин харитаи Ралф Петерс ҳанӯз дар соли 2006 дар Туркия эҳсоси нороҳатиро ба вуҷуд оварда буд. Мувофиқи шарҳи матбуоти туркӣ, 15 сентябри соли 2006 харитаи «Ховари Наздики Нав» барои муаррифии умумӣ дар Коллеҷи ҳарбии Созмони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) дар Рим ба намоиш гузошта шуд. Афсарони туркие, ки дар ин коллеҷ таҳсил мекарданд, бо дидани ин харита ва тақсимоти Туркияи ба қаисматҳо ва ҳудудҳои ҷудошуда, худро таҳқиршуда ҳис карданд. Қабл аз он ки ин харита дар миёни шунавандагони коллеҷи Созмони Атлантикаи Шимолӣ нишон дода шавад, он то андозае аз ҷониби Академияи миллии ҳарбии ИМА мавриди таъйид қарор гирифта буд. Сарвари штаби генералии Туркия генерал Буюканит бо раиси Кумитаи сарварони штабҳои ИМА дар тамос шуда, норозигии худро зидди  намоиши харитаи нави Ховари Наздик, Афғонистон ва Покистон иброз кард. Пентагон барои худсафедкунӣ Туркияро бовар кунонд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ин харита сиёсати расмии ИМА ва мақсадҳои онро дар минтақа инъикос намекунад. Вале таърихи навини ҷаҳон ва воқеаҳои ахири Ироқ, Сурия, Яман ва ғайра  муайян карданд, ки ин изҳорот бо амалиёти воқеии англису америкоиҳо дар Ховари Наздик ва Афғонистон, ки тавассути низомиёни Созмони Атлантикаи Шимолӣ сурат мегиранд, мухолифат дорад. Болотар аз ин, воқеаҳои ахири кишварҳои араб бо сароҳат нишон доданд, ки ҷанггароёни кишварҳои абарқудрат амалиётҳои худро пурра дар чаҳорчӯбаи хатҳои дар харита кашидашуда татбиқ менамоянд.

Дар асоси «Харитаи сиёсӣ»-и подполковник Бернард Люис, кишварҳои Ховари Наздик, Афғонистон, Покистон ва Осиёи Марказӣ на аз рӯйи қавму миллат ва талаботи сиёсӣ дар чаҳорчуби таъриф ва мақоми миллат, балки дар асоси мазҳабу фирқаҳои динӣ тақсим карда мешаванд. Мисоли равшани ин Ироқ аст, ки баъд аз тақсимоти нав ба «Ироқи шиа» ва «Ироқи суннӣ» ҷудо шудааст[7].

Воқеаҳои охир нишон медиҳад, ки масъалаи ҳудудтақсимкунии нав ба мисли даврони пешин чандон ҷолиби диққат нест. Азнавсозии «сарҳадоти нодуруст тақсимшуда» ин як кушиши хаёлпарастона барои  тасаввури сарҳадоти «табиӣ»-и Ховари Наздик, Афғонистон, Покистон, Осиёи Марказӣ, Россия, ҷумҳуриҳои Қафқоз ва Балкан барои дарки умқи масъалаҳое, ки бо онҳо имрӯз ва ё фардо рӯ ба рӯ хоҳем шуд, мебошад. Дар ин раванд ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нав бо ноадолатиҳои азими маснуӣ, ки дар масири таърих борҳо ба вуҷуд омада буданд, сару кор пайдо хоҳад кард. Дар натиҷа масъалаҳо ва мушкилиҳои дохилии

минтақа метавонанд аз таҳти назорат берун бароянд ва мушкилиҳое, ки дар хаёли ҳеҷ кас вуҷуд надоранд, зуҳур намоянд.

Мисоли ин Ироқи тақсимшуда ва ба истилоҳи сиёсатшиносони Ғарб «балканикунонидашуда» мебошад. Тибқи эътирофи расмие, ки дар Қасри Сафед ҳукмфармо аст «харобкориҳо ва бетартибиҳои созанда» дар Шарқи Наздик – барои азнавсозии минтақа, ба хотири эҳёи «Шарқи Наздики Нав» ва татбиқи минбаъдаи накшаи мазкур дар ин минтақа ва Осиёи Марказӣ мебошад[9].

Дар Аврупо вожаи «Балкан» дар иртибот бо низоъҳои қавмӣ ва рақобати кишварҳои абарқудрат як тобиши нави маъної ба худ касб кардааст. Ин калима солҳои охир нисбат ба Ховари Наздик ва дар маҷмуъ ба Авруосиё низ истифода мегардад. Ба қавли таҳлилгарони аврупоӣ Авруосиё низ «Балкан»-и худро дорад, аммо ҳудуди «Балкани Авруосёӣ» нисбатан бузургтар ва зичии аҳолиаш ба маротиб бештар буда, дар он шумораи зиёди қавму миллатҳои мухталиф зиндагӣ мекунанд. «Балкани Авруосиёӣ» ҳамчун минтақаи ташаннуҷи глобалӣ ҳудуди паҳновару густурдаест, ки ба он минтақаҳои Аврупои Ҷанубу Шарқӣ, як қисми Осиёи Ҷанубӣ, минтақаи Халиҷи Форс ва Ховари Наздику Миёна шомил мешаванд. «Балкани Авруосиёӣ» маркази дохилии худуди бузурги шаклаш дароз буда, аз минтақаҳои атрофи худ комилан фарқ мекунад: яъне як навъ хало (вакуум)-и қувваҳо маҳсуб мегардад. Сарфи назар аз он ки дар аксарияти давлатҳои минтақаи Халиҷи Форс ва Шарқи Наздику Миёна вазъи муътадил вучуд надорад, лекин додрасу ҳакам асосӣ дар ин минтақа қувваҳои Созмони Атлантикаи Шимолӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, муҳити муташанниҷи атрофи минтақаи «Балкани Авруосиёӣ» таҳти султаи қувваи ягонаи амрикоӣ қарор дошта, ҳамин қувва ҳамзамон, эҷодгар ва боздорандаи вазъи муташанниҷ маҳсуб мегардад. Агар аз рӯйи ҳақиқати ҳол гирем, «Балкани Авруосиёӣ» бо минтақаи нисбатан қадимаву ба мо шиноси Балкани Аврупои Ҷанубу Шарқӣ хеле шабоҳат дорад.

Балкани анъанавӣ дар раванди муборизаи абарқудратҳо барои ба даст овардани кишварҳои Аврупои Шарқӣ, ки ба ҷаҳони сотсиализм шомил буданд, ҳамчун объекти потенсиалии геополитикӣ мавриди ҳадафҳои онҳо қарор гирифта буд. «Балкани Авруосиёӣ» бошад дар ду канори шабакаи нақлиётӣ зуҳур карда, ин шабака бояд минтақаҳои бойтарини Шарқи Наздикро бо минтақаҳои аз ҷиҳати саноат пешқадами Аврупо бо ҳам бипайвандад. Аз ин рӯ, «Балкани Авруосиёӣ» дорои аҳамияти бузурги геополитикӣ буда, аз нигоҳи таърихӣ ва амниятӣ низ аз аҳамияти калон бархӯрдор мебошад. Имрӯз ин минтақа ҳадди ақал се ҳамсояи қудратманд, аз қабили Русия, Туркия ва Эрон дорад. Илова бар ин, чуноне ки қаблан гуфтем, дар солҳои охир Чин низ ба ин минтақа таваҷҷӯҳи ҳарчи бештар зоҳир мекунад.[10] «Балкани Авруосиёӣ» барои абарқудратҳо як бурди иқтисодии пурарзиш буда, дар ин минтақа дар баробари захираи ғании канданиҳои муҳими фоиданок, мисли тилло, уран, мис, нуқра, инчунин захираҳои бойи гази табиӣ ва нефт мавҷуд мебошад.

Мувофиқи таҳқиқоти охирини мутахассисон, дар давоми ду-се даҳсолаи оянда истеъмоли энергия дар ҷаҳон ба маротиб афзоиш хоҳад ёфт. Масалан, тибқи баҳодиҳии Вазорати энергетикаи ИМА, дар давраи байни солҳои 1993-2015 талаботи кишварҳои ҷаҳон нисбат ба энергия панҷоҳ дарсад афзоиш ёфта, талаботи бештари он дар Шарқи Дур пешбинӣ мегардад. Ҷаҳиши бесобиқаи рушди иқтисодии кишварҳои Осиё барои тезонидани суръати омӯзиш ва истифодаи манбаҳои нави энергия замина ба вуҷуд хоҳанд овард. Дар қаъри замини Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи Баҳри Каспий захираҳои бузурги гази табиӣ ва нефт кашф карда шудаанд, ки дар якҷоягӣ аз маҷмуи захираҳои Кувайт, Халиҷи Мексика ва Баҳри Шимолӣ ба маротиб бештар мебошанд.

Кӯшиши даст ёфтан ба ин захираҳо ва саҳм доштан дар ин сарвати имконпазир барои пайдо шудани ҳисси миллатгароӣ, манфиатҳои корпоративӣ, эҳёи даъвоҳои таърихӣ, тамоюли империяхоҳӣ ва афрухтани рақобати байналмилалӣ ҳамчун омили такондиҳанда хизмат хоҳанд кард.

«Балкани Авруосиёӣ» дар доираи худ нуҳ мамлакатро дар бар гирифтааст, ки тамоми онҳо ба тавсифи дар боло овардашуда мувофиқ мебошанд: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон ва Афғонистон.

Номзадҳои потенсиалии барои ба «Балкани Авруосиёӣ» дохил шудан Туркия ва Эрон мебошанд. Воқеаҳои охири Туркия ва «демократияхоҳиҳо»-и ин кишвар аз он шаҳодат медиҳанд, ин ду кишвар нисбат ба тамоми мамолики қаблан зикршуда аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ қавитар буда, онҳо низ барои таъсир расонидан ба минтақаи «Балкани Авруосиё» фаъолона мубориза мебаранд, аз ин рӯ, ба ҷумлаи бозингарони асосии геополитикии минтақавӣ шомил гардидаанд[11]. Дар баробари ин, Туркия ва Эрон аз нигоҳи низоъҳои дохилӣ ва қавмӣ ноустувор мебошанд, масъалаи ҷиддии онҳо ҷудоихоҳиҳои курдҳо ба ҳисоб меравад[12]. Дар ҳолате, ки агар дар яке аз ин ду кишвар ё дар ҳар дуи онҳо вазъ муташанниҷ гардад, дар он сурат масъалаҳои дохилии минтақа аз таҳти назорат хориҷ шуда, кӯшишҳои Русия барои аз нав барқарор кардани мавқеъ ва қудрати худ дар ин минтақа бар ҳадар хоҳад рафт.

Як нуктаро бояд зикр созем, ки Шарқи Наздик ва Авруосиё аз чанд ҷиҳат бо Балкани Аврупои ҷанубу шарқии давраи пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шабоҳат дорад. Баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ сарҳадоти давлатӣ дар Балкан ва Аврупои Шарқӣ тағйир дода шуданд. Минтақаи мазкур то ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва баъди он давраи ноустуворӣ ва муташанниҷу пурнизоъро аз сар гузаронд, ки он натиҷаи таззоду бархурди манфиатҳои иқтисодӣ ва дахолати кишварҳои абарқудрат буд. Таърихи начандон дури асри XX ба хубӣ нишон медиҳад, ки роҳи дигари фоидаоваре барои кишварҳои абарқудрат ҷуз аз ҷанг вуҷуд надорад.

Ҳамин аст, ки мамлакатҳои минтақаи Ховари Наздик ва соҳилҳои шарқии Баҳри Миёназамин, аз он ҷумла Сурия, қисмати Анатолия (Осиёи Хурд), Халиҷи

Форс, Эрон ва ғайра кайҳост, ки таҳти нақшаҳои забткоронаи ҳарбии давлатҳои абарқудрат қарор доранд. Манфиатҳои стратегӣ, сиёсӣ ва иқтисодии онҳо бо Харитаи нави сиёсии «Ховари наздик» робитаи мустақим дорад.

Дар иртибот ба ин нақшаҳои стратегӣ, бозиҳои сиёсии абарқудратҳо ва ҳуҷумҳои мустақиму ғайримустақими онҳо ба Ховари Миёна ва Авруосиё ин минтақаҳо имрӯз ба бомбае шабоҳат доранд, ки ҳар лаҳза метавонад таркад. Ҳуҷуми қувваҳои низомии абарқудратҳо тавасути ДИИШ ба Сурия ва Ироқ боиси ҷангҳои бузург ва фарогиранда шуда, метавонанд ҳар лаҳза сарҳадҳои мавҷударо вайрон кунанд, аз лиҳози муносибатҳои стратегӣ ин қабл аз ҳама ба манфиати Ғарб хоҳад анҷомид[12].

Давлатҳое, ки дар қисмати шарқии баҳри Миёназамин воқеанд, таҳти тасарруфи Созмони Атлантикаи Шимолӣ қарор доранд. Воситаҳои ахбори умуми ғарбӣ бошанд, ҳамарӯза чунин хабарҳоро паҳн мекунанд, ки гӯё роҳи ягонаи ҳалли қазияҳои Эрон, Сурия ва Ироқ роҳи низомӣ буда, дар ин кишварҳо намояндаҳои гуногуни халқу қавмҳо аз лиҳози этникӣ ва мазҳабӣ якҷоя зиндагӣ карда наметавонанд. Ба қавли онҳо, низоме, ки дар ин кишварҳо ба амал омадааст сарчашмаи ҷанги шаҳрвандии байни сунниҳо, шиаҳо ва курду арабҳо мебошад.

Дар замони муосир дар Ховари Наздик дар миёни ду гурӯҳи бо ҳам муқобил ва ё намояндагони фирқаву мазҳабҳои динӣ низоъ андохтан хусусияти маъмулӣ гирифтааст, аммо агар ба асли мавзуъ ворид шавем, хоҳем дарёфт, ки ин нақшаҳо дар дастгоҳҳои махсуси кишварҳои Ғарб нисбат ба давлатҳои Ховари Наздик тарҳрезӣ шудаанд.

Дар ин бозиҳои абарқудратҳо Ироқ, Сурия ва Эрон нақши калидӣ дошта, пирӯзӣ бар онҳо пирӯзӣ ба Россия ва Чин хоҳад буд ва он ба охир расидани марҳилаи аввали дастёб шудан ба ҷаҳони яккутба маҳсуб мегардад. Ҳамин аст, ки таи ду соли охир вазъ дар атрофи Эрон ҳарчи бештар муташанниҷ шудааст. Ҷанги иқтисодӣ, ки аз ҷониби як идда кишварҳои ҷаҳон ба муқобили Эрон эълон гардид, ҳар лаҳза метавонад ба ҷанги минтақавӣ ва ба тадриҷ ба ҷунбишҳои ҷанги глобалӣ мубаддал шавад[13]. Вақти он расидааст, ки савол гузошта шавад: Барои чӣ маҳз нисбати Эрон чунин даъвоҳо пешниҳод шудаанд? Наход, ки Эрон ягона давлате мебошад, ки кӯшиш дорад аз неруи ҳастаӣ истифода барад? Чаро давлатҳои абарқудрати ҳастаиро, ки ба созишномаи интишор надодани аслиҳаи ҳастаӣ имзо нагузоштаанд, гирифтори таҳрим накарданд? Ба хотири чӣ маҳз Эрон гирифтори ин ҳуҷум шуд?

Дар асл набарди иқтисодӣ бо Эрон мустақиман бо барномаи ҳастаӣ ин кишвар иртиботе надошта, он танҳо баҳонаи расмӣ барои таҳоҷуми иқтисодӣ гардидааст[14]. Барои ҷаҳонгароёни Ғарб қабл аз ҳама Эрон ҳамчун кишвари меҳварӣ ва калидии Ховари Наздик буда, дорои аҳамияти беандозаи стратегӣ дар сиёсати тасаллутгароӣ ба шумор меравад. Зеро Эрон аз нигоҳ ҷуғрофӣ, роҳҳои баҳрӣ, ихтилофоти динӣ, миллӣ, забонӣ, захираҳои табиӣ, аз қабили

нефт, газ, литий ва ғайра, ки аз онҳо метавон ҳамаҷониба истифода бурд, хеле мувофиқ аст. Вале дар ин самт аз ҳама муҳимаш ин аст, ки бо шикасти Эрон дар тақсимоти Шарқи Наздик зарбаҳои дандоншикан якбора ба Россия, Чин ва давлатҳои араб зада хоҳад шуд ва дарвозаҳое ба Қафқоз ва Осиёи Марказӣ боз мегардад, зеро аллакай барои Ғарб имконоти зиёде ба бор оварда шудааст, ки нақшаҳои стратегии онҳо дар Эрон ва Осиёи Марказӣ амалӣ гарданд.

Ба ҳамин тариқ сиёсатмадорони Ғарб ва шариконии онҳо аз дигар кишварҳои ҷаҳон дар интизори он буданд, ки таҳримҳои иқтисодӣ бар муқобили Эрон чӣ натиҷаҳое ба бор хоҳанд овард ва интихоботи президент дар ин кишвар ба тарҳрезии кадом нақшаҳои ҷадид хоҳад анҷомид.

Интихоботи президенти навбатӣ сипарӣ шуд, лекин роҳбарияти тозаинтихоби Эрон низ бидуни кадом як тағйирот сиёсати худро дар бахши барномаи ҳастаӣ идома доданд. Таҳримҳои иқтисодӣ ба ин раванд ҳеҷ таъсире нагузоштанд, зеро эрониён роҳеро пеш гирифтанд, ки дар солҳои 90-уми асри XX Кореяи Шимолӣ пеша карда буд. Дар ин солҳо ҳукумати Кореяи Шимолӣ аз тарси он ки қудрати сиёсиро баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ аз даст хоҳад дод, барномаи тавлиди силоҳи ҳастаиро ба роҳ монд. Роҳбарияти Кореяи Шимолӣ барои нишон додани қудрати низомии худ дар саросари ҷаҳон эълом кард, ки дорои силоҳи ҳастаӣ мебошад. Аз натиҷаҳои амалӣ сохтани чунин сиёсат бисёр давлатҳои ҷаҳон дар тарси он афтоданд, ки бо шикасти режими Кореяи Шимолӣ дар минтақа проблемаҳои ғайричашмдошт сар хоҳанд зад. Ҳолати хоси равонӣ ва сиёсие, ки Кореяи Шимолӣ ба вуҷуд овард, роҳбарони ИМА, Чин, Россия, Япония ва Кореяи Ҷанубиро маҷбур кард, ки дар атрофи мизи қарордод бо ҳам нишинанд. Болотар аз ин кишварҳои зикршуда кӯмакҳои зиёди молиявӣ ба Кореяи Шимолӣ карданд, то ин ки роҳбарияти он ором шавад ва аз нақшаҳояш даст кашад[16].

Дар муддати даҳ соли охир Эрон низ кӯшишҳои зиёде дар атрофи сохтани технологияи ҳастаӣ кард ва барномаеро, ки аз ҷониби Кореяи Шимолӣ тарҳрезӣ шуда буд, амалӣ сохт. Дар натиҷа, тамоми аъзоёни Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид аз роҳбарияти нави ин кишвар хоҳиш карданд ба созиш биоянд. Ин сиёсат натиҷаҳои худро дод ва дар моҳи марти соли 2015 кишварҳои шашгона ва Эрон дар атрофи барномаи ҳастаии ин кишвар ба баъзе дастовардҳо ноил шуданд.

Дар натиҷаи иштибоҳоти абарқудратҳо ва новобаста аз хоҳиши онҳо имрӯз Эрон воқеан дар минтақаи Шарқи Наздик давлати меҳварие шудааст, ки дар атрофи он кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна давр мехӯранд. Дар давраҳои пешин низ дар бисёр масъалаҳо Эрон ҳамеша кишвари калидии минтақа маҳсуб мeёфт.

Қобил ба зикр аст, ки ҳоло дар натиҷаи даргириҳо дар мамлакатҳои Шарқи Наздик, ба хусус дар кишварҳои нефтрасон, Осиёи Марказӣ ба яке аз сарчашмаи алтернативии захираҳои табиӣ дар сатҳи глобалӣ табдил ёфтааст. Воқеан

захираҳои нефт, газ, уран, тилло, мисс, нуқра, сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми аз ҷиҳати экологӣ тоза, қувваи арзони корӣ ва ғайра дар ин минтақа хеле зиёд мебошад[17].

Иқтидори энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ, хеле бузург буда, тамоми ширкатҳои нефтбарории ҷаҳон ба он майл доранд. Барои мисол, ширкати «Шаврон» таҳти дастгирии ИМА, яке аз аввалинҳо шуда, ба минтақа ворид гашта буд. Шаҳрванди Аргентина Карлос Булгерони, ки президенти ширкати «Брифс» ба ҳисоб меравад, ба хотири нуфуз пайдо кардани ИМА дар Осиёи Марказӣ фаъолияти бузургеро анҷом додааст.

Ба ҳамин тариқ кишварҳои абарқудрат бо истифода аз тамоми имконот ҳамеша дар талоши онанд, ки ба боигариҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ба ибораи дигар аз Баҳри Миёназамин то Ҳимолой дастёб гарданд. Дар асоси «Харитаи нави сиёсии  Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ» бо назардошти мавқеи геостратегии он бозиҳоеро дар атрофи ин митнтақа ба роҳ андохтаанд, ки таҳти унвони «Бозии нави калон» ва ё «Бозии нави бузург» ном бурда мешаванд. Барои амалӣ шудани нақшаҳои стратегӣ ва геополитикии худ дар доираи «Бозии нави калон» онҳо бахусус аз авзои кишвари ҷабрдидаи Афғонистон ҳамаҷониба истифода мебаранд.

Чуноне ки қаблан зикр кардем дар ин бозии зикршуда аз нақша ва тарҳе, ки аз ҷониби Зибгнев Бжезинский таҳти  унвони «Қавси инқироз» пешниҳод гардидааст, истифодаи фаровон хоҳанд кард. Дар доираи «Қавси инқироз» на танҳо кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки Афғонистон, Покистон, Ҳинд ва қисмати мусулмоннишини Чин ва Муғулистон низ шомил гаштаанд. Ин нақша дар шакли дигаре аз тариқи ҷумҳуриҳои мусулмоннишини Русия ва Қафқоз бояд ба Сибир ва Шарқи Дур роҳ пайдо намояд.

Мутобиқи хулосаҳои таҳлилгарони сиёсии Маркази таҳқиқоти масоили рӯзмарра «Альтернатива» (Қазоқистон), яке аз масъалаҳои хеле мушкиле, ки дар назди кишварҳои минтақа қарор дорад, мушкилиҳое мебошанд, ки бо тадриҷ баъди  хуруҷи қувваҳои Созмони Атлантикаи Шимолӣ дар соли 2014 аз Афғонистон сурат гирифта истодаанд[17]. Воқеан ҳам ин масъала сабаби таҳдидҳои ҷиддие дар кишварҳои Осиёи Марказӣ гардидааст, зеро ин раванд ибтидои ворид гаштани кишварҳои Ғарб ба минтақае, ки беш аз 200 сол зери таъсири Русия қарор дошт, мебошад.

Қобил ба зикр аст, ки таҳаввулот дар геостратегияи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар солҳои аввали баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, барои бархе аз бозингарони минтақавӣ ва фароминтақавӣ як фаҳмишеро эҷод кард, ки мувофиқи он дар ин сарзамин як халои геополитикӣ ба вуҷуд омадааст. Дар робита ба ҳамин халогии идеологӣ ва низомӣ абарқудратҳо дар паи он гаштанд, ки дар Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи муносибе барои худ пайдо намоянд ва нуфузу таъсири худро зиёд созанд, то дар ин минтақа саҳме барои худ ёбанд.

Дар солҳои аввали пас аз ба даст овардани истиқлолият бо сабабҳои он ки Россия ба масъалаҳои дохилии худ банд гардида буд, фурсати хубе барои қудратҳои минтақа ва фароминтақа ба вуҷуд омад. Таваҷҷӯҳи хоссаи онҳо ба арзишҳои геополитикӣ ва геостратегии Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, манбаҳо ва захираҳои фаровони нефту гази Каспий, мавқеияти гузаргоҳҳои пайвандкунанда (иртиботӣ), арзиши стратегии баҳри Каспий ва баҳри Сиёҳ, назорати тавлиди манбаҳо ва хатҳои қубурҳои газу нефт, имконоти бесобиқаи гузоштани таъсир ба буҳронҳои минтақа, алоқаҳои муштараки фарҳангӣ, таърихӣ ва иқтисодӣ миёни кишварҳои минтақа ва баъзе аз ҳамсояҳо, барои амалӣ намудани ҳадафҳои абарқудратон ва пур кардани халои қудрат дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз онҳоро маҷбур сохт байни якдигар ба рақобат бипардозанд. Кишварҳои ғарбӣ, бахусус ИМА ва Иттиҳоди Аврупо, ки минтақаи Осиёи Марказиро дар сиёсати худ хеле муҳим ва стратегӣ баррасӣ менамуданд, бо ба вуҷуд омадани шароити нав ва ба мақсади ҷойгир шудан дар ин минтақа даст ба амалу талошҳо заданд. Дар муқобили он Россия, ки ин минтақаро ҷузъи сарҳадоти амниятии худ муаррифӣ мекард, дар талоши он буд, ки дасти дигар рақибонро аз ин минтақа кутоҳ кунад.

Таҳаввул дар геополитикаи минтақаи Осиёи Марказӣ, пайвандҳои таърихии Тоҷикистон, Эрон, Туркия, Афғонистон ва Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шароити навро дар ин сарзамин ба бор овард, ки Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон дипломатияи навро бо ин кишварҳо ба роҳ андозанд ва нисбат ба ояндаи минтақа роҳбурди мушаххас дошта бошанд. Таваҷҷӯҳи ин кишварҳо, ҳамчунин кишварҳои Ғарб ба Осиёи Марказӣ имрӯзҳо фурсати муносиберо барои ҳамкориҳо ба бор овардааст.

Ба хусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири берун баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, рушду пешрафти иқтисод, беҳбуд бахшидан ба ҳаёти иҷтимоии мардум, таҳким бахшидани Истиқлолияти давлатӣ ва миллӣ фурсати хуб ва имконоти васеъро ба вуҷуд овард. Ҳамин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ «сиёсати дарҳои кушод»-ро эълом кард, то ин ки қабл аз ҳама бо ҳамсояҳои худ робитаи дӯстона ва хуб дошта бошад.

Аммо мутаассифона ин сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир «рашк» ва «ҳасад»-и баъзе кишварҳои ҳамсоя, ҳамчунин шарики стратегии мо Россияро зиёд кард, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз низ бояд ба қавли онҳо «тамоми корҳои худро ба Маскав ҳамоҳанг созад».

Дар аввалҳои соли 2014 рӯзномаи «Факт и коментария»-и Россия як мақолае чоп кард, ки мувофиқи он Россия ба таҳияи як силсила омилҳои нуфузи хориҷӣ барои тағйир додани ҷараёни роҳбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Москва вафодор бошад, даст зада буд.[19] Охирин изҳорот ва иқдомоти тунду ҷиддие, ки дар соли 2014 аз ҷониби мақомоти расмии Москва дар баробари Тоҷикистон сурат гирифт ин норизогии Кремлро аз иқдомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод. Замони муносиб барои анҷом додани чунин нақшаҳо давраи интихоботи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегашт, зеро дар ин давра таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бозингарони сиёсӣ нисбат ба Тоҷикистон зиёд шуда буд. Мавқеи сиёсии кадом як кишваре набошад, метавонад ба самтҳои гуногун майл намояд. Дар сатҳи сиёсати ҷаҳонӣ маротиби чанд мо шоҳиди чунин воқеаҳо шудем ва намунаи барҷастаи он ҷараёни интихоботи Президенти Украина шуда метавонад. Дар солҳои 2013-2014 робитаи Москва ва Душанбе аз маҷрои маъмулӣ хориҷ ва бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гашта буд. Ин амр дар паи ҳимоятҳои ва пуштибониҳои ошкори Россия аз Узбекистон гардид. Ба хусус, мавзӯи Узбекистон дар баҳси баҳрабардорӣ аз манбаҳои гидроэнергетики Осиёи Марказӣ шакл гирифт. Бетафовутиҳои Кремл дар баробари амалҳои Тошканд дар масъалаи вагонҳои боркаш ба Тоҷикистон, сохтмони Роғун ва ғайра ба раванди сарди робитаи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати бештаре бахшид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур шуд барои ҳалли мушкилоти иқтисодии худ бо дигар кишварҳои Шарқу Ғарб муносибатҳои дар боло зикршударо густариш диҳад. Ва чуноне ки гуфтем ин тарзи муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Шарқу Ғарб барои Москва қобили қабул набуд ва Россия норизоигиҳои худро дар баробари беш аз ҳад наздик шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Ғарб, ба хусус ИМА аз ҳар ҷониб нишон дод, ки масъалаи нагузоштани интиқоли мавод аз тариқи Узбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар муҳосираи иқтисодӣ қарор додани Тоҷикистон тавассути Узбекистон, кибергтерроризм ва ҷанги иттилооти (Жириновский, К+, Тутубулина) ва ғайра намунаи барҷастаи ин мубориз от буд.

Имрӯзҳо чунин ба назар мерасад, ки Россия яке аз бозингарони асосии минтақа дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Украина ва таҳримҳои иқтисодӣ ба андозае ором гаштааст. Дар асл чунин нест, зеро Россия ҳаргиз ба мақсади мусоидат ба ҳалли мушкилоти мавҷуда дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳимоя аз манфиатҳои миллии онҳо нест, балки дар талоши ҳимоя аз манфиатҳои миллӣ ва геостратегии худ мебошад. Ин масъала дар шароити кунунии минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман ҷаҳон, илова ба дастёб гаштан ба манбаҳои энергетикӣ, балки фаротар аз он ба масъалаҳои амниятӣ бар мегардад, зеро суббот ва амният дар минтақаи стратегии Осиёи Марказӣ, кафолати субботу амният дар кишвари паҳновари Россия буда, деворе дар роҳи амалӣ сохтани нақшаҳои геополитикии Ғарб ва ИМА мебошад. Ҳамин аст, ки бо истифода аз қувваҳо ва гурӯҳҳои ифротӣ ва радикалии дар боло зикршуда мехоҳанд нишон диҳанд, ки дар Осиёи Марказӣ марказҳои террористие вуҷуд доранд, ки онҳо нақша доранд бо кӯмаки «толибон» ва «ДОИШ» дар Осиёи Марказӣ «хилофати мусулмонӣ»-ро таъсис диҳанд, то дар байни кишварҳои ҷаҳон нуфуз ва қудрати кишварҳои ин минтақаро зери шубҳа қарор диҳанд.

Дигар падидае, ки ба мақсади ҷомаи амал пӯшонидани ҳадафҳои худ хеле моҳирона истифода мекунанд – ин маводи мухаддир аст, ки ба суботи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз он ҷумла Тоҷикистон таъсири амиқ мегузорад, зеро барои ҳеҷ кас пӯшида нест, ки фаъолиятҳои гурӯҳҳои радикалии исломӣ бо фурӯши маводи

мухаддир алоқамандии зич дорад.[20] Мутобиқи иттилои Созмони Милали Муттаҳид барои соли 2014 Афғонистон беш аз 80% маводи мухаддири ҷаҳониро истеҳсол мекунад. Соли 2014 фоидаи софи деҳқони афғон аз истеҳсоли маводи мухаддир аз ҷониби Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ дар ҳудуди миллиардҳо доллари ИМА арзёбӣ шудааст.[21]

Мутобиқ ба сарчашмаҳои ғайрирасмӣ бошад, дар соли 2014 даромади ҷаҳонӣ ва ё трансмилии маводи мухаддири Афғонистон аз 70 то 80 миллиард долларо ташкил додаст. Аз ин маблағ дар ҳудуди Афғонистон 1,5 миллиард доллар ба кишоварзон ва 3 миллиард ба қочоқчиён расида, боқимондаи он фоидаи софи табақаҳои ҷинояткори трансмилӣ мебошад.

Дар асоси далелҳое, ки Аҳмад Рашшод дар китоби худ «Толибон. Ислом. Нефт ва Бозии нави бузург дар Осиёи Марказӣ» овардааст, дар даврони солҳои 1992 то соли 1995 дар Афғонистон аз 220 то 240 тон маводи мухаддир истеҳсол гардида, ин кишвар дар баробари Пирма дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол кард. Фоидаи соф аз ин мавод барои гурӯҳҳои ҷиноятпеша 9,15 млрд.долларро ташкил дода буд. Аҳмад Рашшод хулоса мекунад, ки тиҷорати маводи мухаддир зери ниқоби ворид сохтани аслиҳа тавассути сохторҳои ҷосусии кишварҳои абарқудрат сурат мегирад.[22]

Ҳоло ҳаҷми маблағҳои аз муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳосилшуда ба андозае бузург аст, ки ба иқтисодиёт ва гузашта аз ин ба амнияти аксарияти кишварҳо таҳдид мекунад. Имрӯз ҳаҷми фоидаи солонаи тиҷорати маводи нашъаовар дар ҷаҳон баъди тиҷорати силоҳ мақоми дуюмро ишғол менамояд.

Ба ҳамин тариқ барои ба мақсадҳову ҳадафҳои худ расидан ва дастёб шудан ба манфиатҳои геополитикии хеш абарқудратон аз роҳҳо ва усулҳои гуногун истифода мекунанд. Дар ин самт онҳо аз идеология макиавеллизм ва принсипи асосии он барои «ҳадафи асосӣ расидан ҳама восита хуб аст». Лекин, чуноне ки қаблан зикр сохтем, воситаи санҷидашуда ва тазминшудаи онҳо ҷанг аст, зеро дар кучое, ки ҷанг аст дар он ҷо пурсиш нест, барои ҳисобӣ кардан зарурат нест, умуман худат медонӣ ва дави аспат. Ҳамин аст, ки Исроил ва ИМА дар ҳамкорӣ бо Арабистони Саудӣ ва баъзе аз кишварҳои дигари араб лоиҳаи наверо бо номи «ДОИШ» ва ё «Давлати исломии Ироқу Шом» тарҳрезӣ ва амалӣ сохтаанд, ки дар доираи он аз Баҳри Миёназамин то Ҳимолой бояд ба гирдоби ҷанг афтад ва Россия ба зону дарояд. Алакай ин лоиҳа барои онҳо натиҷаҳои чашмгиреро бар бор овардааст.

## АДАБИЁТ:

1. Морозов Ю. Перекройка политической карты?//Азия и Африка сегодня. – 2002. - № 7. – С.9.

2. Бахман Т. Поддержание безопасности Шелкового пути: подход ФРГ в отношении Центральной Азии//Центральная Азия в XXI веке: сотрудничество, партнерство и диалог. Материалы международной конференции. – Ташкент:

Шарк, 2004. - С.93-98; Создание нового Шелкового пути// Concordiam. Журнал по проблемам безопасности и обороны Европы. Том.4. № 1, 2013. – С.54-57 ва ғайра.

3. Хромов Ю. Интересы велких держав в Центральной Азии: взгляд из России. Центральная Азия в XXI веке: сотрудничество, партнерство и диалог. – С.99-104; Осиёи Марказӣ бо таваҷҷӯҳ ба мавқеияти жиупулитикӣ//www. Eftshacar.

4. Халид А. Туркестан в 1917-1922 годах: борьба за власть на окраине России//Трагедия великой державы: национальный вопрос и распад Советского Союза. – М., 2005. – С.189-226.

5. Примаков Е. Мир без России? К чему ведет политическая близорукость. – М.: ИИК «Российская газета», 2009. – С.9-14; 30-31; 63-80 и др.

6. Бжезинский З. Великая Шахматная доска. Господство Америки и его геостратегические императивы. – М.: Международные отношения, 1999.

7. Примаков Е. Мир без России? К чему ведет политическая близорукость. – С.67.

8. Акимбеков С. Афганский узел и проблемы безопасности Центральной Азии. – Алматы: КИСИ, 1998.

9. Фридман Дж. Следующие 10 лет /пер. с англ. А.Калинина. М.: Эксмо, 2011. – С.188; Ашимбаев М. Проблемы безопасности в Центральной Азии и механизмы их решения// Материалы международного круглого стола. – Алматы, 2001. – С.9-15.

10. Центральная Азия и региональные игроки//Центральная Азия до и после 11 сентября: геополитика и безопасность. – Алматы, 2002. – С.41-78; Месамед В. Иран: 10 - лет в постсоветской Центральной Азии//Центральная Азия и Кавказ. – Швеция, 2002. – №1. – С.32.

11. Фридман Дж. Следующие 10 лет. – С.148-162.

12. Примаков Е. Мир без России? К чему ведет политическая близорукость. – С.71-77.

13. Давлати исломӣ (ДОИШ) аз ибтидо то кунун. http:/www.sageir.ir.

14. Следующий на очереди – Иран?//vip.Lenta.Ru. -17.10.2002.

15. Примаков Е. Мир без России? К чему ведет политическая близорукость. – С.215-224.

16. Следующий на очереди – Иран?//vip.Lenta.Ru. – 17.10.2002.

17. Фридман Дж. Следующие 10 лет. – С.150-162.

18. Фридман Дж. Следующие 10 лет. – С.157.

19. Примаков Е. Ядерная опасность: Иран и Северная Корея//Мир без России? К чему ведет политическая близорукость. – С.215-235; Фридман Дж. Следующие 10 лет. – С.94.

20. Шпайзер О.А. Стратегии Евросоюза в Центральной Азии три года: оценка с европейской точки зрения//Стратегия Европейского Союза для Центральной Азии. Три года спустя. Материалы международного семинара. – Алматы, 2011. – С.87-116.

21. Центральная Азия после 2014 г.//http:/www.alternativa.org.

22. Стратегия Европейского Союза для Центральной Азии. Три года спустя. Материалы международного семинара. – Алматы, 2011.

23. http://www. fakrticomentaria.

24. Карсаков Ильяс. Политика Европейского Союза в Казахстане// Стратегия Европейского Союза для Центральной Азии. Три года спустя. – С.177.

25. Официальный сайт Управления Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC): http:www.unodc.org/

26. Аҳмад Рашод. Толибон. Ислом. Нефт ва Бозии нави бузург дар Осиёи Марказӣ; Колиссина И., Куртов А. Наркотическая «заря» над Центральной Азии – новая угроза цивилизации// Центральная Азия и Кавказ. – Швеция, 2002. - №5. – С.123.

## ПЕРЕФОРМАТИРОВАНИЕ СОВРЕМЕННОГО МИРА

*В данной статье рассмотрена одна из важнейших проблем современного мира, а именно новое деление политической карты мира, основанное на научных данных и на основе научнцх работ и статей западных и восточных авторов, представлена новая картина мира. Изучив вопросы раздела стран Востока, Балкан и бывшего Советского Союза, автор пришел к выводу, что имеет место раскол старой модели государственного устройства и замена географических названий, которые использовались в прошлом, новыми в рамках нового деления. Все эти мероприятия планируются и поэтапно реализуются в рамках нового проекта "Великий Север" и "Великий Юг".*

***Ключевые слова**: геополитика, разделение, политическая карта, север, юг, столкновение цивилизаций, большая игра, глобализация, процесс, переговоры, интервенции.*

## REFORMATTING THE MODERN WORLD

*This article reviewed one of the most important problems of the modern world, namely, a new division of the political map of the world, based on scientific data and on the basis of scientific works and articles of Western and Eastern authors, a new picture of the world is presented. Having studied the issues of the division of the countries of the East, the Balkans and the former Soviet Union, the author came to the conclusion that there is a split in the old model of state structure and the replacement of geographical names that were used in the past with new ones within the framework of the new division. All these activities are planned and gradually implemented within the framework of the new project "Great North" and "Great South".*

***Keywords***: *geopolitics, division, political map, north, south, clash of civilizations, great game, globalization, process, negotiations, interventions.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шамолов А.А. –** доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Тел. 200175858.

**Сведения об авторе: Шамолов А.А. –** доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник отдела Ближнего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Тел. 200175858.

**About the author: Shamolov A.A. -** Doctor of Philosophy, Professor, Chief Researcher, Department of the Middle East, Institute for the Study of Asian and European Problems, National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel. 200175858

## МАРҲИЛАИ ҲАМГИРОИИ КИШВАРҲОИ УЗВИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ (СОЛҲОИ 2011-2023)

**САЛИМОВ А.Ҳ.**

ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур марҳилаи раванди рушди ҳамгироии кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар давраи зикр гардида раванди ҳамгироии кишварҳои туркӣ ба ташаккули сохти институтсионалии он замина гузошт. Дар заминаи нишасти сарони кишварҳои туркзабон таъсис дода шудани Шурои кишварҳои туркзабон ҳамчун созмони минтақавӣ ва татбиқи сохтор, ҳадафҳо ва вазифаҳои он тибқи Созишномаи Нахҷувон, суръати раванди ҳамгироии кишварҳои туркиро тезонид. Дар ин ҷода баргузории Саммитҳои кишварҳои туркӣ ва фаъолияти зерсохторҳои таъсисёфта дар соҳаҳои мухталиф муҳим арзёбӣ гардиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *Саммитҳо, сарони кишварҳо, Шурои кишварҳои туркзабон, ҳамгироӣ, Созишномаи Нахҷувон, Созмони давлатҳои туркӣ, кишварҳои нозир, зерсохторҳо .*

Дар соли 1991 раванди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва паси ҳам сиҳибихтиёрии худро эълон намудани ҷумҳуриҳои тозаистиқлоли туркзабони Осиёи Марказӣ барои ҳамгироии давлатҳои туркӣ фазои мусоид фароҳам овард. Бояд эътироф кард, ки давлатҳои турктабор бори аввал дар таърих дар доираи созмони байналмилалӣ гирди ҳам омаданд. Таъсиси Шурои давлатҳои турктабор дар соли 2009 маҳсули ормонҳои ҷаҳони турк маҳсуб ёфта, идея ва умеди расидан ба он шояд садсолаҳо пеш оғоз шуда бошад.

Дар заминаи Созишномаи Нахҷувон, ки дар Саммити навбатии сарони давлатҳои туркзабон аз ҷониби президенҳои Озарбойҷон, Туркия, Қазоқистон ва

Қирғизистон 3-юми октябри соли 2009 дар Озарбойҷон ба имзо расонида шуд, Шурои ҳамкориҳои давлатҳои туркзабон (минбаъд Шурои давлатҳои туркзабон-ШДТ) таъсис дода шуд [18, с.162]. Таъсиси Шурои давлатҳои туркзабон ба давраи гузариш ба марҳилаи нави рушди равобити кишварҳои туркӣ дар бахшҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ мусоидат намуд.

Дар ин раванд нақши Созмони байналмилалии фарҳанги туркӣ *(тур. TURKSOY)*, ки соли 1993 таъсис дода шуд [9], назаррас аст. Нақши назарраси TURKSOY дар баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, ки ҳадафи ҳифз, таблиғ ва муаррифии фарҳанги туркиро дорад, ифода ёфтааст.

Мақсад ва вазифаҳои Шурои давлатҳои туркзабон дар моддаи 2-юми Шартномаи Нахҷувон дарҷ гардидааст, аз ҷумла: таҳкими боварии байниҳамдигарӣ, дӯстӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягии тарафҳо; таъмини сулҳ ва таҳкими амният дар миқёси минтақа ва хориҷ аз он; мавқеи умумӣ оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ; рушди ҳамкориҳои самарабахши минтақавӣ ва дуҷониба дар ҳама самтҳои марбут ба ҳадафҳои умумӣ; фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат ва сармоягузорӣ байни кишварҳои аъзо; муҳокима ва баррасии масъалаҳои таъмини волоияти қонун, идоракунии босамар ва риояи ҳуқуқҳои инсон; густариши ҳамкории муштарак дар соҳаи илм, маориф, технология ва фарҳанг; рушди ҳамкории мутақобила ва равобити зич бо васоити ахбори омма; мусоидат намудан дар мубодилаи иттилоот оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ [18, с.163].

Фаъолияти расмии Шурои давлатҳои туркзабон дар Саммити Истанбул санаи 15-16 сентябри соли 2010, ки бо иштироки бевоситаи сарони кишварҳои туркзабон: президенти Қазоқистон - Нурсултон Назарбоев, Туркия – Абдулло Гул, Озарбойҷон – Илҳом Алиев, Қирғизистон – Роза Атамбаева ва Туркманистон – Қурбонгулӣ Бердимуҳаммедов ба вуқуъ пайваст, эълон гардид [17, с.37]. Илова бар ин, соли 2010 дар пойтахти Қазоқистон – Остона Академия кишварҳои туркӣ таъсис дода шуд. Дар Созишномаи Нахҷувон рисолат ва ҳадафҳои созмон, сохтор, самтҳои ҳамкорӣ, шуроҳо ва кумитаҳо дар доираи созмон, буҷа, имтиёзҳо, равобити байналмилалӣ ва масъалаҳои ҳалли низоъҳо дарҷ гардиданд.

Ҳамин тавр, Саммити Нахҷувон қадами таърихӣ шуморида шуда, муносибатҳои давлатҳои туркиро ба як ниҳод табдил дод. Таъсиси Шурои давлатҳои туркзабон ба рушди робитаҳои илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои мазкур такони ҷиддӣ бахшид.

Дар Саммити якуми Шурои давлатҳои туркзабон, ки 21-уми октябри соли 2011 дар шаҳри Алмаато баргузор гардид, мавзуи рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар мадди аввал гузошта шуд [16, с.478]. Дар ин замина, қарордод дар бораи таъсиси Шурои муштараки тиҷоратии кишварҳои туркзабон ба мақсади эҳёи равобити иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ва фаъолияти иқтисодии минтақавӣ дар ҷаҳони турк ба имзо расид [23]. Созишнома ва қарордодҳое, ки

дар ҳошияи саммити мазкур қабул гардиданд, ҳадафи ба як сохтори институтсионалӣ табдил додани Шурои давлатҳои туркзабонро дошт.

Саммити 2-юми Шурои давлатҳои туркзабон 23-юми августи соли 2012 дар шаҳри Бишкек, пойтахти Қирғизистон баргузор шуд. Пеш аз ин чорабинӣ, яъне дар таърихи 22-юми августи соли 2012 дар ҷаласаи 2-юми вазирони корҳои хориҷии давлатҳои узви Шурои давлатҳои туркзабон, ки дар шаҳри Бишкек доир гардида буд, парчами расмии Шурои давлатҳои туркзабон қабул карда шуд. Парчам рамзҳои чаҳор кишвари узвро доро буда, ранги худро аз парчами Қазоқистон, офтобро дар мобайн аз парчами Қирғизистон, ҳилолро аз парчами Туркия ва ситораи 8-гушаро аз парчами Озарбойҷон гирифтааст [15]. Парчами Шурои давлатҳои туркзабон дар ҷаласаи якҷояи он шӯро, ки бо иштироки сарони давлатҳои туркзабон 23-юми августи соли 2012 сурат гирифта буд, расман тасдиқ карда шуд.

Дар ҷараёни Саммити 2-юми Шурои давлатҳои туркзабон бо ташаббуси ҷониби Озарбойҷон эъломия дар бораи таъсиси Фонди фарҳанг ва мероси давлатҳои туркзабон қабул карда шуд. Мақсад аз таъсиси фонди мазкур дастгирӣ ва маблағгузории барномаҳо ва лоиҳаҳое мебошад, ки ба ҳифз, таҳқиқот, ташвиқу тарғиби фарҳанг ва мероси туркӣ нигаронида шудаанд [1]. Фонди фарҳанг ва мероси давлатҳои туркӣ омода намудани мутахассисонро ҷиҳати ҳифз ва эҳёи фарҳанги туркӣ дастгирӣ мекунад.

Мавзуи асосии Саммити сеюми Шурои давлатҳои туркзабон дар шаҳри Габалаи Озарбойҷон, ки 16-уми августи соли 2013 баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифтани масъалаи ҳамкориҳои кишварҳои туркӣ дар соҳаи нақлиёт ва соддагардонии расмиёти гумрукӣ ба шумор рафтааст [3].

Вобаста ба он, собиқ президенти Туркия Абдулло Гул дар ҳамоиши мазкур таъкид намудааст, ки шабакаи нақлиётӣ яке аз муҳимтарин иқдом дар самти ҳамкориҳо маҳсуб ёфта, ҳамгироии иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳони турк ба густариши инфрасохтори нақлиётӣ алоқаи зич дорад [7, с.150]. Масъалаи нақлиёт барои кишварҳои узви Шурои давлатҳои туркзабон муҳим маҳсуб меёбад.

Кишварҳои узви Шуро дар Саммити Габала инчунин ёддошти тафоҳумро оид ба ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои узви Шурои давлатҳои туркзабон ба имзо расониданд [21, с.49].

Пас аз ин, дар моҳи июни соли 2014 дар шаҳри Бодруми Туркия нишасти чаҳоруми Шурои давлатҳои туркзабон, ки мавзуи асосии он ба "Ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ" бахшида шуда буд, баргузор гардид. Саммити мазкур таҳти роҳбарии собиқ президенти Туркия Абдулло Гул ва бо иштироки роҳбарони Қазоқистон, Озарбойҷон, Қирғизистон ва Туркманистон ҷараён гирифта, дар он инчунин масъалаҳо дар бахшҳои иқтисод, энергетика ва амният низ баррасӣ карда шуданд [16, с.480]. Бояд қайд кард, ки шаҳри Бодрум яке аз арзишмандтарин марказҳои Туркия аз нигоҳи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Инчунин, Бодрум яке аз мавзеъҳои стратегии кишвари Туркия мебошад, ки ҳамасола сайёҳони зиёдеро аз тамоми ҷаҳон ҷалб мекунад. Дар ин мавзеъ баррасии масоили ҳамкориҳои мақсадноки соҳаи сайёҳӣ дар самти ҳамкории миёни давлатҳои туркӣ аҳамияти бузург дорад.

Дар Эъломияе, ки дар ҷараёни Саммити Бодрум ба имзо расид, азми қавии ҷонибҳо барои таҳким ва густариши ҳамбастагӣ дар асоси таърих, забон, фарҳанг ва анъанаҳои муштараки халқияти туркзабон махсусан таъкид шудааст. Дар баробари ин зикр гардидааст, ки таваҷҷуҳи тарафҳо ба таҳкими амнияти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои аъзо дар асоси принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳад нигаронида шудааст [7, с.150].

Ҳамчунин, дар саммит самтҳои мушаххаси амиқсозии ҳамкорӣ ҷиҳати таъсиси фонди муштараки сармоягузорӣ барои кишварҳои туркӣ, имкониятҳои нақлиётӣ, туризми зери тамғаи “Роҳи абрешим” ва таҳкиму густариши ҳамкориҳои башардӯстона кор карда шуд [27, с.99].

Гузашта аз ин, 11-уми сентябри соли 2015 дар шаҳри Остонаи Қазоқистон Саммити панҷуми ШДТ зери мавзуи “Ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот” бо иштироки Президентҳои Қазоқистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, ҷонишини сарвазири Туркманистон ва Раиси Маҷлиси Ҷумҳурии Туркия баргузор шуд [29, с.85].

Дар Эъломияи Остона чанд тасмимҳо дар бахшҳои амният, иқтисод, фарҳанг, маориф ва илм роҳандозӣ гардиданд. Пеш аз ҳама, дар соҳаи иқтисод ва амният тасмимҳо чунин хулосабандӣ карда шуданд: амалиёти муштарак дар муқовимат бо терроризм, пуританизм ва табъиз; саъю кушиш барои таъмини сулҳ ва мувозинат дар минтақа; қабули забон ва мавқеи ягона алайҳи чолишҳое, ки аз муҳити геополитикӣ бармеоянд; татбиқи иқтидори долони транзитии баҳри Хазар; таҳким ва ҳавасмандгардонии ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодӣ дар минтақаи Роҳи Абрешим ва бунёди долони нақлиётии байниқитъавии Авруосиё, ки аз кишварҳои узви СДТ мегузарад; дастгирии иқдомот дар бунёди Фонди муштараки сармоягузории туркӣ; таъмини ҳалли масъалаҳои Қарабоғи Кӯҳӣ дар бораи соҳибихтиёрӣ ва ягонагии ҳудудии Ҷумҳурии Озарбойҷон; сармоягузории ташаббусҳо ҷиҳати ба даст овардани мақоми нозир дар Созмони Милали Муттаҳид барои Шӯрои давлатҳои турктабор [24].

Илова бар ин, дар соҳаи фарҳанг ва маориф Академияи байналмилалии туркӣ (Созмони ҳамкории кишварҳои туркӣ оид ба ҳамкорӣ дар самти илм ва маориф) китоберо бо номи “Китоби дарсии таърихи умумии туркҳо” интишор намудааст, ки дар он оид ба таърихи ҷуғрофияи туркҳо то асри XV маълумот дода шудааст. Бо ҳамин маъно, ҷиҳати ташвиқу тарғиби иттилооти маъмулӣ ва фарҳанги туркӣ дар ҷараёни Саммит тасмим гирифта шуд, ки шабакаи телевизионӣ зери унвони “Шабакаи хабарии байналмилалии туркӣ” таъсис дода шавад. Гузашта аз ин, аз ҷониби президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев пешниҳод шуд, ки кишварҳои туркзабонро зарур аст ҳамкориро дар соҳаи

маориф ва илм тақвият бахшанд ва ба ин манзур Донишгоҳи Аҳмади Яссавиро метавон ба нахустин Донишгоҳи ҳамгироии кишварҳои узв табдил дод [24].

Саммити 6-уми Шурои кишварҳои туркзабон 3-юми сентябри соли 2018 дар шаҳри Чолпон-Отаи Қирғизистон дар мавзуи “Ҷавонон ва варзиши миллӣ” баргузор шуд. Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев, президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, президенти Ҷумҳурии Туркия Раҷап Тайип Эрдуғон, президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва сарвазири Маҷористон Виктор Орбан дар нишасти мизбонии президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбей Жеэнбеков ширкат карданд. Додани мақоми нозир ба Маҷористон ва тасвиби ҳамгироии кишварҳои туркӣ, аз ҷумлаи мавзуҳои муҳимми рӯзномаи Саммит буд. Илова бар ин, дар нишасти Чолпан-Ато барои густариши ҳамкорӣ дар бахши ҷавонон ва варзиш гуфтушунидҳо сурат гирифтанд.

Президенти Туркия Р.Т. Эрдуғон зимни суханронии худ дар Саммити мазкур чунин ибрози андеша намудааст: “Он чизе, ки имрӯз моро ба ҳам меорад, яъне, на танҳо забон, таърих ва фарҳанги мо, балки хоҳиш ва иродаи мо барои бунёди ояндаи амн ва шукуфон аст”. Инчунин, Р.Т. Эрдуғон дар идомаи суханҳояш нуқтаи назари Туркияро нисбат ба ҳамкориҳо бо ҷаҳони турк чунин ифода кардааст: "Муҳим аст, ки мо барои пешрафту шукуфой, рушди бомуваффақ ва дар муборизаи муассир бо мушкилоте, ки дучор мегардем, муттаҳид бошем" [16, с.481].

Сарони давлатҳо Эъломияи Саммити 6-уми ШДТ-ро қабул карданд. Қарор дар бораи додани мақоми нозир ба кишвари Венгрия дар ШДТ қабул карда шуд. Кишварҳои узви Шуро инчунин консепсияи ҳамгироии кишварҳои туркзабон, изҳороти муштараки сарони кишварҳои узви ШДТ дар бораи рушди ҳамкориҳо дар соҳаи варзиши миллӣ ва сиёсати ҷавонон, инчунин изҳороти муштараки сарони кишварҳои узви СДТ-ро оид ба ҷашни 90-солагии Чингиз Айтматов қабул намуданд [27, с.102]. Бояд қайд кард, ки дар Эъломия дастовардҳо ва дурнамои ҳамкориҳои минбаъда дар бахши ҷавонон ва варзиш, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсати хориҷӣ, амният ва робитаҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, инчунин дар самти равобити иҷтимоӣ, ВАО, фарҳанг, маориф ва илм дар ҷаҳони турк дарҷ карда шуданд.

Пас аз як соли Саммити VI дар Чолпан-Ота, 15 октябри соли 2019 дар пойтахти Озарбойҷон шаҳри Боку нишасти VII Шурои давлатҳои туркзабон баргузор гардид. Саммити Боку, бинобар рост омадан ба 10-солагии имзои Созишномаи Нахҷувон, ки ба таъсиси Шурои давлатҳои туркзабон замина гузошт ва пазируфта шудани Ӯзбекистон ҳамчун кишвари аъзо дар ШДТ, хеле муҳим арзёбӣ гардид [10].

Назарбоев, ки дар ташаккули Шурои кишварҳои туркзабон нақши муҳим бозидааст, зимни суханронӣ дар ин нишаст чунин ибрози андеша намуд: “Саҳифаи нави таърих кушода мешавад. Шурои давлатҳои туркзабон дар саросари ҷаҳон дар бахшҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ шуҳрат пайдо кард. Ҳамзамон,

мо ҳамгироии худро дар ҷаҳони туркӣ тақвиятдода меҳисобем. Ҳамкории кишварҳои турkзабон ба сатҳи нав баромад” [26]. Ҳамчунин Н. Назарбоев дар баромади худ ба муваффақиятҳои Шурои давлатҳои турkзабон дар раванди ҳамгирой ишора кард.

Дар ин замина Н. Назарбоев ҷиҳати рушди минбаъдаи Шӯрои давлатҳои турkзабон пешниҳод намуд, ки барномаи “Turkic Vision 2040” таҳия карда шавад ва дар он бояд ҳадафҳои дарозмуддати ҷомеаи турктабор ва роҳҳои расидан ба онҳо инъикос ёбанд. Илова бар ин Н. Назарбоев қайд менамояд, ки ба шарофати консепсияи “Turkic Vision 2040” кишварҳои туркӣ ба таҳкими ҳамкорӣ дар самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла, дар бахши сиёсати хориҷӣ ва сиёсати “неруи нарм”, тиҷорат ва транзит, сайёҳӣ ва сармоягузорӣ, энергетика ва иқтисоди сабз, соҳибкории хурду миёна такони ҷиддӣ хоҳанд дод. Пешниҳоди дигаре, ки аз ҷониби президенти аввали Қазоқистон дар Саммити Боку садо дод, дарояндаи наздик баррасии тағйири номи Шурои давлатҳои турkзабон ҷиҳати баланд бардоштани мақоми он ҳамчун Созмони давлатҳои туркӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад [6].

Бояд қайд намуд, ки дар доираи Созмони давлатҳои туркӣ саммитҳои маҷозӣ (онлайнӣ) низ баргузор гардиданд. Мавзуи ҳамкорӣ “Ваҳдат ва ҳамкорӣ дар мубориза бо пандемияи ҷаҳонии COVID-19” дар ҳамоиши маҷозӣ, ки 10 апрели соли 2020 баргузор шуд, дар мадди аввал қарор гирифт. Чунин нишасти маҷозӣ дар таърихи СДТ ҳамчун ҷаласаи ғайринавбатӣ пазируфта шуд. Дар ҳамоиши онлайнӣ, ки таҳти раисии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбей Жээнбеков, Президенти Туркия Раҷаб Тайип Эрдуғон, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов, Сарвазири Маҷористон Виктор Орбан ва Дабири кулли Шӯрои давлатҳои турkзабон Бағдот Амреев иштирок доштанд [28]. Чи тавре ки аз эъломияи қабулгардида бармеояд, соли 2020 марҳилаи авҷ ва фарогирии пандемияи COVID-19 маҳсуб ёфтааст, аз ин лиҳоз аз ҷониби кишварҳои аъзои СДТ зарурати ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба бидуни табъиз дар мубориза бо пандемия COVID-19 таъкид гардид [19]. Ҷалби Шурои давлатҳои турkзабон ба ҳалли мушкилоти глобалӣ аз нигоҳи боло бурдани сатҳи ҳамгироии созмон муҳим арзёбӣ гардид.

Пас аз нишасти ғайринавбатии моҳи апрели соли 2020 боз як нишасти ғайрирасмӣ 31 марти соли 2021 дар шакли маҷозӣ (онлайнӣ) баргузор шуд. Дар ин ҳамоиш ба шаҳри Туркистони Қазоқистон унвони пойтахти маънавии ҷаҳони турк дода шуд [14, с.25].

Ба ҳамгирой, ки дар баробари мавзуи ҳамкории кишварҳои турkзабон ташаккул ёфт, дар Саммити Истанбул таърифи нав дода шуд ва номи созмон ҳамчун Созмони кишварҳои туркӣ таҷдиди назар шуд. Аз ин лиҳоз, Саммити

Истанбул дар ивази номи сохтор миёни кишварҳои туркӣ мавқеи муҳим пайдо кард.

Саммити VIII Шурои кишварҳои туркзабон, ки 12 ноябри соли 2021 дар шаҳри Истанбул баргузор гардид, яке аз марҳилаҳои муҳимми ҳамкориҳои ҷаҳони турк пазируфта шуд. Саммит зери унвони "Технологияҳои сабз ва шаҳрҳои интеллектуалӣ дар асри рақамӣ" таҳти раёсати Президенти Туркия Раҷап Тайип Эрдуғон ва иштироки сарони давлатҳои туркзабон-Қурбонгулӣ Бердимуҳамедов (Туркманистон), Шавқат Мирзиёев (Ӯзбекистон), Содир Ҷапаров (Қирғизистон), Қосим Ҷомарт Тоқаев (Қазоқистон) ва Илҳом Алиев (Озарбойҷон) баргузор гардид. Инчунин, дар Саммити мазкур сарвазири Маҷористон Виктор Орбан ва Дабири кулли Созмони давлатҳои туркӣ Бағдот Амреев низ ширкат намуданд [10].

Қарор дар бораи баргузории Саммити XIX сарони давлатҳои туркӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон дар соли 2022 қабул шуд. Илова ба тағйири номи Шурои давлатҳои туркзабон ба Созмони давлатҳои туркӣ ва додани мақоми кишвари нозир ба Туркманистон, як қатор санадҳо низ ба имзо расиданд, ки намунаи онҳо лоиҳаи консепсияи "Ҷаҳони турк то давраи соли 2040", қарор "Дар бораи таъсиси Фонди сармоягузории туркӣ", қарор "Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи мақоми нозир дар Созмони давлатҳои туркӣ", қарор "Дар бораи таъсиси мақоми шарикӣ дар Созмони давлатҳои туркӣ" мебошанд. Эъломияи Саммити VIII сарони давлатҳои туркӣ дар ҳаҷми 121 банд нашр шуда, дар он масъалаҳои дуҷониба, бисёрҷониба, минтақавӣ, байналмилалӣ ва глобалӣ, ки мавриди таваҷҷуҳи хосаи ҷаҳони турк қарор гирифтааст ва мавқеи асосии ҳамкориҳоро муайян месозад, дарҷ гардиданд [13, с.81].

Профессор Ҷенгиз Томар зимни мусоҳиба бо харабнигории "Анадолу" ишора намудааст, ки ҳамгироии иқтисодӣ қисми муҳимтарини консепсияи "Ҷаҳони турк то давраи соли 2040" ба шумор рафта, банди санади мазкур дар бораи табдил додани кишварҳои узв ба як ниҳоди пурқуввати иқтисодии минтақавӣ, ки долонҳои тиҷоратии Шарқ, Ғарб, Шимол ва Ҷанубро барои мусоидат ба суботи иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мепайвандад, ҳадафи асосии Созмони кишварҳои туркиро дар соҳаи иқтисод инъикос мекунад [4].

Ҳамин тавр, марҳилаи нави ҳамгироии кишварҳои туркӣ аз соли 2021 оғоз шуд. Фазои ҷуғрофии СДТ васеъ шуда, давраи нави таҳкиму рушди ҳамкориву ҳамгироии кишварҳои туркзабон оғоз гардид.

11 ноябри соли 2022 Саммити XIX Созмони давлатҳои туркӣ дар шаҳри Самарқанд бо мизбонии президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавқат Мирзиёев ва иштироки сарони кишварҳои узв-Озарбойҷон, Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон, намояндагони кишварҳои нозир-Маҷористон ва Туркманистон зери унвони "Давраи нави тамаддуни туркӣ: ба сӯйи рушд ва шукуфоии муштарак" баргузор шуд [22].

Ҳамоиш, ки бори аввал дар Ӯзбекистон пас аз шомил шудан ин кишвар ба СДТ баргузор шуд, дар ҷаҳони турк саҳифаи наверо боз кард. Дар Эъломияи Самарқанд нуқтаҳои муҳими ҳамкориҳои кишварҳои туркӣ дар самти амният ва сиёсати хориҷӣ дарҷ гардиданд. Дар раванди ҳамоиш аз ҷониби сарони кишварҳо даъват ба ҳамкориҳои боз ҳам наздиктар дар бахши саноати ҳарбӣ таъкид карда шуд [8].

Яке аз масъалаҳои муҳимми Саммити СДТ дар эъломияи Самарқанд дарҷгардида тасмими ба узвияти нозири Созмони давлатҳои туркӣ қабул кардани Ҷумҳурии туркии Киприси Шимолӣ мебошад, ки бори аввал расман муаррифӣ намудани ҷумҳурии номбурда дар сатҳи ташкилоти байналхалқӣ маҳсуб ёфтааст.

Бо ташшаббуси президенти Озарбойҷон ва иштироки сарони давлатҳои кишварҳои туркӣ ва намояндагони расмии кишварҳои нозир 16 марти соли 2023 дар шаҳри Анкараи Туркия Саммити ғайринавбатии Созмони давлатҳои туркӣ баргузор гардид [20]. Ҳамоиши ғайринавбатӣ, ки ба мавзуи “Офатҳои табиӣ-назорати ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмаки башардӯстона” бар асари заминларзаи охир дар қисмати ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии Туркия бавуқуъпайваста бахшида шуда буд, ба минбари сатҳи баланди баррасии масъалаи рӯзномаи фавқулоддаи Созмони давлатҳои туркӣ табдил ёфт.

Саммити X Созмони давлатҳои туркӣ санаи 3-юми ноябри соли 2023 дар шаҳри Остонаи Қазоқистон зери раёсати президенти ин кишвар Қосим Жомарт Тоқаев ва иштироки бевоситаи сарони давлатҳои туркӣ ва кишварҳои нозир баргузор гардид [11].

Чи тавре ки Болат Ауелбаев-сармутахассиси шуъбаи Осиёшиносии Институти таҳқиқоти стратегии назди президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳошияи саммити баргузоргардида андешаронӣ намудааст, Шурои кишварҳои турказабон аз моҳи ноябри соли 2021, аз лаҳзаи ивази ном дар Саммити Истанбул, ҳамчун Созмони давлатҳои туркӣ фаъолияти худро идома дода истодааст. Аммо, сарфи назар аз чунин муддати кӯтоҳи ҳастӣ, он аллакай таҷрибаи ғании ҳамкорӣ, таърихи ғании муносибатҳо ва таҷдиди анъанаҳои фарҳангиро дорад [2].

Илова бар ин, дар Саммити Остона, ки таҳти шиори “Давраи туркӣ” баргузор гардид, 12 санад, аз ҷумла: санади Остона; Эъломияи Саммити X Созмони давлатҳои туркӣ; Қарори якҷояи сарони давлатҳои туркӣ оид ба сарфароз гардонидани президенти Ҷумҳурии Узбекистон бо нишони олии “ҷаҳони туркӣ”; Қарори сарони давлатҳои туркӣ дар бораи додани мақом ба марказҳои молиявии ҷаҳони туркӣ; Қарор дар бораи қабули парчами нави созмони ҳамкории туркӣ; Қарори сарони давлатҳои туркӣ оид ба таъйинот; Қарор дар бораи додани мақоми нозир ба Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар Созмони давлатҳои туркӣ; Қарор дар бораи тасдиқи санаи 6-уми феврал ҳамчун Рӯзи ёдбуди қурбониёни офат ва ҳамбастагии Созмони давлатҳои туркӣ; Қарор

дар бораи низоми идоракунии буҷети Котиботи Созмони давлатҳои туркӣ; Қарор дар бораи таҳия ва коркарди “Низомнома дар бораи намояндагони доимии Созмони давлатҳои туркӣ”; Рӯзномаи ҷаласа оид ба ҳамкориҳои муассисаҳои дахлдори давлатҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ дар соҳаи метрология ва Нақшаи амалиёти муштараки (харитаи роҳ) Созмони давлатҳои туркӣ дар бораи татбиқи барномаи равобити нақлиётӣ барои солҳои 2023-2027 имзо гардиданд [12].

Дабири кулли Созмони давлатҳои туркӣ Кубаничбек Омуралиев зимни иштирок ва суханронӣ дар Саммити Остона қайд намудааст, ки ҳаҷми гардиши мол миёни кишварҳои СДТ дар як сол ба $42 млрд. расонида шудааст [5]. Дар ҳамоиши мазкур оид ба зарурият ва муҳиммияти ҳамгироии иқтисодии кишварҳои узви СДТ низ таъкид карда шуд.

Дар Саммити Остона ғайр аз муҳокимаи масъалаҳои калидии соҳаҳои иқтисод, савдо, нақлиёт ва гумрук инчунин қазияи Ғазза низ мавриди баррасии сарони кишварҳои туркӣ қарор дода шуд. Кишварҳои узви СДТ пуштибонии худро оид ба ҳуқуқ ва озодии мардуми Фаластин ва таъсиси давлати Фаластин, инчунин расонидани кӯмаки башардӯстона ва хотима бахшидан ба амалиёти ҷангӣ дар ин мавзеъ иброз намуданд.

Ҳамин тавр, Саммити таърихии СДТ (Саммити VIII Шурои давлатҳои туркзабон), ки дар Истанбул соли 2021 баргузор гардид, барои кишварҳои узви Созмони давлатҳои туркӣ давраи муҳим, яъне оғози марҳилаи нави ҳамгироӣ арзёбӣ гардид. Дар баробари тағйири унвони Шурои давлатҳои туркзабон ба Созмони давлатҳои туркӣ, санад дар бораи “Дурнамои ҷаҳони турк то давраи соли 2040” қабул гардид, ки воқеан тавсифи равшантарро дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои СДТ дар бар гирифта, хусусияти такони ҷиддии масъулияти худшиносии бисёрҷонибаи кишварҳои аъзоро муайян мекунад.

Солҳои охир дар СДТ ба масъалаҳои таҳкими робитаҳои сиёсӣ, амниятӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, инчунин рушди долонҳои транзитии байниқитъавӣ диққати бештар дода мешавад. Инчунин фазои ҷуғрофии СДТ бо шомил шудани Ӯзбекистон дар соли 2019 ҳамчун узви комилҳуқуқ ва ба ҳайси кишвари нозир эътироф намудани Туркманистон васеъ шуда, ҳамкории кишварҳои узви созмон дар минтақаи Авруосиё фаъол гардид.

Дар ин замина таҳия ва дар амал татбиқ намудани консепсияи “Дурнамои ҷаҳони турк то давраи соли 2040”, ки барои ҳамгироии ҳамаҷонибаи амиқи давлатҳои туркӣ ҳамчун “харитаи роҳ” арзёбӣ гардидааст, ҳадафи ба нуқтаи ниҳоии ҳамгироӣ расонидани кишварҳои СДТ-ро дорад.

**АДАБИЁТ:**

1. Азербайджан — Организация тюркских государств. Электронный ресурс: https://azerbaijan.az/ru/related-information/201 Дата обращения: 12.07.2024;

2. Ауелбаев Б. Саммит глав стран-участниц Организации тюркских государств (ОТГ) в Астане. URL: https://kisi.kz/ru/sammit-glav-stran-uchastnich-

organizachii-tjurkskih-gosudarstv-otg-v-astane/Астана, 7.11.2023. Дата обращения: 02.10.2024;

3. Кажибаева Р.Ж. Тюркский совет: новый формат сотрудничества.// Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки, № 8, 2015 г.

4. «Концепция тюркского мира до 2040 года» и перспективы развития. URL: https://www.infoabad.com/218-koncepcija-tyurkskogo-mira-do-2040-goda-i-perspektivy-razvitija.html 22.11.2021. Дата обращения: 23.09.2024;

5. Логинова К. Турецкий аудит: на Саммите ОТГ обсудили ситуацию в Газзе. Экономическое Взаимодействие. [Электронный ресурс] URL: https://iz.ru/1599972/kseniia-loginova/turetckii-audit-na-sammite-otg-obsudili-situatciiu-v-gaze 04.11.2024. Дата обращения: 03.10.2024;

6. Назарбаев Н. предложил пересмотреть название Тюркского совета. URL: https://tengrinews.kz/world_news/nazarbaev-predlojil-peresmotret-nazvanie-tyurkskogo-soveta-381670/. 15.10.2019. Дата обращения: 18.09.2024;

7. Парубочая Е.Ф. Интеграция тюркского мира на современном этапе. Изд. «Грамота». Тамбов, 2016. № 6(68): в 2-х ч. Ч. 1. С. 147-151.

8. По итогам IX Саммита Организации тюркских государств подписаны Самаркандская декларация и ряд документов. URL: https://azertag.az/ru/xeber/po_itogam_ix_sammita_organizacii_tyurkskih_gosudarstv_pod-pisany_samarkandskaya_deklaraciya_i_ryad_dokumentov-2371808 11.11.2022. Дата обращения: 23.09.2024;

9. Созмони байламилалии фарҳанги туркӣ. Сомонаи расмӣ. URL: https://www.turksoy.org/ru-RU/istoriya-tyurksoj Санаи муроҷиат: 18.10.2024;

10. Сомонаи расмии Созмони давлатҳои турктабор. URL: https://www.turkicstates.org/tr/organizasyon-tarihcesi. Санаи муроҷиат: 18.09.2024.

11. Состоялся X саммит Организации тюркских государств. [Электронный ресурс] URL: https://www.akorda.kz/ru/sostoyalsya-x-sammit-organizacii-tyurkskih-gosudarstv-3105444 03.11.2023. Дата обращения: 02.10.2024;

12. Юбилейный X саммит Организации тюркских государств: с глобальным размахом и прагматичным прицелом. [Электронный ресурс] URL: https://caspian.institute/product/direkciya-regionalnyh-programm-kisi/yubilejnyj-h-sammit-organizacii-tyurkskih-gosudarstv-s-globalnym-razmahom-i-pragmatichnym-pricelom-38541.shtml 07.11.2023. Дата обращения 02.10.2024;

13. Юйянь Чжан. Организация тюркских государств (ОТГ): происхождение, мотивы, особенности и влияния. // Вестник Пермского университета. ПОЛИТОЛОГИЯ. Т. 17. №1. 2023. Стр. 81-87.

14. 21. Yüzyilin parlayan yildizi. Türk Devletleri Teşkilati. İstanbul, 2023.- p. 360

15. Amirbek A., Anuarbekuly A., Makhanov K. Türk dili konuşan ülkeler entegrasyonu: tarihsel geçmişi ve kurumsallaşmasi. ANKASAM | Bölgesel Araştırmalar Dergisi. 2017.

16. Akçapa Mevlüt. 2023. Türk Devletleri Teşkilatı'nın Tarihsel Gelişimi: Teşkilatın Dünü, Bugünü ve Yarını. Avrasya Uluslararası Araştırmalar Dergisi, 11(34), 473-491.

17. Aydın M.E., Liu Y. Organization of Turkic States: Diverse Motivations for A Common Aim. Journal of Political Sciences, 33(1):35–54

18. Azimov H. Objectives and tasks of the Organization of turkic states. Global Journal of Arts Humanity and Social Sciences. 2023, Vol-3, page 162-164.

19. Baku Declaration of the Extraordinary Summit of the Cooperation Council of Turkic Speaking States",Organization of Turkic States. URL: https://www.turkicstates.org/assets/pdf/temel_belgeler/extraordinary-summit-baku-declaration-2020-17-en.pdf . Санаи муроҷиат: 17.09.2024;

20. Extraordinary Summit of the Organization of Turkic States was held in Ankara. URL: https://www.turkicstates.org/en/haberler/extraordinary-summit-of-the-organization-of-turkic-states-was-held-in-ankara_2850 16.03.2023. Дата обращения: 24.09.2024;

21. Deniz Ü. The analysis of the integration process of the Organization of Turkic states (OTS) from a neofunctionalist perspective. In partial fulfillment of the requirements for the degree of master of science in the Department of Eurasian Studies. 2023, p. 158

22. Gizem COŞKUN. Türk Devletleri Teşkilati'nin sosyal inşaci teori çerçevesinde analizi. Yüksek Lisans Tezi. Ankara, 2023. – s.149

23. KAYGUSUZ Yeşim. 2020. "Kuruluşunun 10.Yılında Türk Konseyi'nin Türkiye ile Diğer Üye Ülkeler Arasındaki Ticarete Etkileri". TESAM Akademi Dergisi: 199-236.

24. Lidiya Parkhomchik, Hayal Ayça Şimşek, Saule Akhmetkaliyeva and Aidarbek Amirbek, "V Summit of the Turkic Council: Common Information Space and Enhancing Multilateral Cooperation",Eurasian Research Institute 33, September 2015. URL: https://eurasian-research.org/wp-content/uploads/2020/06/aae-bulten-en-33.pdf Санаи муроҷиат: 16.09.2024.

25. Pirinççi Ferhat. 2022. "Semerkant Zirvesinin Ardından Türk Devletleri Teşkilatı". URL: https://www.setav.org/yorum/semerkant-zirvesinin-ardindan-turk-devletleri-teskilati 12 Kasım 2022. Erişim Tarihi: 23.09.2024;

26. Rehimov R. Türk Konseyi 7. Zirvesi'nde liderlerden önemli mesajlar. URL:https://www.aa.com.tr/tr/dunya/turk-konseyi-7-zirvesinde-liderlerden-onemli-mesajlar-/161465. Санаи муроҷиат: 17.09.2024.

27. SHADYBEKOV K. The Cooperation council of Turkic speaking states: main stages and prospects of development. Turkic council | 10th anniversary of the Nakhichevan agreement. Baku, 2019. p. 140

28. Türk dili konuşan ülkeler işbirliği konseyi olaganüstü zirvesi. Bakü bildirisi. URL: https://www.turkicstates.org/assets/pdf/temel_belgeler/ola-ganustu-zirve-baku-bildirisi-2020-17-tr.pdf . Санаи муроҷиат: 17.09.2024;

29. Zarema Shaukenova, "Turkic Council: Achievements and Prospects", p.140

# ЭТАП ИНТЕГРАЦИИ СТРАН-ЧЛЕНОВ ОРГАНИЗАЦИИ ТУРЕЦКИХ ГОСУДАРСТВ (2011-2023 гг.)

*В данной статье анализируется этап развития интеграционного процесса государств-членов Организации тюркских государств (ОТГ). В указанный период процесс интеграции тюркских стран заложил основу для создания ее институциональной структуры. Создание Совета тюркоязычных стран как региональной организации и реализация его структуры, целей и задач в соответствии с Нахчыванским соглашением ускорили процесс интеграции тюркоязычных стран на основе встречи глав тюркоязычных стран. Здесь важным считалось проведение Саммитов тюркских стран, и деятельность созданных зонтичных организаций ОТГ в различных сферах.*

***Ключевые слова:*** *саммиты, главы государств, Совет тюркоязычных стран, интеграция, Нахчыванское соглашение, Организация тюркских государств, страны-наблюдатели.*

# THE INTEGRATION STAGE OF THE MEMBER STATES OF THE ORGANIZATION OF TURKISH STATES (2011-2023)

*This article analyzes the stage of development of the integration process of the member states of the Organization of Turkic States (OTG). During this period, the process of integration of the Turkic countries laid the foundation for the creation of its institutional structure. The establishment of the Council of Turkic Speaking Countries as a regional organization and the implementation of its structure, goals and objectives in accordance with the Nakhchivan Agreement accelerated the process of integration of the Turkic speaking countries based on the meeting of the heads of the Turkic speaking countries. Here, the holding of the Summits of the Turkic countries and the activities of the created umbrella organizations of the OTG in various fields were considered important.*

**Keywords**: *summits, heads of state, Council of Turkic Speaking Countries, integration, Nakhchivan Agreement, Organization of Turkic States, observer countries, umbrella organizations.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Салимов А.Ҳ. -** ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. тел. +992 92 861 40 27, Email: salimov@osiyoavrupo.tj

**Сведения об авторе: Салимов Акбар Халимович -** старший научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. тел. + 992 92 861 40 27, электронная почта: salimov@osiyoavrupo.tj

**About the author: Salimov Akbar Khalimovich -** Senior researcher, the Department of Commonwealth of Independent States, Institute for Asian and European Studies of the National Academy of Sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33.

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ДОИРАИ СҲШ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Созмони ҳамкориҳои Шанхай як иттиҳодияи бисёрҷанба буда, фаъолияташ ба таъмини амният ва нигоҳдории сулҳу субот дар фазои АвруОсиё, муқовимат бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав, таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, гуманитарӣ, сиёсӣ ва ғ. равона шудааст.*

*Ҳамзамон, иштирок ва фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ташаккул ва рушди муносибатҳои гуногунҷанба дар доираи СҲШ ва таҳкими робитаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба дар густариши робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ байни ин ду давлат дар рӯҳияи эътимоди мутақобил, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ густариш ёфта истодаанд.*

*СҲШ дар доираи салоҳияту масъулияти худ дар таҳкиму барқарорсозии сулҳу субот, амният, муқовимат бо терроризму экстремизми динӣ ва дар бартараф намудани дигар таҳдиду хатарҳои замони муосир бетараф буда наметавонад.*

*Дар мақола мухтассар роҷеъ ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ташаккул ва рушди муносибатҳои гуногунҷанба дар доираи СҲШ сухан меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Созмони ҳамкории Шанхай, ташаккул, рушд, таҳдидҳои нав, терроризм, экстремизм, сулҳу субот, амният.*

Мусаллам аст, ки саҳми Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар муқобили таҳдиду хатарҳо ба сулҳу субот, амнияти минтақа ва ҷаҳон мусбат арзёбӣ мегардад.

Созмони ҳамкориҳои Шанхай иттиҳодияи бисёрҷанбаест, ки фаъолияташ ба таъмини амният ва нигоҳдории сулҳу субот дар АвруОсиё, муқовимат бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав, таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, гуманитарӣ, сиёсӣ ва ғ. равона шудааст. СҲШ созмони байни тамаддуниест, ки имкони бархурди тамаддунҳоро дар минтақаи масъулияти

онҳо баробар мекунад. Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалии минтақаве мебошад, ки дар сиёсатгузориҳои олами муосир нақш ва таъсири махсус дорад [1].

Мулоқоти сарони кишварҳо аввалин маротиба 26-уми апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхай, маротибаи дуюм 24-уми апрели соли 1997 дар шаҳри Маскав, маротибаи сеюм соли 1998 дар Алма-ато, маротибаи чорум 24-26-уми соли 1990 дар шаҳри Бишкек доир гардид. Дар ин давра кишварҳои аъзо ба ҳалли проблемаҳои манотиқи сарҳадӣ муваффақ гардида, бо истифода аз ин ҳамкориҳою ҳамоиш дар доираи “Панҷгонаи Шанхай” густариши ҳамкориҳои мутақобилан муфиди сиёсию иқтисодӣ ва тиҷоратию фарҳангиро амри зарурӣ маънидод намуданд [7].

Ҷаласаи таърихии СҲШ дар Остона, ки 8-9 июни соли 2017 баргузор шуда буд, марҳалаи наверо дар рушди ин созмон боз кард. Яке аз натиҷаҳои муҳимтарини он ба Ҳиндустон ва Покистон додани мақоми аъзои комилҳуқуқи Созмон буд. Дохил шудани ду давлати тавоно ва бонуфузи Осиёи Ҷанубӣ ба СҲШ иқтидор ва доираи имкониятҳои кори ин созмонро, аз ҷумла дар самти мубориза мyштарак ба чолишҳои анъанавӣ ва таҳдиду хатарҳои нав васеътар намуд.

Фазои бузурги СҲШ - аз Арктика то уқёнуси Ҳинд аз Шимол то Ҷануб ва аз Лянюнгани Чин то Калинингради Русия аз Шарқ ба Ғарб - бо шумораи умумии қариб 44% аҳолии ҷаҳон вазифаи асосии таъмини суботро ба таври дастҷамъӣ ба миён мегузорад.

СҲШ, ки қаламрави бузург ва доираи васеи ҳамкориҳои минтақавиро дар бар мегирад, шакли нави ҳамкории давлатҳои аз нуқтаи назари сохти сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ ва фарҳангӣ гуногун ба шумор меравад. Масоҳати умумии давлатҳои аъзои СҲШ тахминан 30 млн. 189 ҳазор км. мураббаъ ва ҷамъи аҳолии онҳо зиёда аз 1,5 млрд. нафар ё ¼ аҳолии умумии курраи заминро ташкил медиҳанд [11].

Муқовимати муассир тавассути кӯшишҳои муштарак ба таҳдиду хатарҳо ва чолишҳои амниятӣ дар тамоми доираи масъулияти созмони минтақавӣ дар ҷаҳони имрӯза маҳсуб меёбад. Бо муттаҳид кардани чаҳор қудрати ҳастаӣ - нисфи клуби ҳастаии ҷаҳон - формати СҲШ як унсури иловагии дастгирии сохтор барои нигоҳ доштани суботи стратегии ҷаҳон мебошад.

Эъломияи Остонагии сарони кишварҳои узви СҲШ санади аслии нишасти раҳбарони кишварҳои узв дар Остона гардид. Илова бар мавқеъҳои мувофиқашудаи кишварҳои узв оид ба масъалаҳои калидии рӯзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, матни санад иқдомоти минбаъдаи Созмонро барои муқобила бо таҳдидҳо ба сулҳу амният инъикос мекунад[1].

Уҳдадориҳои СҲШ барои ҳалли ғайриалтернативии сиёсӣ ва дипломатии вазъиятҳои мунокиша дар асоси риояи қатъии меъёрҳо ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, риояи қатъӣ ба ҳадафҳо ва

принсипҳои Оинномаи СММ устувор боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, Созмон ҷонибдори таҳкими нақши марказии ҳамоҳангсози СММ дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Чорабиниҳои махсусе, ки дар доираи ҳамкории СММ ва СҲШ баргузор мегарданд, саҳми назарраси амалӣ дар таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо таҳдиду хатарҳои амниятӣ мегарданд. Ин аз натоиҷи чорабиниҳои махсуси сатҳи олӣ: «СММ ва СҲШ: Муқовимати муштараки чолишҳо ва таҳдидҳо» моҳи ноябри соли 2016 дар Ню-Йорк, инчунин дар якҷоягӣ бо Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ - «СММ ва СҲШ дар мубориза бо маводи мухаддир: таҳдидҳои умумӣ, амалҳои муштарак» моҳи марти соли 2017 дар Вена баргузор гардид, бар меояд.

Ҳамин тавр, СҲШ талошҳои муштаракро ҷиҳати муқовимат ба чолишҳои умумӣ ва хатару таҳдидҳо ба амният, амиқтар кардани муколама ва ҳамкорӣ ҷиҳати таъмини амнияти ҳамаҷониба, пеш аз ҳама, дар мубориза бо терроризм, сепаратизм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, қочоқи маводи мухаддир идома медиҳад.

Вобаста ба ин, минбаъд инкишоф додани Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ зарур аст, ки аз фаъолияти самараноки он маълумотҳои зерин равшан шаҳодат медиҳанд.

Ёдовар шудан мавриди зикри хос аст, ки танҳо дар солҳои 2011-2015 мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои СҲШ бо нақши ҳамоҳангсози Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористии (СМЗТ) СҲШ дар марҳилаи омодагӣ 20 амали террористиро пешгирӣ намуданд; ҳудуди 650 ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ; 440 базаи таълими террористӣ бо тақрибан 1700 нафар аъзои созмонҳои байналмилалии террористӣ барҳам дода шуданд; зиёда аз 2700 нафар аъзои гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, шарикони онҳо ва ашхоси гумонбар дар фаъолияти ҷиноятӣ дастгир карда шуданд; 213 нафаре, ки дар фаъолияти созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ даст доштанд, истирдод шуда, аксари онҳо ба мӯҳлатҳои тӯлонӣ аз озодӣ маҳрум шуданд; 180 нафар дар ҷустуҷӯ қарор доранд; 600 анбор ва махфигоҳҳои пинҳонии аслиҳа ошкор карда шуда, беш аз 3250 маводи таркандаи худсохт, ҳудуди 10 ҳазор силоҳ, ҳудуди 450 ҳазор дона лавозимоти ҷангӣ ва беш аз 52 тонна маводи тарканда мусодира шуд. Дар самти муқовимат ба истифодаи интернет ба мақсадҳои террористӣ, сепаратистӣ ва ифротгароӣ корҳои мақсаднок идома доранд. Ҳамин тавр, вокуниши дастҷамъонаи СҲШ ба тавсеаи густурдаи падидаи хатарноктарин, ки фаъолияти ифротгароӣ аст, қабули Конвенсияи СҲШ дар бораи мубориза бо ифротгароӣ дар нишасти Остона буд. Ин санад ба таҳкими заминаи ҳуқуқии байналмиллалӣ барои муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои нав дар баробари Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ, Конвенсияи СҲШ алайҳи терроризм ва Барномаи ҳамкории кишварҳои узви СҲШ дар мубориза бо терроризм,

сепаратизм ва ифротгарой барои солҳои 2016-2018, инчунин ҳуҷҷатҳои дахлдори СММ - Стратегияи глобалии зиддитерроristии СММ ва қатъномаҳои дахлдори Шурои Амнияти СММ мусоидат мекунад. Конвенсияи СҲШ дар бораи мубориза бо ифротгарой ба таҳкими амният, баланд бардоштани самаранокии ҳамкории мақомоти салоҳиятдор ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт равона шудааст. Афзоиши фаъолияти террористӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон зарурати такмил ва таҳияи тарзу усулҳои муборизаи муштарак бо ин хатарро тақозо мекунад. Изҳороти сарони кишварҳои узви СҲШ оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ки дар Остона қабул шуд, як санади муҳимми сиёсӣ буда, арзёбии вазъи корҳо, равишҳои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва даъвати ҷомеаи ҷаҳониро дар бар мегирад, ки дар доираи эътилофи васеи зиддитеррористӣ дар мубориза бо терроризми ҷаҳонӣ муттаҳид шаванд. Дар шароити муосир паҳншавии идеология ва таблиғоти террористӣ, аз ҷумла сафедкунии оммавии терроризм бо мақсади ташвиқ ба содир намудани амалҳои террористӣ хатари хоса дорад. Дар робита ба ин, СҲШ тасмим гирифтааст, ки талошҳои муштаракро ҷиҳати муқобила бо радикализатсияи ҷомеа, ки ба зуҳуроти ифротгарой, аз ҷумла терроризм, бахусус, дар байни ҷавонон ба вуҷуд меояд, инчунин барои пешгирии ифротгароии мазҳабӣ, этникӣ, идеологӣ, сиёсӣ, миллатгарой афзоиш диҳад.

Бояд тазаккур дод, ки тибқи муқарраароти Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ошкор ва бастани каналҳои воруд ба қаламрави давлатҳои аъзои СҲШ дар соли 2006 ва Созишнома дар бораи ҳамкории аъзои СҲШ оид ба масъалаҳои сарҳадӣ дар соли 2015, давлатҳои аъзо ҳамкориҳоро ҷиҳати пешгирӣ аз фаъолият ва ҳаракатҳои ҷангиёни террористӣ ва гурӯҳҳои террористии хориҷӣ тавассути назорати самараноки сарҳадӣ инкишоф медиҳанд; мубодилаи маълумот дар бораи шахсоне, ки дар фаъолияти террористӣ иштирок доранд; ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва дуздидашудаи шахсият ва гузаронидани тафтишоти муштараки ҷиноятҳои террористии дорои хусусияти фаромиллиро дар бар мегиранд. Ҳамчунин кишварҳои аъзо ният доранд, ки ҳамкориҳоро дар самти муқовимат ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷалб, таълим ва истифодаи террористон, даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти террористӣ ё сафедкунии амалҳои террористӣ ва маблағгузории фаъолияти террористӣ инкишоф диҳанд.

Қобили зикр аст, ки СҲШ блоки ҳарбӣ нест, лекин дар доираи масъулияти бо падидаҳои номатлуб муборизаи оштинопазир мебарад. Таҳдиди террористӣ зарурати таҳия ва таҳкими механизмҳоеро тақозо мекунад, ки ба решакан кардани фаъолияти террористӣ нигаронида шудаанд. Дар робита ба ин, СҲШ таҷрибаи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ, аз ҷумла машқҳои “Миссияи сулҳ”-ро мунтазам идома хоҳад дод[1].

Ҳамзамон, бар асоси Созишномаи соли 2009 миёни ҳукуматҳои кишварҳои узви СҲШ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии

байналмилалӣ, таҳкими ҳамкориҳои амалӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба таблиғ ва сафедкунии терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ дар фазои иттилоотӣ идома доранд. Пушида нест, ки мубориза бо таҳдиди маводи мухаддир яке аз самтҳои афзалиятноку муҳимми СҲШ мебошад. Бе шубҳа метавон гуфт, ки истеҳсоли ғайриқонунии маводи мухаддир ва гардиши ғайриқонунии ин вабои аср ҳамчун яке аз ҷиддитарин таҳдидҳои амниятӣ маҳсуб гардида, сулҳу суботро халалдор мекунад. Созмон ният дорад ҳамкориҳои амалӣ ва ҳамоҳангиро дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо дар асоси Созишномаи байни кишварҳои узви СҲШ дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо аз соли 2004, Изҳороти сарони кишварҳои узви СҲШ оид ба таҳдиди маводи мухаддир аз соли 2015 ва тибқи конвенсияҳо ва қарорҳои СММ, аз ҷумла натиҷаҳои Иҷлосияи махсуси Маҷмаи Умумии СММ оид ба мушкилоти маводи мухаддир дар моҳи апрели соли 2016 дар Ню-Йорк баргузор гардид, қавитар намояд.

Фаъолияти муштараки зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви СҲШ натиҷаҳои ҷиддии амалӣ бахшида истодааст. Бо вуҷуди ин, танҳо дар сурати муттаҳидсозии минбаъдаи кӯшишҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди таҳдиди маводи мухаддир самаранок мубориза бурдан мумкин аст. Дар ин росто СҲШ ният дорад ҳамкориҳои зичро бо Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ идома диҳад[1]. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки нобаробарӣ дар рушди иқтисодии минтақаҳои гуногуни ҷаҳон беш аз пеш сабаби тундгароӣ, ба вуҷуд омадани вазъиятҳои низоъӣ ва ҳатто таҳдид ба ҳаёти инсоният мегардад. Тамоюлҳои манфӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ номутавозунии мавҷударо тақвият мебахшанд, ки дар ниҳоят ба афзоиши шумораи таҳдидҳо ва чолишҳо ба амният ва рушди устувор мусоидат мекунад.

Ҳоло муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ мустаҳкам гардида, бо суръати тез инкишоф меёбанд. Бинобар ин вазифаи асосии муассисаҳои иқтисодӣ муайян кардани фишангҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиест, ки ба инкишофи минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни ҳар ду мамлакат мусоидат мекунанд[9,32].

Дар ин замина, СҲШ ҷонибдори рушди ҳамкориҳои густурдаи байналмилалӣ бо мақсади такон додан ба эҳёи иқтисоди ҷаҳонӣ, таъмини суботи иқтисодӣ ва молиявӣ, дастгирии рушди устувор, динамикӣ, мутавозин ва фарогир дар шароити пешрафти равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ мебошад. Дар баробари ин, кишварҳои узви СҲШ як фаҳмиши умумӣ доранд, ки савдои ҷаҳонӣ бояд дар асоси принсипҳои шаффофият ва бидуни табъиз, дар асоси қоидаҳои умумӣ барои ҳамаи иштирокчиён ва ғайри қобили қабул будани протексионизми тиҷоратӣ сурат гирад. Аз ин лиҳоз, бартараф намудани монеаҳои мавҷудаи тиҷоратӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани иқтисоди кушоди ҷаҳонӣ ва таҳкими низоми савдои бисёрҷониба муҳим аст. СҲШ ният дорад, ки

ҷиҳати рушди иқтисоди минтақавӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди тиҷорат, мусоидат ба фаъолияти сармоягузорӣ, беҳбуди инфрасохтор, дар сурати мавҷуд будани шароит паркҳои саноатӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум чораҳои иловагӣ андешад. Қадами муҳимми амалӣ дар ин самт татбиқи Созишномаи кишварҳои узви СҲШ дар бораи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ мебошад, ки дар нишасти сарони СҲШ дар Душанбе дар моҳи сентябри соли 2014 ба имзо расида буд. Он на танҳо шартҳои паритетиро барои ташкили гардиши мутақобилан судманди тиҷорат ба расмият даровардааст, балки заминаи шартномавиро барои рушди ҳамгироии бисёрҷонибаи инфрасохтори минтақавӣ ва системаи нақлиёти автомобилиро ба ҳам алоқаманд намудааст[1].

Чуноне, ки иттилоъ дорем, Созмони ҳамкории Шанхай ташкилоти байналмилалӣ буда, 15 июни соли 2001 дар Шанхай таъсис ёфтааст. Дар ибтидо ба ин иттиҳодия Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, дар соли 2017 Ҳиндустон ва Покистон, дар соли 2023 Эрон шомил шуданд. 4 июли соли 2024 Ҷумҳурии Беларус расман узви комилҳуқуқи СҲШ гардид.

Ҳамзамон, иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай ҳадафи таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, равобити боэътимод ва дӯстона дар байни давлатҳои аъзо ва нозири созмони мазкур, инчунин таъмини амнияту оромӣ ва рушди устувори иқтисодӣ дар минтақаро пайгирӣ мекунад. Тоҷикистон ҷонибдори тақвияти беш аз пеши нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои зербиноӣ, ҳамкорӣ дар ҳифзи муҳити зист ва густариши муколамаи фарҳангӣ ба нафъи ҳамгироии минтақавӣ аст[4]. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки СҲШ аз оғози таъсиси худ ҷиҳати барқарор намудани муносибатҳои одилонаи байналмилалӣ кӯшиш мекунад. Созмони ҳамкории Шанхай дар тӯли фаъолияти хеш тавонист дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба як неруи воқеӣ табдил ёбад. Дар муддати начандон дарози таърихӣ СҲШ давраи рушду ташаккулро бомуваффақият гузашта, фаолияти пурсамари хешро сарбаландона идома дода истодааст.

СҲШ ҳарчанд ҳамчун созмоне барои мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав таъсис ёфта бошад ҳам, дар ҳоли ҳозир ба ҳалли масъалаҳои умумии сиёсӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст ва механизму сохторҳои амалии муштараки вокуниш ба таҳдидҳои амниятӣ надорад[10,133].

Терроризм ва ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ дар доираи фазои СҲШ ҳамчунон таҳдидҳои аслӣ боқӣ мемонанд. Мо ҳамчунин бояд барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии паҳншавии идеологияи харобиовари радикализми динӣ дар минтақаи СҲШ бештар саъю кӯшиш кунем. Раёсатҳои дахлдори кишварҳои узв ва сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ бояд дар якҷоягӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд [2].

Ҳамин тариқ, айни замон Созмони ҳамкории Шанхай ба сохтори бонуфузи байналмилалӣ табдил ёфта, дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши назаррас дорад. Созмон дар ҳифзи суботу амният дар минтақаи масъулияти худ, рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва густариши муколамаи фарҳангу тамаддунҳо саҳми муносиб мегузорад.

СҲШ дар доираи салоҳияту масъулияти худ дар таҳкиму барқарории сулҳу субот, амният, муқовимат бо терроризм, экстремизм, ифротгароии динӣ ва дар бартараф намудани дигар таҳдиду хатарҳои замони муосир бетараф буда наметавонад.

Имрӯз СҲШ тамоми гуногунии сиёсии ҷаҳон, фарҳангҳо ва амалияҳои сиёсиро муаррифӣ менамояд, ки онҳо тавонистаанд оид ба масъалаҳои зиёди таъмини сулҳу субот дар минтақаи мо нуқтаҳои иртибот ва наздикшавии сиёсиро пайдо кунанд. Дар баробари ин СҲШ шартҳои сиёсии худро ба ҳеҷ як кишвари ҷомеаи ҷаҳонӣ бор намекунад ва кӯшиш намекунад, ки принсипҳо ва қоидаҳои бозии худро таҳмил кунад[12, 78].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи СҲШ солҳои 2001-2024 дар арсаи байналмилалӣ - СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, СҲИ ва МҲТБО ҳамкории муваффақ доранд ва мавқеъҳои худро мунтазам ҳамоҳанг менамоянд [5].

Умуман, ҷараёни рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ба таъмиқи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва гуманитарӣ ва таҳкими робитаҳои сиёсии байни ду давлат манфиат доранд.

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикону ӯзбекон ҳамчун ҳамсояҳои қадим расму ойин, урфу одат, анъанаҳои неки дӯстона ва башардӯстона доранд[5].

Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст, даҳаи охири қарни XX дар хотираи таърих бо таҳдиду хатарҳои гӯшношунид сабт гардидааст. Ин таҳдиду хатарҳо аз қабили паҳн гардидани яроқи ҳастаӣ, терроризми байналхалқӣ, кибертерроризм, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир, фурӯши ғайриқонунии аслиҳа, қашшоқӣ, заҳролудшавии обу ҳаво, нарасидани оби тозаи ошомиданӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ғ. боиси ташвиши аҳли башар гардида, тамоми бошандагони сайёраро водор сохт, ки ин масоили глобалиро пайгирӣ намоянд. Мусаллам аст, ки ҳаллу фасли чунин проблемаҳои глобалӣ дар танҳоӣ ғайриимкон буда, дар чунин вазъият ва ҳолат танҳо ваҳдату ҳамгироӣ метавонад садди роҳи ин масоил гардад.

Яке аз самтҳои муҳимми СҲШ мубориза бар зидди тероррризму ифротгароӣ ва ҳама гуна зуҳуроти номатлуб мебошад. Дар ин замина, аъзои СҲШ зарур шумориданд, ки барои фаъолияти бонизом ва мақсадноки соҳа “Созмони мубориза бар зидди терроризм” (СМЗТ) таъсис дода шавад. Дар доираи фаъолияти Созмони таъсисдодаи СҲШ пайваста машқҳои зидди террористӣ гузаронда мешавад. Ҳамин тавр, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 17-19 апрели соли 2009 ва 8-14 июни соли 2012 машқҳои тактикӣ гузаронда шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз таъсисдиҳандагони асосӣ ва

иштирокчии фаъоли ин Созмон ба ҳисоб рафта, солҳои 2006, 2010, 2018, 2019 ва 2021 мизбони баргузории саммити созмони мазкур гардида буд. Маълум аст, ки авҷ гирифтани мунокишаҳои геополитикӣ боиси заифии иқтисодиёт ва косташавии он мегардад. Аз ин лиҳоз, СҲШ барои пешгирии ин гуна ҳодисаҳои номатлуб, ҷиҳати мусоидат ба рушд ва пешрафти иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба инкишоф фаъолияти мақсаднокро анҷом медиҳад. Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ҳамкориҳои иқтисодию молиявӣ байни кишварҳои узви СҲШ сол то сол қавитар мегардад.

Соли 2020 вохӯрии Сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид. Зимни баргузории он Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи "Стратегияи рушди иқтисодии СҲШ то давраи соли 2030"-ро муҳим арзёбӣ намуд. Стратегияи мазкур ба фаъолияти СҲШ барои рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар шароити афзояндаи мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта нигаронида шудааст. Иқдоми пешгирифтаи мазкур, ба талаботи рушди устувору осоиштагӣ ва идоракунии оқилонаи равандҳои глобалӣ комилан мувофиқ буда, ҳадафҳои он барои фароҳам овардани шароити мусоид, рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии кишварҳои аъзо равона шудааст. Дар баробари амалигардонии Стратегия ва татбиқи усули "рушди сабз" СҲШ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд, зеро ин раванд тақозо мекунад, ки фаъолияти муштарак дар афзоиши суръати пешрафти иқтисодӣ ба муҳити атроф таъсири кам расонад. Механизми боз ва фарогири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори равандҳои васеъшавии ин Созмони бонуфуз мебошад. Маҳз фаъолияти пурсамар ва натиҷабахши Созмон боис шудааст, ки сол то сол сафи аъзо ва шарикони он меафзояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи бисту ду соли давраи фаъолияти он (аз соли 2001 то соли 2023) андозаи иқтисодиёти кишварҳои узви СҲШ зиёда аз 30 дарсади ММД-и ҷаҳон ва саҳми он дар тиҷорати ҷаҳонӣ беш аз 16 дарсадро дар бар мегирад. Тавре, ки дар нашрияи чинии "Global Times" гуфта шудааст, ММД-и кишварҳои узви СҲШ дар давоми ин солҳо зиёда аз 13 маротиба афзудааст. Ҳаҷми тиҷорати хориҷии давлатҳои узви СҲШ то соли 2023 зиёда аз 6,6 трлн. долларро ташкил додааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2001-ум сад маротиба зиёд мебошад [3]. СҲШ аз замони ташаккули худ дар доираи давлатҳои гуногуни ҳамҷавор ва аз нуқтаи назари фаъолият шакли нави ҳамкориҳое мебошад, ки кишварҳои минтақаи Осиёро муттаҳид намудааст[6,168].

Метавон хулоса намуд, ки иштирок ва фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ташаккул ва рушди муносибатҳои гуногунҷанба дар доираи СҲШ ва таҳкими робитаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба ва ҳамзамон, дар таҳкиму густариши робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва гуманитарӣ байни ин ду давлат дар рӯҳияи эътимоди мутақобил, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ густариш ёфта истодаанд.

## АДАБИЁТ:

1. Алимов Р. Роль Шанхайской организации сотрудничества в противодействии угрозам мира и безопасности. Расширение ШОС-укрепление потенциала Организации. Манбаи электронӣ: https://www.un.org/ru/chronicle/article/21818. Санаи муроҷиат: 14.02.2024с.

2. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на заседании Совета глав государств-членов ШОС (4 июля 2024 года, Астана), Электронная версия: https://rus.sectsco.org/20240705/1427556.html, дата обращения: 24.07.2024.

3. Иброҳимзода И.Ш.Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории Шанхай. Манбаи электронӣ: https://mts.tj/ҷumxurii-toҷikiston-va-sozmoni-xamkorii-shanhaj/.Санаи муроҷиат: 24.09.2024с.

4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи электронӣ:https://mfa.tj/tg/moscow/view/988/ konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. Санаи муроҷиат: 26.04.2024с.

5. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Манбаи электронӣ: https://mfa.tj/index.php/tg/main/view/145/munosibathoi-tojikiston-bo-uzbekiston. Санаи муроҷиат: 28.08.2024с.

6. Мирзоев Ҳ. Нақш ва ҷойгоҳи СҲШ дар системаи сиёсии минтақа ва ҷаҳон.// "Эмомалӣ Раҳмон яке аз бунёдгузорони Созмони ҳамкории Шанхай"// маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ (Душанбе, 29 июни соли 2021. Душанбе-2021.175 Саҳ.

7. Оймахмадов М. Шанхайская организация сотрудничества. Душанбе, 2019, 504с.

8. О Шанхайской организации сотрудничество. Электронный ресурс: rus.sectsco.org/20151208/1687/html. Дата обращения: 26.05.2024

9. Рахимзода Ш. Современные тенденции развития торгово-экономического отношений между Таджикистаном и Узбекистаном//"Вклад лидеров Таджикистана и Узбекистана в укреплении дружбы, добрососедства и доверия, открытие новой страницы таджикско-узбекского стратегического партнерства"// материалы Международной научной конференции (Душанбе, 14-15 сентября 2020г.), Душанбе-2021. 225стр.

10. Сангинов Н.Н. О внешних связах ШОС с международными и региональными организациями по противодействию вызовам и угроз современности// Эмомалӣ Раҳмон яке аз бунёдгузорони Созмони ҳамкории Шанхай"// маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ (Душанбе, 29 июни соли 2021. Душанбе-2021.175 Саҳ.

11. Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории Шанхай. Манбаи элнктронӣ: http://mfa.tj/tj/munosibathoi-tojikiston-dar-doirai-sozmonhoi-baynalmilali-va-mintakavi/sozmoni-hamkorii-shankhay.html. Санаи муроҷиат: 07.08.2024с.

12. Ҳайдаров Р.Ҷ. Эмомали Рахмон - один из архитекторов ШОС//"Эмомалӣ Раҳмон яке аз бунёдгузорони Созмони ҳамкории Шанхай"//маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ (Душанбе, 29 июни соли 2021. Душанбе-2021.175 С.

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ УЗБЕКИСТАН В РАМКАХ ШОС

*По сути, Шанхайская организация сотрудничества – это многоплановое объединение, деятельность которого направлена на обеспечение безопасности и поддержание мира и стабильности на широком евразийском пространстве, противодействие новым вызовам и угрозам, укрепление торгово-экономического, социального, культурного, научного, гуманитарного, политического сотрудничества и т. д.*

*Следует отметить, что участие и деятельность Республики Таджикистан и Республики Узбекистан в формировании и развитии многоплановых отношений в рамках ШОС и укреплении двусторонних и многосторонних отношений, расширении политических, социальных и культурно-гуманитарные связи укрепляются в духе взаимного доверия, дружбы, братства и взаимопонимания.*

*Необходимо подчеркнуть, что ШОС не может быть нейтральной в пределах своей компетенции и ответственности в укреплении и восстановлении мира и стабильности, безопасности, противодействия терроризму, экстремизму, религиозному экстремизму, а также в устранении других угроз и опасностей современности.*

*В статье кратко рассматриваются всесторонние сотрудничества Республики Таджикистан и Республики Узбекистан в формировании и развитии многоплановых отношений в рамках ШОС.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, Шанхайская организация сотрудничества, становление, развитие, новые угрозы, терроризм, экстремизм, мир и стабильность, безопасность.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN WITHIN THE SCO

*In essence, the Shanghai Cooperation Organization is a multifaceted association whose activities are aimed at ensuring security and maintaining peace and stability in the wide Eurasian space, countering new challenges and threats, strengthening trade, economic, social, cultural, scientific, humanitarian, political cooperation, and etc.*

*It should be noted that the participation and activities of the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan in the formation and development of multifaceted relations within the SCO and the strengthening of bilateral and multilateral relations, the*

*expansion of political, social and cultural-humanitarian ties are strengthened in the spirit of mutual trust, friendship, brotherhood and mutual understanding.*

*It must be emphasized that the SCO cannot be neutral within the limits of its competence and responsibility in strengthening and restoring peace and stability, security, countering terrorism, extremism, religious extremism, as well as in eliminating other threats and dangers of our time.*

*The article briefly examines the comprehensive cooperation of the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan in the formation and development of multifaceted relations within the SCO and the strengthening of bilateral and multilateral ties between neighboring countries in the years of independence since the creation of the SCO.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Republic of Uzbekistan, Shanghai Cooperation Organization, formation, development, new threats, terrorism, extremism, peace and stability, security.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлиёрова Сафаргул Тешаевна -** номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға:734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: 985294097, E-mail: dsafargul@mail.ru

**Сведения об авторе: Давлиёрова Сафаргул Тешаевна -** кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Отдела Содружество Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 985-29-40-97. E-mail: dsafargul@mail.ru

**About the author: Davliyorova Safargul Teshaevna -** Candidate of Philosophical Sciences, associate professor, leading researcher of the commonwealth Independent States Department of the Institute of Asian and European Countries of the National Academy of Science of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone: 985-29-40-97. E-mail: dsafargul@mail.ru

## ГРАЖДАНСКОЕ ОБЩЕСТВО И ЕГО ИНСТИТУТЫ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ И СОТРУДНИЧЕСТВА

**КАРИМОВ Ш.Т.**

доктор политических наук, главный научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В статье автором анализируется роль и место гражданского общества и его институтов в международном взаимодействии и сотрудничестве. Отмечается, что до недавнего времени традиционно считалось, что международные отношения*

*— это прерогатива государств, а международное взаимодействие в большей степени сводилось к дипломатии, которую на уровне международных институтов представляли профессиональные и высококомпетентные национальные бюрократии. Согласно автору статьи, сегодня институты гражданского общества играют критическую роль в укреплении международного сотрудничества, продвижении прав человека, и решении глобальных проблем, часто дополняя и усиливая традиционные дипломатические усилия.*

***Ключевые слова***: *гражданское общество, институты гражданского общества, международное сотрудничество, общественная дипломатия, правозащитная деятельность, диалог.*

В Таджикистане гражданское общество полностью еще не сложилось, оно находится в стадии становления, но Таджикистан вступлением в мировое сообщество, где ведущую роль играют страны развитой демократии, вступил в процесс великой трансформации демократического направления[3]. Сегодня в Таджикистане создано большое количество общественных организаций, которые играют важную роль в политической системе. Данные организации составляют основу гражданского общества страны. Среди них НПО являются одним из наиболее развитых и эффективных институтов гражданского общества в Таджикистане. На начало 2024 года в стране официально зарегистрировано около 3000 НПО. Результаты недавно проведенных Национальной ассоциацией НПО Таджикистана (НАНПОТ) совместно с Национальным законодательным центром при Президенте РТ показывают, что в Таджикистане существуют боле 17300 некоммерческих организаций, из них 5440 являются учреждениями, которые в основном являются государственными, а остальные организации являются негосударственными и их называют организациями гражданского общества (ОГО). Сегодня они функционируют во всех сферах общественной и государственной жизни страны. Основные направления их деятельности по формированию гражданского общества многообразны, они выполняют очень важную связующую роль между обществом и властными структурами, бизнесом и СМИ, другими институтами. НПО проводят значительную работу по правовому просвещению населения и правовой защите прав и свобод граждан, содействуют законотворческому процессу, осуществляют мониторинг прав человека, ведут просветительскую работу в области прав человека и их защите, создают общественные приемные, обеспечивающие бесплатной юридической помощью и психологической поддержкой всех нуждающихся и т.д.

Часто рассматривают гражданское общество как гарантию не только политического благополучия, но и экономического успеха. По их мнению, активное, сильное гражданское общество может внести полезный вклад в решение проблем экономической политики, облегчить развитие частной инициативы, помочь предотвратить чрезмерное вмешательство государства в экономику. Другими словами, гражданское общество считается необходимым условием экономического успеха. В этом контексте, НПО Таджикистана стали и

бесспорным экономическим фактором, создавая рабочие места и способствуя снижению уровня бедности в стране. Они играют решающую роль и по своему социальному назначению. В частности, широкий круг социальных проблем, таких, как поддержка социально уязвимых слоев (дети, молодежь, ветераны, беженцы, инвалиды и пр.), отстаивание права граждан на здоровую окружающую среду, организация досуга, социальная реабилитация и т.д., давно и успешно решается именно НПО, а не коммерческими организациями, с их нацеленностью на максимальное извлечение прибыли и не государством в силу своей инертности, консерватизма и ограниченности ресурсов и идей заниматься конкретными человеком и его проблемами.

Как представляется, НПО как важный инструмент “мягкой силы” имеют значительный потенциал для предотвращения или урегулирования конфликтов, содействия интеграционным процессам, обеспечения безопасности, политической стабильности и устойчивого развития в контексте международного взаимодействия и сотрудничества. Разумеется, особенно в последние годы развитые страны мира, такие как США, Европейский Союз и Япония, хорошо и эффективно используют этот действенный идеологический инструмент в своих международных отношениях на глобальном и региональном уровне. Такие страны, как Китай, Индия, Бразилия и т. д., также получают все большую и лучшую выгоду от этого эффективного инструмента. Например, в последние годы благодаря своим большим технологическим и коммуникационным достижениям, с одной стороны, и активной связи с международными и региональными интеграционными процессами и организациями, с другой, правильному и эффективному использованию «мягкой силы», в том числе публичной дипломатии с активным прилечением НПО, многие страы добились замечательных результатов. Подобный подход позволил политическому руководству этих стран все успешнее реализовывать свою внешнюю политику, повышать свое влияние и репутацию на мировой арене. С другой стороны, по мнению многих экспертов, такая политика способствовала успешному урегулированию и повышению уровня общественного доверия внутри развитых и демократических стран мира.

На самом деле, институты гражданского общества играют значимую и значительную роль в международном взаимодействии и сотрудничестве, что очевидно из нескольких ключевых аспектов:

*1. Участие в международных организациях и форумах*

Институты гражданского общества активно участвуют в работе международных организаций, таких как ООН. Например, Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (УНП ООН) признает необходимость развития партнерских отношений с гражданским обществом для решения проблем наркозависимости, коррупции и организованной преступности. Команда по работе с гражданским обществом (CST) УНП ООН поддерживает участие НПО в межправительственных совещаниях и укрепляет их потенциал через обучение и сотрудничество[1].

*2. Общественная дипломатия*

До недавнего времени традиционно считалось, что международные отношения — это прерогатива государств, а международное взаимодействие в большей степени сводилось к дипломатии, которую как в двух, так и в многостороннем диалоге на уровне международных институтов представляли профессиональные и высококомпетентные национальные бюрократии. Постепенно, благодаря расширению роли гражданского общества, развитию горизонтальных связей и формированию сетевых социальных структур, увеличивалось количество контактов, что во многом было вызвано разными аспектами глобализации и цифровизации. Это позволило некоммерческим организациям и общественным объединениям занять собственную нишу в международных отношениях, которую традиционная дипломатия, во многом снисходительно, называла «дипломатией вторых треков»[2].

Сегодня гражданское общество играет важную роль в общественной дипломатии, которая дополняет традиционную дипломатию. Общественная палата России, например, участвует в международной деятельности через Международную ассоциацию экономических и социальных советов и схожих институтов (МАЭССИ), объединяющую институты гражданского общества из 75 стран. Это взаимодействие помогает в решении глобальных проблем и поиске решений в онлайн-эпоху.

*3. Правозащитная деятельность*

Международные правовые обязательства государств требуют от них создания условий – экономических, социальных, культурных, правовых – которые активно поддерживают возможности и способности лиц, индивидуально или совместно с другими лицами, заниматься гражданской деятельностью. В этом контексте институты гражданского общества активно участвуют в продвижении и защите прав человека на международном уровне. Международные правозащитные механизмы ООН, такие как Управление Верховного комиссара ООН по правам человека (УВКПЧ) и Совет по правам человека, предоставляют платформу для гражданских организаций, чтобы они могли выступать за реализацию международных стандартов в области прав человека. Эти организации документируют нарушения прав человека и предоставляют информацию, которая служит основой для вмешательств правозащитными механизмами ООН[4].

*4. Межцивилизационный диалог и религиозные организации*

Представители традиционных мировых религий являются значимыми акторами межцивилизационного диалога, способствуя устранению нежелательных тенденций в международных отношениях. Например, участие членов Общественной палаты России в встречах религиозных лидеров, таких как встреча в Индонезии в рамках «Большой двадцатки», демонстрирует важность религиозного фактора в международном диалоге и миротворчестве [2]. В Таджикистане, с нашей точки зрения, до сих пор недостаточно используют этот эффективный современный механизм в реализации внешнеполитических,

стратегических целей и повышении своего влияния и престижа, точнее, разработка, формирование и использование идеи и ее эффективного применения не стали налаженной системой, отсутствует системный подход в решении данной проблематики.

*5. Наблюдение за выборами и референдумами*

Гражданское общество также участвует в наблюдении за выборами и референдумами в зарубежных странах, что помогает обеспечить прозрачность и законность избирательного процесса. Общественная палата России, например, инициировала направление собственных наблюдательных миссий в те страны, где это позволяет местное законодательство, что способствует обмену опытом и лучшими практиками правоприменения. Активное привлечение гражданского общества Таджикистана, несомненно, тоже способствовало бы наращиванию потенциала его институтов, усилению взаимодействия и доверия между государством и обществом, ведь чем активнее и сознательнее участвует в выборах и референдумах население, тем скорее и лучше решает сложные проблемы страна, тем успешнее ее развитие.

*6. Международная солидарность*

Несмотря на ограничения и стигматизацию, организации гражданского общества продолжают выражать международную солидарность через транснациональные, интернациональные и региональные связи. Они проводят кампании по правам человека и нуждаются в поддержке со стороны государств, бизнеса и международных организаций, чтобы избежать международной изоляции [5].

В целом, институты гражданского общества играют критическую роль в укреплении международного сотрудничества, продвижении прав человека, и решении глобальных проблем, часто дополняя и усиливая традиционные дипломатические усилия.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Взаимодействие УНП ООН с гражданским обществом по вопросам наркотиков и преступности // https://www.unodc.org/unodc/ru/ngos/cst.html

2. Доклад о состоянии гражданского общества в Российской Федерации. Общественная дипломатия // https://report2022.oprf.ru/ru-RU/public-diplomacy.html

3. Каримов Ш. О диалектике зарождения гражданского общества и государственной поддержки НПО в Таджикистане// Центральная Азия и Кавказ. 2006. №4. С. 30-38. EDN: PVNHRL

4. Пространство для деятельности гражданского общества и система прав человека ООН // https://www.ohchr.org/sites/default/files/Documents/AboutUs/CivilSociety/CS_space_UNHRSystem_Guide_ru.pdf

5. Report on the participation of civil society organisations pursuing expressions of international solidarity.18.03.2024. // https://en.ovdinfo.org/advocacy/report-participation-civil-society-organisations-pursuing-expressions-international

## ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА НИҲОДҲОИ ОН ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Дар мақолаи мазкур нақш ва ҷойгоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои он дар доираи муносибат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки то вақтҳои охир чун анъана чунин ҳисобида мешуд, ки мавзуи муносибатҳои байналмилалӣ салохияти танҳо сохторҳои давлатӣ буда, хамкории байналмилалӣ асосан аз тариқи дипломатия амалӣ карда мешуд, ки онро дар сатҳи институтҳои байналмилалӣ бюрократияи миллии касбӣ ва баландихтисос намояндагӣ мекарданд. Ба ақидаи муаллифи мақола, имрӯз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, пешбурди ҳуқуқи инсон ва ҳалли мушкилоти глобалӣ нақши муҳим доранд, ки аксар вақт кӯшишҳои анъанавии дипломатиро пурра ва такмил кардаву таҳким бахшидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкории байналмилалӣ, дипломатияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон, муколама.*

## CIVIL SOCIETY AND ITS INSTITUTIONS IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL INTERACTION AND COOPERATION

*In the article, the author analyzes the role and place of civil society and its institutions in international interaction and cooperation. It is noted that until recently, it was traditionally believed that international relations are the prerogative of states, and international interaction was largely reduced to diplomacy, which at the level of international institutions was represented by professional and highly competent national bureaucracies. According to the author of the article, today civil society institutions play a critical role in strengthening international cooperation, promoting human rights, and solving global problems, often complementing and strengthening traditional diplomatic efforts.*

***Keywords:*** *civil society, civil society institutions, international cooperation, public diplomacy, human rights activities, dialogue.*

**Маълумот дар барои муаллиф: Каримов Шамсиддин Турсунматович** - доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Интситути омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**Сведения об авторе: Каримов Шамсиддин Турсунматович -** главный научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы, доктор политических наук. shamskarimov14@gmail.com

**About the author: Karimov Shamsiddin Tursunmatovich** - Doctor of Political Sciences, Chief Researcher of the Department of US and Canadian Studies of the Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences.

# ТАЪСИРИ БАҲОРИ АРАБ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ОДИНАЕВ АБДУҲАЛИМ**
ходими пешбари илмии Шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Осиёи Марказӣ – минтақаи бузург, ки дар қораи Осиё ҷойгир мебошад. Кишварҳои панҷгона баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, дар маркази таваҷҷуҳи манфиатҳои геополитикии қудратҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, ИМА, ФР, ҶХЧ, ҶИЭ, ҶИП, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои араб, кишварҳои Шарқи Наздик ва Дур ва ғ. қарор гирифтанд.*

*Аммо инқилобҳои ранга, ба мисли «Баҳори араб» метавонанд минтақаро ба саҳнаи бозиҳои геополитикӣ кашида, кишварҳои Осиёи Марказиро ба чолишҳои иқтисодӣ ва амниятӣ оварда расонанд. Танҳо ҳушёриву зиракӣ метавонад роҳи таъсирпазирӣ ва амалишавии намунаи «Баҳори араб»-ро дар минтақа боз дорад ва мардумашро дар осоиштагию амон доимӣ нигоҳ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Баҳори араб, инқилобҳои ранга, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА, ФР, ҶХЧ, ҶИЭ, ҶИП, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои араб, кишварҳои Шарқи Наздик ва Дур, Сурия, Яман.*

## Осиёи Марказӣ ва мавқеи стратегии он

Осиёи Марказӣ – минтақаи бузург буда, дар қитъаи Осиё ҷойгир аст. Тибқи тақсимоти географӣ, кишварҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ба ин минтақа шомил мебошанд. Ин минтақа аз шимол бо Федератсияи Россия, дар ҷануб бо Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, дар шарқ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дар ғарб бо бахри Хазар ҳамсарҳад мебошад [10,6].

Осиёи Марказӣ ба ягон баҳр ва уқёнус роҳ надорад. Ҳамзамон, ягон бандар надоранд, ки бо дигар халқҳои Осиё ва ҷаҳон муносибат карда тавонад. Ҳатто дарёҳои он дохилӣ буда, ба наҳру баҳрҳо ва уқёнусҳои ҷаҳонӣ роҳ надоранд. Муҳимтарини ин дарёҳо Амударё ва Сирдарё мебошанд, ки аз кухҳои Тиёншон-Помир сарчашма гирифта, дар охир ба баҳри Арал мерезанд [3,53].

Қудратҳои ғарбӣ дар гузашта ба Осиёи Марказӣ чандон таваҷҷуҳ надоштанд, аммо ҳоло вазъ пас аз ворид шудани кишварҳои минтақа ба саҳнаи геополитикӣ тағйир ёфтааст. Зеро он ба меҳвари геополитика дар минтақаи

Авруосиё, бахусус, пас аз хуруҷи ногаҳонии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз Афғонистон дар соли 2021 табдил ёфт. Илова ба рақобати Русияву Чин барои эҷоди заминаи иттиҳодҳои нав дар Осиёи Марказӣ, дигарбора минтақа ба майдони мубориза барои нуфузи қудратҳои гуногун табдил ёфт [5]. Ба инҳо ИМА, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои араб, кишварҳои Шарқи Наздик ва Дур дохил мешаванд.

Агар ба таърихи равобити кишварҳои Осиёи Маркази ва олами араб назар афканем чунин ҳамкориро амалан дидан мумкин аст. Аз ин лиҳоз 19 июли соли 2023 дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ нахустин нишасти кишварҳои узви Шурои ҳамкории Халиҷи Форс бо кишварҳои Осиёи Марказӣ: Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбакистон ва Туркманистон баргузор шуд. Дар ин нишаст тавсеаи ҳамкориҳои муштарак дар бахшҳои ҳамлу нақл, амнияти ғизоӣ, амнияти энержӣ, об ва сармоягузорӣ баррасӣ шуд. Дар изҳороти ин ҳамоиш аҳамияти таҳкими муколамаи стратегӣ дар чаҳорчуби нақшаи амалиёти муштарак, ки то соли 2027 пешбинӣ шудааст ва дастгирии талошҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ баргузории нишасти навбатӣ дар Самарқанд соли 2025 таъкид шудааст [2].

Инчунин Осиёи Марказӣ аз нигоҳи ҷуғрофӣ минтақаи аз сарвартҳои зеризаминӣ бой маҳсуб гардида, давлатҳои абарқудрати ҷаҳон ба оянди ин минтақа аз нигоҳи манфиатҳои худ бархурд менамоянд.

Муносибатҳои байни кишварҳои Халиҷи Форс ва Осиёи Марказӣ аз заминаи иқтисодӣ оғоз гардиданд, ки дар он тавсеаи ҳамкориҳо имконпазир аст. Махсусан ҳаҷми муомилоти молӣ миёни ду тараф дар соли 2021 ба ҳудуди 3,1 миллиард доллар расида, соли 2023 афзоиш ёфт [5]. Илова бар ин, АМА Қазоқистонро ҳамчун рукни асосии стратегияи худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мешуморад. Аз ин лиҳоз, ҳоло дар Қазоқистон беш аз 200 ширкати Аморати Муттаҳидаи Араб дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ҳамкориро ба роҳ монда, ба манфиати кишварҳо амал мекунанд. Нигоҳи кишварҳои Халиҷи Форс ба минтақаи Осиёи Марказӣ танҳо бо дурнамои иқтисодӣ маҳдуд нест. Баръакс, он ба дурнамои амниятӣ низ тааллуқ дорад, зеро давлатҳои Халиҷи Форс дар чаҳорчуби ҷуғрофии зисти худ бо терроризм мубориза мебаранд. Ин маънои васеъ кардани доираи амнияти Халиҷи Форсро аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз чаҳорчуби анъанавии кишварҳои ҳамсоя ба дигар кишварҳои дуртар дорад. Аммо масъалаи амниятӣ ба нақшаҳои иқтисодии он таъсири эҳтимолӣ дорад [5].

Аз ин лиҳоз, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлати соҳибистиқлол буда ҳамасола дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мегардад ва самтҳои афзалятнокӣ ва дурнамоии он мушаххас карда мешаванд [8]. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр кишварҳои мутараққии олами араб, аз ҷумла Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии

Мисри Араб, Давлати Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, Давлати Қатар муносибатҳои муфиди дуҷониба ва бисёрҷониба дорад [4]. Таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои араб дар баробари дигар кишварҳо самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин маврид Сарвари давлат қайд менамоянд, ки “барои густариши ҳамкориҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи иқтисодӣ, бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Туркия, кишварҳои олами араб, мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ имкониятҳои фаровон мавҷуданд” [11].

Хулоса, Осиёи Марказӣ дар мавқеъи дорои аҳамияти стратегӣ ва бойгариҳои зери заминии ҷаҳон қарор гирифта, таваҷҷуҳи кишварҳои қудратманди ҷаҳон ба он нигаронида шуда аст. Махсусан, баъди ба истиқлол расидани кишварҳои панҷгона, абарқудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои ҷойгоҳу нуфузи худ саъю талош меварзанд. Чунин мавқеъият метавонад яке аз омилҳои бесубот гардонидани минтақа шавад.

**Таъсири Баҳори араб ба Осиёи Марказӣ**

Баҳори арабии кишварҳои араб, охири соли 2010 ва аввали соли 2011 дар бисёр кишварҳои арабӣ ба шакли мавҷи васеи тазоҳурот ва табаддулот ба амал омад. Ҳангоми тазоҳурот усулҳои мусолиматомези гуногуни муқовимати шаҳрвандӣ, ба монанди корпартоӣ, ҳамоиш, раҳпаймоӣ, гирдиҳамоӣ истифода шуда, дар натиҷа ба низоъҳои мусаллаҳона табдил гардид. Ин раванди хезиш дар сар то сари ҷаҳон бо номи "Баҳори Араб" ё "Бедории Араб" маъруф гардид, ки он дар дигар кишварҳо ба унвони “Инқилоби ранга” ё “Инқилобҳои махмалӣ” ном гирифт. Дар маҷмуъ, онҳо дигаргуниҳои сиёсӣ иқтисодӣ фарҳангӣ ва ғайраро талаб мекарданд.

Дар натиҷа, вазъияти амниятии кишварҳои араб ба хатари ҷиддӣ гирифтор шуд. Ин ҳолат метавонад ба минтақаи Осиёи Марказӣ низ таъсир расонад. Зеро дар ҳодисаҳои руҳдодаи араб тазоҳурот бо усулҳои гуногуни муқовимати шаҳрвандӣ ба монанди корпартоӣ, ҳамоиш, раҳпаймоӣ ва гирдиҳамоӣ истифода шуданд. Ин ҳодисаҳо бо омилҳои гуногуни ҷамъиятӣ оғоз гардида, баъдан бо талаби суқути низомҳои вуҷуддошта зери унвони “демоктратия”, “ҳуқуқ” ва “озодӣ” муддате мардумро аз идораи режими кишварҳо берун баровардa, пасон ба вазъи нороҳаткунандаву ноамнӣ анҷомид. Дар ин гуна фазо қишри зиёии араб фикру андешаҳои гуногунро баён мекарданд, таҳлилу назарҳои гуногунро нашр мекарданд. Баҳори араб ногаҳонӣ рӯх дод, онҳо ба душворӣ ин воқеъиятро бовар мекарданд, бисёриҳо аз пешгӯии натиҷа ва паёмадҳои он эҳтиёткорона сухан мекарданд. Ба вуқуъ омадани “Баҳори Араб”-ро ба ду омили муҳим, омили иқтисодӣ (рукуд, фасод, бекорӣ ва фақр) ва омили геополитикӣ бештар тарҷеҳ медиҳанд.

Махсусан, таҳлилгарон кушиш мекарданд, ки ҳаводиси Баҳори арабро ба шакли воқеъбинона баррасӣ намоянд. Вақте, ки ба хушунат табдил гашт, онро ба дасти ниҳонии хориҷӣ ба хотири пайванд медоданд. Бо илова аз ҳолати

воқеӣ, ки сабаби пайдоиши чунин хезиш гардида аст, баёнияҳои гуногун пешкаш мекарданд. «Бо назардошти инқилобҳои Миср, Тунис, Либия, Яман ва Сурия, низомҳои ҳокими онвақта натавонистанд идеяҳои ҷойдошта оид ба иртибот доштани инқилобҳо бо неруҳои берунаро, ба монанди Ғарб, Исроил ва ал-Қоида, пайванд диҳанд »[7,9], омадааст дар гуфтаҳои Шибли Телҳамӣ (Shibley Telhami), устоди донишгоҳ дар улуми сиёсӣ.

Аммо ба гуфти Доктор Ғамори Тибӣ – ҷомеашиноси араб бо такя ба мақолаи Майкл Скотт Доран (Michael Scott Doran) - таҳлилгари амрикоӣ ва сиёсатшиноси байналмилалии Шарқи Наздик, инқилобҳои араб натиҷаи «таъқиб, фасод, қашшоқӣ, бекорӣ, баланд шудани нархи молҳои аввалия ва кушиши сусти ҳукуматҳо барои ҳалли ин мушкилот ва ғайраҳо буданд, ки сабабгори хезиши мардум шуданд. Танҳо ин мушкилиҳо кофӣ аст, ки инқилобро дар дигар кишварҳо ва дар давраи ҳозира низ ба вуҷуд оранд. Аз ин рӯ, мо метавонем бигӯем, ки таркиш ва ҷунбиши мардумӣ ногузир буд »[7,9], ки аз нигоҳи таҳлилгарони дохили низомҳо баён карда намешуд.

Пас Доктор Ғамори Тиби – ҷомеашиноси арабии Алҷазоир, сабаби парешонии режимҳоро дар қиболи ҳаракатҳои мардумӣ бинобар сабаби ҷой надоштани бисёр муассисаҳои фаъоли ҷомеа рабт дода, ин рӯйдодҳоро сабаби таъсири заъфи чунин ниҳодҳо дар кишварҳо мешуморад, ки хулосаашро меорем:

**1- Заъфи оила ва муассисаҳои таълимӣ**

Вақте воқеияти ҷунбишҳои арабро меомӯзем, мебинем, ки ҳодисаҳои инқилобҳои араб бештар аз ҷониби ҷавонони то 30-сола сурат гирифтаанд. Дар ҳамаи инқилобҳои араб аввалин қурбониҳо низ ҷавонон буданд.

Инчунин ҷомеашиноси араб, яке аз омилҳои Баҳори арабро дар паст будани сатҳи илму маърифат мебинад, аз ҷумла такя ба Наҷиб Маҳфуз (1911-2006) - нависандаи мисрӣ ин вазъро хулоса карда мегӯяд, ки системаи маорифи «Миср дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дорад, ки дар он донишҷӯён чанд соат банд мешаванд, дар ин муассисаҳо фанҳои санъат ва адабиёт хеле кам таълим дода мешаванд, аммо онҳо бояд эҳсос ва завқи фарҳангӣ омӯзанд, аз ин лиҳоз бештар ба казармаҳои низомӣ монанд аст», ки бинобар сабаби дониши нокофӣ аз чунин ҷунбишҳо пайрави мекунанд. Гузашта аз ин, ба он ишора мекунанд, ки нишондиҳандаҳои рушди фарҳангии ҷаҳони араб нисбат ба тамоми ҷаҳон хушбинона нест, ҷомеашиноси араб такя ба омори ҳафтаномаи мисрӣ «ал-Мусаввар» нашр намуд, ки «Миср, кишвари бо шаст миллион аҳолӣ, танҳо дар як сол 375 китоб нашр мекунад, бар хилофи Исроил, ки ҳар сол 4000 номгӯйи китоб содир мекунад» [6,10], шояд муболаға ҳам бошад. Зеро ҷомеашиноси араб такя ба шохиси Фуъод Аҷамӣ намуда, шояд дақиқ набуда, дар вақте оварда шудааст, ки набудани омор ва арқоми расмӣ ва мушкилии ҷустуҷӯи шумори воқеии китобҳои нашршуда дар ҷаҳони араб, тибқи як пажӯҳиши Кумитаи китоб ва интишори Миср, ки Sputnik Русия нашр кардааст, ҷаҳони араб, миёни маҷаллаҳо, китобҳо, нашрияҳо ва силсилаҳо ҳар сол 1650 номгӯй нашр мекунад.

Ин дар ҳолест, ки рӯзномаи «ал-Араб» ҳар сол дар ҷаҳони араб рақами дигар нашр мекунад, ки китобҳо, нашрияҳо ва силсилаи илмӣ аз 40 то 60 ҳазор ном нашр мешавад. Дар маҷмуъ, шумораи ҳадди аксар 60 000 китоб ҳамасола дар кишварҳои арабӣ нашр мешавад. Инчунин як пажуҳиши байналмилалие, ки аз ҷониби арабҳои Сурия нашр шудааст, яке аз сабабҳои дигарро равшан намуд, ки нашрияҳо дар Ғарб бо дастгирии ҳукумат ба андозаи 75% дарсад ва 25% дарсади боқимонда ба хонанда такя мекунанд. Аммо нашрияҳои араб 90% дарсад аз хонандаи араб вобаста аст [9]. Дар қиболи чунин муқоисаи фарққунанда, дар як тадқиқоти Иттиҳоди ноширони араб, омадааст, ки “Арабҳо баръакси ончӣ роиҷ аст, бештар китоб мехонанд”. Дар таҳқиқоти нашриёти араб, рақамҳо ва оморҳоро аз соли 2015 то 2019 ба назар гирифта шудааст, нишон медиҳад, ки 20 кишвари араб дар 5 сол 315 000 китоб нашр кардаанд, ки камтарини он дар соли 2015, яъне 54 000 нусха ва аз ҳама бештар дар соли 2019, ки ба кишварҳои арабӣ ҳудуди 70 000 китоб рост меояд. Ҳамзамон, Миср аз рӯйи нишони панҷ соли нашршуда, тақрибан 115,000, аз шумораи умумии тақрибан 315,000 китоби арабӣ дар ҷои аввал буд [1]. Яъне муассисаҳои таълимӣ ба ҳар шакле набошад фаъолият мекунанд ва мардуми араб бо донишмандони забардасти худ машҳуранд. Аммо пайвастани ҷавонон ба эътирозҳои мардумӣ бинобар сабабҳои зикр намудаи Майкл Скотт Дуран бештар рост меояд.

**Камфаъолиятии ҷомеаи шаҳрвандӣ**

Доктор Ғамори Тибӣ чунин мешуморад, ки ҳукуматҳои арабӣ бо вуҷуди боз кардани роҳ барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба тамоюлҳои демократӣ мувофиқат кунанд, ҳамзамон, онҳо доираи ҷомеаи шаҳрвандиро маҳдуд карда, онро танҳо дар ҳошияи низоми сиёсии ҳукмрон ҷой доданд. Дар натиҷа, эътимоди мардуми ҷушзада ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи поён қарор гирифта, сабаби пошхурии ҷомеаи васеи мардум гардид.

**Ҷомеаи сиёсӣ**

Ҷомеаи сиёсии арабро элитаи ҳоким ташкил медиҳад, ки маъмулан аз наслҳо иборат аст. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва барқарор шудани тартиботи нави байналмилалӣ, аз бими дигаргуниҳои суръатбахш, ҳукуматҳои араб аз чораҳои пешгирикунанда истифода карданд. Махсусан дар қабули бо номи "демократикунонии пешгирикунанда" маъруф мебошад. Бояд қайд намуд, ки ин демократикунонӣ ҳамчун «ҳаракати ихтиёрӣ ё натиҷаи фишори табақаҳои иҷтимоӣ набуд. Балки танҳо як стратегияи эҳёи низомҳои ҳоким дар шароити бӯҳронҳои иқтисодӣ ва бесуботии сиёсӣ буд».

**Парешонии зерсохтори иқтисодӣ**

Иқтисоди ҷаҳони араб бо чолишҳо гирифтор аст. Сарфи назар аз тахассус, имконият ва захирахои моддӣ, инсонӣ ва маънавӣ, иқтисоди араб то ҳол асосан гаравгони даромадҳо аз сӯзишворӣ ва ашёи хоми табиии барқарорнашаванда мебошад. Инро муҳаққиқ Сюзан Малонӣ тасдиқ карда мегӯяд: «Муҳимтарин таҳқиқоти назариявӣ оид ба инқилоб аз ҷониби Алексис де Токвиль (Alexis de

Tocqueville), Крейн Бринтон (Crane Brinton) ва Сэмюли Ҳантингтон (Samuely Huntington) таъсири ноустуворкунандаи модернизатсияи муосирро таъкид мекунад. Дар ҳоле ки кори Теда Скокпол (Theda Skocpol) ба таъсири сохтории бӯҳрони иқтисодӣ бар суботи кишварҳо тамаркуз мекунад. Аз ин рӯ, дар ҳарду сенария иртиботи мустақим миёни фишорҳои иқтисодӣ ва ошубҳои мардумӣ вуҷуд дорад. Ин боиси он шуд, ки бештари даромади нафтро дар таъмини хизматрасонӣ ва маводи истеъмоли умумӣ масраф кунанд. Аз ин лиҳоз ин кишварҳо аз иқтисодиёти хориҷӣ даст кашида натавонистанд.

**Парешонии муассисаи ҳарбӣ**

Режимҳои кишварҳои арабро низомҳои амнтарин тавсиф мекунанд. Аммо артишҳои муназзами онҳо дар муқобили эътирозу инқилобҳои гуногуни араб чӣ вокуниш кардаанд, муҳим аст. Дар Тунис артиш бетарафиро нигоҳ дошта, ба манфиати ҳукмрон дахолат карданро рад кард. Дар Миср бошад ба муқобили ҳукмрон дахолат кард. Дар мавриди Яман бошад, як қисми артиш бо низоми ҳоким вориди даргирӣ шуд. Аммо дар бораи барҳам додани сохти низоми ҳарбӣ бошад, ин роҳро Муаммар ал-Қаззофӣ пеш гирифта буд, ки Муаммар ал-Қаззофӣ солҳои ахир артиши муқарраририро барҳам дода, ба ҷои он низоми мардумии мусаллаҳ ва баталёнҳоеро ҷойгузин кард. Ин амр ба таслиҳ ва омӯзиши шуришиён аз назари миқдор, сифат ва замонӣ мусоидат кард.

Пас, Баҳори араб мушкилиҳои зиёдеро ба бор овард, ки сабаби гирифтор шудан ба ин вазъ масъулияти дастҷамъона аст, агарчанде ҳиссаи бештари ин масъулиятро ҳукуматҳо ба дӯш дошта бошанд. Зеро Баҳори араб замоне ба вуқуъ пайваст, ки ҷомеа паёмҳои оромиро аз ҷониби муассисаи динӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи сиёсӣ ва ҳатто аз сохторҳои амниятӣ ва низомӣ қабул намекард.

Имрӯз, бо гузашти якуним даҳсола аз “Баҳори араб”, холигии сиёсӣ барои бозингарони нав ҷойи муносиберо фароҳам овард ва масъалаҳои дохилии кишварҳоро тезу тунд намуда, давлати ягона ва демократияи дилхоҳ ба вуҷуд наомад. Пас ҳаракати мардумии “Баҳори араб” ба болоравии рӯҳи инқилобии мардумӣ таъсир расонида, чанд муддате дар баъзе кишварҳо бесуботӣ ҳукмрон буд, дар натиҷа, мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ бо паҳншавии силоҳ ва ҷангҳои шибҳинизомӣ, низоми давлатдорӣро шикаст дод.

Ҳадафи таҳқиқи мавзуъ муайян намудани омилҳои ба вуқуъ пайвастани Баҳори араб дар кишварҳои араб ва таъсири он ба кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Мувофиқи ҳадафи мазкур вазифаҳои зерин ба миён гузошта мешаванд:

- муайян намудани омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии “Баҳори Араб дар дар кишварҳои араб ва Осиёи Марказӣ”;
- натиҷагири намудан аз ҳаводиси “Баҳори Араб” ва инқилобҳои ранга;
- таҳқиқи таъсири он дар Осиёи Марказӣ ва мавқеъи ҷуғрофӣ ва геополитикӣ;
- муайян намудани роҳҳои пешгирии ҳаводис дар солҳои минбаъда.

Бояд қайд намуд, ки баъди 14 соли оғози “Баҳори Араб”, мушкилоти кишварҳо ҳамчунон идома дорад, вазъи иқтисодии ва иҷтимоӣ нобаробар боқӣ монда, фасод аз байн нарафта аст, мардум солгарди инқилобро бо тазоҳуроту изҳороти нав пешвоз мегиранд ва таъкиди ҳадафу вазифаҳои Баҳори арабро дубора ёдоварӣ мекунанд.

Бино ба назари коршиносон, агар робитаҳои байналхалқӣ бар асоси муносибати манфиатҳои мутақобилаи кишварҳо ташкил ёбад, пас бештари равобит бо кишварҳои низоъзада дар ҳолати паст қарор хоҳад гирифт. Зеро суботу амнияти давлатҳо асоси ҳамин равобит мебошад. Аз ин лиҳоз, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳамон солҳо кушиши зиёд ҷиҳати ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ менамуданд, то шарораи чунин ноороимиҳо ба минтақа таъсир нарасонад, паёми чунин таъсирпазирӣ бараъло дар мисоли Узбекистон ҷиҳати пешгирӣ кардан дида мешавад [12].

Барои пешгирии таъсиррасонӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вазъи дохилӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, тадбирҳои мунтазам ва пешгирикунандаро чора андешӣ намуданд. Ин пажуҳиш нишон дод, ки ду қитъа ба омӯзиши дигар масъалаҳо низ ниёз дорад. Зеро таҷрибаи кишварҳо метавонад умри давлатҳои тозаистиқлолро дарозтару доимтар гардонад. Бахусус, таҷрибаи инқилобҳои рангаи минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамонанди Баҳори араб буда, қабл аз он ба вуқуъ пайваст.

Ҳоло кишварҳои ИДМ ҷиҳати садди роҳи чунин ноамниро гирифтан машғул ба ҳалли масъалаҳои минтақа гардида, доимо талош менамоянд, ки ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи кишварро тавассути назорат амалӣ гардонанд.

Дар ин самт, Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари ташаббускори маъруфи байналмилалӣ, дорои имкониятҳо, фарҳанги баланди маънавию инсонӣ, барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи ҷаҳон мактаби сулҳофариниро ҳамчун роҳи ҳалли мушкилҳои дохилӣ ва низоъҳои байналхалқӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Ва сиёсати дарҳои бозро бо ҳама кишварҳо барои ҳамкории судманд амалӣ менамояд. Бо вуҷуди чунин вазъияти пешомадаи кишварҳои араб дар замони Баҳори араб муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистон бо ҳукуматҳои пай дар пай омадаи онҳо қатъ нагардид.

Дар робита ба Баҳори араб, Пешвои миллат доимо аз минбарҳои баланди байналхалқӣ аз паёмадҳои ноороимии минтақаҳо ва ҳаракатҳои гуруҳҳои гуногун ҳушдор медиҳанд. Ва аз таҷрибаи солҳои гузаштаи Тоҷикистон барои иқдом намудан ҷиҳати бинои давлату миллат сухан мегӯянд. Махсусан, Баҳори араб шакле аз инқилобҳои ранга буда, мардумро ба гирдоби ноамнӣ, изтиробӣ ва парешонӣ мекашонад ва аз ҳадафҳои миллӣ кишварҳоро боз ҳам солҳо дуртар менамояд.

Ҳамин тавр, баъди аз байн рафтани андешаи ҷаҳонишавии кишварҳо, раванди нави равобити бисёрқутбии ҷаҳон оғоз гардида, вазъи давлатҳои Осиёи Марказӣ шароити муҳофизатнамоӣ ва тараққиёти устуворро талаб мекунад.

Барои ҳимояи минтақа аз ҳар гуна хатарҳо механизмҳои нави коҳишдиҳандаи хатароту таҳдидотро низ тақозо менамояд. Зеро, барои пешгирии ҳар гуна унсурҳои манфӣ шароит муҳаё намудан талаб мегардад. Гуногунрангӣ, нуқтаи заъфи минтақа буда метавонад ба низоъҳои қавмӣ, этникӣ ва мазҳабӣ оварда расонад.

Хулоса, таҷрибаву натиҷаҳои даҳсолҳои ахири кишварҳои араб нишон дод, ки кишварҳои таъсирпазир тахти шиори "Баҳори арабӣ" ба норомии печида пайвастанд. Чунин тасаввур намешуд, ки дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ абарқудратҳо бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои хеш ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегии худ бо ин кишварҳо чӣ тавр муносибат менамоянд. Натиҷаҳои идомаи ҷанги Афғонистон, эътирозҳо ва низоъҳо дар Ироқ, Миср, Либия, Сурия, Яман ва дигар кишварҳои арабу Африқои Шимолӣ нишон доданд, ки ин кишварҳо дар мадори тарҳи нави "Ховари Миёнаи Бузург" ва бозиҳои бунёдан тарҳрезишудаи сиёсиву иқтисодӣ давр мезананд. Ҳамчунин инқилобҳои ранга метавонанд минтақаро ба саҳнаи бозиҳои геополитикӣ миёни Аврупо ва ИМА аз як тараф, Русия ва Чин аз тарафи дигар гардонида, кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказиро ба чолишҳои иқтисодӣ ва амниятӣ оварда расонад, ки ҳушёриву зиракӣ метавонад роҳи таъсирпазирӣ ва амалишавии намунаи Баҳори араб дар минтақаро бо номҳои гуногун боз дорад ва мардумашро дар осоиштагию амони доимӣ нигоҳ дорад.

### АДАБИЁТ:


1. Арабҳо 1,1 дарсади китобҳои ҷаҳонро тавлид мекунанд... оё коҳиши мутолиа ё афзоиши фишорҳо? Исмоил Юсуф. Рӯзномаи «ал-Истиқлол». Таърихи бардошт 25.10.2024. (https://www.alestiklal.net/ar/article/dep-news-1626112456) العرب ينتجون 1.1 بالمئة من الكتب عالميا.. لتراجع القراءة أم زيادة القمع؟ إسماعيل يوسف. صحيفة الاستقلال

2. Арабҳо ба бозии бузург ҳамроҳ мешаванд... Авҷи рақобат миёни Ғарбу Русия ва Чин дар Осиёи Марказӣ. Сомонаи “Почтаи арабӣ”. 21.08.2023. Таърихи бардошт 24.09.2024. (https://arabicpost.live) العرب ينضمون للعبة الكبرى.. تصاعد التنافس بين الغرب وروسيا والصين على آسيا الوسطى، فمن يحسمها؟ عربي بوست. 21.08.2023.

3. Аҳамияти стратегии ҷумҳуриҳои исломии Осиёи Марказӣ миёни вазъи дохилӣ ва нигарониҳои байналмилалӣ. Навор Муҳаммад Рабиъ ал-Хайрӣ-устоди Донишгоҳи Ал-Мустансирия. Маҷаллаи сиёсӣ ва байналмилалӣ, Бағдод – Ироқ, 2012, Ҷилди 22, Саҳ 53.

4. Бо ИМА ва Аврупо беҳтар шавад: Сухангӯй аз муносиботи Раҳмон бо Чин, Русия ва ИМА гуфт. Сомонаи Sputnik. 19.04.2021. Таърихи бардошт 16.10.2024. (https://sputnik.tj/)

5. Бозингари нав. Оё кишварҳои Халиҷи Форс барои густариши нуфуз дар Осиёи Марказӣ рақобат карда метавонанд? Ғади Қиндил. Маркази тадқиқоти Авруосиёи Араб (CAES). 07.02.2024. Таърихи бардошт 21.09.2024. (https://eurasiaar.org) اللاعب الجديد. هل يمكن لدول الخليج المنافسة على بسط النفوذ في آسيا الوسطى؟ غدي قنديل. مركز الدراسات العربية الأوراسية (CAES). 07.02.2024.

6. Ғамҳои Миср: Қиссаи ду мард. Фуад Аҷамӣ. Саҳ 10. The Sorrows of Egypt: A Tale of Two Men. Fouad Ajami. foreign affairs, september/october 1995. In “The New Arab Revolt: What Happened, What It Means, and What Comes Next”. The Council on Foreign Relations, 2011, 480 P. p10.

7. Инқилобҳои араб миёни дастҳои ноаён ва парокандагии иҷтимоӣ, тафсири сиёсӣ ва иҷтимоӣ. Доктор Ғамори Тиби, устоди ҷомеашинос. Маҷаллаи “Солномаҳо”, маҷаллаи факултети адабиёт ва илмҳои гуманитарӣ - Донишгоҳи ал-Балманд - Алҷазоир. Нашри 15, 2014. 25 С-. Саҳ 9 .

8. Инъикоси самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми навбатии Пешвои миллат. Ҷ. Мирзоев. Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 30.01.2003. Таърихи бардошт 16.10.2024. (https://institute-history.tj/tj/node/304)

9. Испания шумораи китобҳои дар тамоми кишварҳои арабӣ нашршударо ду баробар зиёд нашр мекунад: Чаро китобхонӣ дар байни мардум коҳиш ёфтааст? Аҳмад ал-Ҳумсӣ. Омодакунанда: Хатри Мавлуд. Сомонаи “Испания бо забони арабӣ”. 04.01.2022. Таърихи бардошт 25.10.2024. (https://espanaenarabe.com) إسبانيا تنشر ضعف عدد الكتب المنشورة في كل الدول العربية مجتمعة: لماذا تراجعت القراءة لدى أمة اقرأ؟ أحمد الحمصي. إعداد: خطري مولود. موقف "سبانيا بالعربي" 04.01.2022.

10. Нақши кишварҳои бузург (Ҷумҳурии Халқии Хитой, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия) дар Осиёи Марказӣ. Шоймардонова Гулноза Иброҳимовна. Рисолаи магистрӣ. Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Душанбе-2021. 85 С-. Саҳ 6.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон. 22.04.2002. Таърихи бардошт 16.10.2024. (www.president.tj/event/'missives/6240).

12. Чаро давлати Узбакистон аз 'Баҳори Араб' ҳарос дорад? БИ-БИ-СИ тоҷикӣ. 21.05.2023. Таърихи бардошт 09.10.2024. (https://www.bbc.com/tajik/news/2013/05/130521_mm_uzbekistan_arab_spring).

## ВЛИЯНИЕ «АРАБСКОЙ ВЕСНЫ» НА ЦЕНТРАЛЬНУЮ АЗИЮ

*Центральная Азия – большой регион, расположенный на азиатском континенте. После достижения государственной независимости пять стран оказались в центре внимания геополитических интересов региональных и мировых держав. Среди них США, КНР, Китайская Республика, СНГ, Евросоюз, арабские страны, страны Ближнего и Дальнего Востока и др.*

*Цветные революции могут вывести регион на стадию политических игр и поставить страны Центральной Азии перед экономическими проблемами и проблемами безопасности, бдительность и изобретательность которых могут предотвратить влияние и реализацию модели «арабской весны» в регионе на различных условиях и сохранить свой народ в мире и безопасности.*

***Ключевые слова**: Арабская весна, цветные революции, Центральная Азия, Узбекистан, Таджикистан, Туркменистан, Казахстан, Кыргызстан, США, Франция, КНР, СНГ, Европейский Союз, Арабские страны, страны Ближнего и Дальнего Востока, Сирия, Йемен.*

## THE IMPACT OF THE "ARAB SPRING" ON CENTRAL ASIA

давлатҳо ба мақсади ташаккули чораҳои муносиби муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир мебошад. Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ бо мақсади таҳкими ҷанбаҳои асосии сиёсати хориҷӣ тадбирҳоро дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хатарҳои экологӣ, тағирёбии иқлим ва таҳдидҳо ба иттилоот ва амнияти озуқаворӣ меандешад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро дар асоси ҳадафҳои давлатӣ ва манфиатҳои олии миллӣ муайян ва амалӣ менамояд.

Хусусиятҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии ҷаҳони имрӯза баррасии мунтазами афзалиятҳоро тақозо мекунанд. Онҳо вобаста ба сатҳ ва мазмуни муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин эҳтиёҷоти миллӣ ва давлатӣ метавонанд мавриди тағйир қарор гиранд.

Дар равобити Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аз ибтидои асри XXI пешрафти мусбат ба амал омада, ин тамоюл сол то сол афзоиш меёбад.

Иқтисоддонҳои аврупоӣ пешгӯи мекарданд, ки бо “Хуруҷи Бритониё” аз Иттиҳоди Аврупо иқтисодиёти Аврупо алалхусус Олмон то муддате дар ҳоли сукут қарор мегирад ва баъдтар танзим мешавад. Яке аз сабабҳои аслии хуруҷи Бритониё аз Иттиҳоди Аврупо аз даст додани бозорҳои фурӯш ва зери таъсири иқтисоди Олмон қарор гирифтани ӯ буд.

Агар Бритониё аз Иттиҳоди Аврупо ҳарчи зуд хориҷ намешуд, истеҳсолоти дохилӣ коста намешуд ва дар бозору марказҳои савдо ҳатто хурдтарин маҳсулот зери бренди “Made in Germany” намудор мешуд.

Тоҷикистон бо назардошти мусоидат ба рушди соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ, Иттиҳоди Аврупоро яке аз шарикони муҳими иқтисодии худ эътироф намуда, минбаъд низ дар пайи тавсеа ва амиқсозии ҳамкориҳои устувори дарозмуддат бо ин иттиҳодияи бонуфузи байнидавлатӣ дар заминаи принсипи манфиати муштарак саъй мекунад.

Ин ҳамкорӣ дар маҷмуъ ҳамаи ниҳодҳои аврупоӣ, аз ҷумла Парлумони Аврупо, Шӯрои Аврупо, Бонки сармоягузории Аврупо ва дигар созмону муассисаҳоро фаро мегирад.

Дар ҳамин ҳол, таҳким ва тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаи бисёрҷанба бо мамлакатҳои Аврупо, аз ҷумла Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Фаронса, Ҷумҳурии Италия, Шоҳигарии Испания, Конфедератсияи Швейтсария, Шоҳигарии Белгия, Ҷумхурии Австрия, Ҷумҳурии Чех, Ҷумҳурии Полша ва мамлакатҳои назди Балтика барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Масъалаҳои амниятӣ ва рушди иқтисодии минтақавӣ талаб менамояд, ки Иттиҳоди Аврупо бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла бо Тоҷикистон бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофиашон ҳамкории зичро бароҳ монад. Илова

бар ин, он ба рушди ҳамкориҳо дар самти масъалаҳои сарҳадӣ, муҳоҷират, мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва тероризми байналмилалӣ, инчунин хариду фурӯшӣ одамон, мубодилаи ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ алоқаманд аст.[1,с.40]

Дар шароити афзоиши босуръати раванди ҷаҳонишавӣ ва амиқтар шудани ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ дар ҷаҳон ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмону ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин созмону ниҳодҳоро ҳамчун як механизми муҳими пешбурди талошҳои муштарак дар мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир, платформаи ягонаи ҳалли баҳсҳо ва мушкилоти муносибатҳои байналмилалӣ ва воситаи муассири мусоидат ба сулҳу суботи байналмилалӣ эътироф мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат намудан дар ташаккули низоми нави баробарҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллии худ дар фаъолияти ин ниҳодҳо фаъолона иштирок менамояд.

Дар ин замина муносибатҳо бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Муколамаи ҳамкории Осиё, Конфронси ҳамкорӣ ва тадбирҳои ташаккули эътимод дар Осиё ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ самтҳои афзалиятнок маҳсуб мешаванд.

Осиёи Марказӣ, ки ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Ховари Миёна, Қафқози Ҷанубӣ, ба монанди Эрону Афғонистон барин мамлакатҳои муҳими геополитикӣ дастрасӣ дошта, инчунин дар зери низоми дуализми ҳамкорӣ ва рақобати Россия ва Чин қарор дорад, яке аз минтақаҳои васеътарин ва калидии Авруосиё ба шумор меравад. Аҳамияти геополитикии минтақа инчунин бо захираҳои ғании табиӣ ва иқтидори логистикии он муайян карда мешавад.

Аз охири солҳои 90-ум дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолнокии ниҳодҳои байналмилалии амнияти Аврупо: аввал САҲА ва баъд аз 11 сентябри соли 2001 – Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ ва Иттиҳоди Аврупо (ИА) ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфт. Ҷузъи бисёрҷонибаи дипломатияи аврупоӣ роҳи мустақилонаи сиёсати хориҷии давлатҳои пешрафтаи аврупоӣ, пеш аз ҳама Олмон, Британияи Кабир ва Фаронсаро, ки манфиатҳои худро дар Осиёи Марказӣ дарҳол пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ баён доштанд, пурра кард [15, С. 55].

Аммо, сарфи назар аз дурнамои бузург ва имкониятҳои объективӣ, бисёре аз бозигарон ва қудратҳои бузург аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ мавқеъи эҳтиёткорона ва интизории бештарро риоя мекарданд ва ҳоло ҳам ишғол мекунанд. Маҳз чунин мавқеъро Британияи Кабир ҳамчун

бозигари доимии муносибатҳои байналхалқӣ буда, мамлакати дорои манфиатҳои ҷаҳонӣ мебошад, низ интихоб намуд.

Вектори Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Британияи Кабир чӣ гуна ташаккул ёфт, кадом омилҳо ба ин раванд таъсир расониданд, оё воқеан Осиёи Марказӣ танҳо дар доираи ҳамкории ҷаҳони Ғарб бо Россия ва Чин муҳим аст? Ҷавоб ба ин саволҳо ба тасаввури равшантар ва пурратар дар бораи сиёсати Британияи Кабир дар минтақа кумак мекунад

Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба вуҷуд омадани мамлакатҳои нави соҳибистиқлол бо имконияту мушкилоти нав дар аввал на ҳамчун рӯҳбаландӣ, балки баръакс, ҳамчун тарси Ғарб ва тамоми ҷаҳон аз дигаргунӣ ва таҷдиди Хокимияти Шуравӣ ё ташаккули низомҳо бо бунёдгароии исломӣ, масалан, ба мисли Эрон, хизмат карданд. Ин тарс сабаби фаъол шудани мамлакатҳои аврупоии пешрафта дар Осиёи Марказӣ барои таҳкими истиқлолияти мамлакатҳои минтақа ва коҳиши нуфузи Россия гардид [1].

Британияи Кабир дар баробари дигар давлатҳои қитъаи Аврупо ба истифодаи иқтидори ашёи хоми мамлакатҳои минтақа низ манфиатдор буд. Махсусан дар Қазоқистон мавқеъи сармоягузории ширкатҳои Британияи Кабирӣ, ки аз ҷониби Лондони расмӣ фаъолона дастгирӣ мешавад, мустаҳкам гардид. Объекти асосии сармоягузории онҳо бахши нафту гази Қазоқистон мебошад. Тибқи маълумоти Бонки марказии Қазоқистон, ҳаҷми сармоягузории мустақими ҷамъшуда аз Британияи Кабир то моҳи декабри соли 2020 3,5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил додааст [12].

Тағйирёбии вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ дар чоряки охири асри XX раҳбарони қудратҳои пешрафтаи ҷаҳонро маҷбур кард, ки бори дигар ба решаҳои таърихии мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки вазъро дар минтақа ба таври ҷиддӣ ноором мекунанд, таваҷҷуҳ зоҳир кунанд [4, С. 28]. Ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 низ ба сиёсати хориҷии Британияи Кабир ислоҳот ворид карданд. Бо ҷалби ин мамлакат дар фаъолияти Неруҳои байналмилалии кумак ба амният дар Афғонистон (ISAF) рушди ҳамкориҳои сиёсӣ ва низомию сиёсӣ бо мамлакатҳои минтақа оғоз ёфт. Дар ҳамон сол Бунёди Британияи Кабир оид ба пешгирии низоъҳо дар Осиёи Марказӣ ба кори худ шуруъ кард, ки ҳадафи он коҳиши иқтидори низоъ ва мусоидат ба субот дар минтақа эълон шуда буд. Ва аз ин рӯ, аз солҳои 2000-ум таваҷҷуҳи Британияи Кабир ба минтақа бо як қатор ҷанбаҳо: ширкати НАТО дар мубориза бо терроризм дар Афғонистон ва истифода аз қаламрави мамлакатҳои Осиёи Марказӣ; афзоиши содироти маводи мухаддир аз Афғонистон тавассути транзит тавассути Осиёи Марказӣ ва Россия; ташаккули марказҳои бунёдгароии исломӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ (Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ); таваҷҷуҳ ба пойгоҳи энергетикӣ ва майдони нави ҳамкории иқтисодӣ; иқтидори транзитии минтақа муайян шудааст. Ҳамкории зич байни Британияи Кабир ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчуби Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои

мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, ки соли 2007 қабул шудааст, сурат гирифтааст [3, С. 36-37].

Дар ин росто, маҷмуи чорабиниҳо дар самти мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм», инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии мубориза бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷинояткорӣ, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025 ба даст ормадаанд" асос ёфтааст. Ғайр аз ин, Қонуни «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» низ вуҷуд дорад, ки ҳуқуқу масъулияти мақомоти давлатиро дар ин самт, инчунин навъҳои масъулиятро барои фаъолияти экстремистӣ муайян мекунад. Рӯйхати мазкур танҳо як қисми чаҳорчуби қонунии мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизмро ташкил медиҳад.

«Стратегияи мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки соли 2021 қабул шудааст, санадест, ки ҳадаф, вазифа ва самтҳои сиёсати давлатиро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон барои давраи панҷсола муайян мекунад. Стратегияи мазкур мутобиқи Стратегияи глобалии мубориза бо терроризм, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (СММ) қабул шудааст, таҳия ва амалӣ карда мешавад. Он доираи васеи чорабиниҳоро дар бар мегирад, ки ба пешгирии зуҳуроти экстремизм ва терроризм, таъмини амнияти шаҳрвандон ва субот дар минтақа нигаронида шудаанд.

Ҳадафҳои стратегияи мазкур таъмини амнияти миллӣ, таҳияи низоми муассири муқовимат ба таҳдидҳои экстремистию террористӣ, пешгирӣ аз радикализатсияи ҷомеа ва мусоидат ба талошҳои байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм мебошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ стратегия ба муносибати маҷмӯӣ, аз ҷумла таҳкими заминаи қонунгузорӣ, такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби фаъоли ҷомеа, гузаронидани корҳои пешгирикунанда ва рушди экспертизаи зиддитеррористӣ такя мекунад.

Яке аз самтҳои муҳими ин стратегия ҳамчунин рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, фароҳам овардани шароит барои иштироки ҳамаҷонибаи шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, мубориза бо омилҳои номатлуб, ки ба паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва террористӣ мусоидат мекунанд, маҳсуб мешаванд.

Ҳамин тариқ, "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" дар таъмини амнияту субот дар минтақа бо дарназардошти чолишҳои муосир ва таҳдидҳои марбут ба экстремизм ва терроризм васила муҳим ба шумор меравад.

«Стратегияи мубориза бо экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» якчанд ҷузъҳои асосиро дар бар мегирад, ки ба таъмини амнияти миллӣ ва пешгирии таҳдидҳои экстремистию террористӣ нигаронида шудаанд:

1. Заминаи қонунгузорӣ: таҳия ва такмили санадҳои қонунгузорӣ, ки ба мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм, аз ҷумла ба пурзӯр намудани чораҳо оид ба пешгирии маблағгузории терроризм нигаронида шудаанд.

2. Рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ: такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла таълими онҳо ва таъмини онҳо бо бо захираҳо барои мубориза бо таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ.

3. Ҳамкории байналмилалӣ: иштироки фаъолона дар барномаҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризм, табодули иттилоот ва таҷриба бо дигар мамлакатҳо.

4. Корҳои оммавию пешгирикунанда: ҷалби ҷомеа ба раванди муқовимат ба экстремизм, гузаронидани корҳои пешгирикунанда дар байни аҳолӣ ва пешбурди таблиғи зидди ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ.

5. Рушди иҷтимоию иқтисодӣ: фароҳам овардани шароит барои фарогирии иҷтимоъӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум бо мақсади пешгирии омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба густариши ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ мусоидат мекунанд.

Маҷмуи ин ҷузъҳо муносибати ҳамаҷонибаи таъмини амнияту субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешгирии таҳдидҳои марбут ба экстремизм ва терроризмро ташаккул медиҳад. Дар байни тадбирҳое, ки вобаста ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида мешаванд, инҳоро метавон қайд кард:

- дар Тоҷикистон дар доираи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ сохторҳо ва воҳидҳое ташкил карда шудаанд, ки ба мубориза бо терроризм ва экстремизм нигаронида шудаанд. Онҳо барои ошкор ва рафъи ҷиноятҳои марбут ба ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти созмонҳои террористӣ кор мебаранд. Ҳамчун чораи пешгирикунанда ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти фаврӣ ва воҳидҳои тафтишотӣ таъсис дода шудааст. Вазифаи ин ситод ҳамоҳангсозии талошҳои тамоми сохторҳои ширкаткунанда барои мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошад;

- аз ҷониби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани рӯйхати шахсоне, ки ба фаъолияти ғайриқонунии молиявӣ дар самтҳои экстремизм ва терроризм машғуланд. Ин тадбир ба танзими гардиши молӣ ва ҷилавгирӣ аз маблағгузории фаъолиятҳои террористӣ нигаронида шудааст;

- оид ба сабабҳои иштироки занон дар экстремизми хушунатомез таҳқиқот гузаронида шуда, стереотипҳои (қолибҳои) дар таъсири равонии ифротгароён аз ҷониби экстремистон истифодашаванда ошкор карда мешаванд. Таваҷҷӯҳ ба фаъолияти маърифатноксозӣ тавассути ташкили барномаҳои телевизионӣ, ки

принсипҳои давлати дунявӣ ва оммавӣ гардонидани илмро шарҳ медиҳад, зоҳир карда мешавад;

- фаъолияти иттилоотию маърифатӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз фаъолиятҳои маърифатноксозии қаблан зикргардида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои мубориза бо экстремизм ва терроризм низ пешниҳод карда мешаванд. Инчунин дар байни аҳолӣ ҷиҳати огаҳии аҳолӣ аз хатарҳои терроризму экстремизм кор бурда шуда, кадрҳои диние, ки қодиранд ба паҳншавии ақидаҳои радикалии динӣ дар байни шаҳрвандони мамлакат муқобилат кунанд, омода карда мешаванд [14, С. 1400];

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон ҷиҳати мубориза бо терроризм ва экстремизм як қатор тадбирҳо, аз ҷумла ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тафтиши ҷиноятҳо ва назорати гардиши молиявӣ амалӣ карда мешавад [7, С. 90-92]. Самаранокии ин тадбирҳоро бо истифода аз маълумоти шохиси ҷаҳонии терроризм арзёбӣ кардан мумкин аст. Индекс мухтасари тамоюлҳо ва шаклҳои асосии ҷаҳонии терроризм мебошад. Дар раддабандии Шохиси ҷаҳонии терроризм барои соли 2024 Тоҷикистон бо тамоюли устувори беҳбуди мавқеъаш дар мақоми 69-ум қарор дорад, ки ин аз баъзе муваффақиятҳо дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм бавосита шаҳодат дода метавонад [5, С. 91].

**Ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва экстремизм дар Тоҷикистон**

Сарфи назар аз талошҳо дар самти мубориза бо экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон, мушкили паҳншавии ақидаҳои радикалӣ дар байни аҳолӣ ва шомил шудан ба созмонҳои ифротӣ ҳамчунон масъалаи мубрами рӯз боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ, ки ба мубориза бо мушкилоти мавҷуда нигаронида шудаанд, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад [13, С. 9]. -Моҳи декабри соли 2021 миёни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тавсеаи пайвастаи муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои нав дар платформаҳои муҳими байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ, САҲА, ИДМ, СПАД, СҲШ созишномаҳо ба даст омадаанд [10].

Аз ҷониби дигар, таҳлилгари россиягӣ Д.С. Попов, дар мақолааш “Лондон дар Тоҷикистон чӣ меҷӯяд?”, ки зиёда аз даҳ сол пеш ба чоп расида буд, чунин овардааст, ки: “маълум аст, ки музокирот оид ба истифодаи қаламрави Тоҷикистон барои транзити бозгаштии Афғонистон моҳи марти соли 2012 оғоз шуда, каме бештар аз як сол тул кашиданд. Созишномаи ҳуқуқӣ дар ин бора 18 апрели соли 2013 ба имзо расида буд. Тибқи он Тоҷикистон ҳамлу нақли заминии таҷҳизоти низомии Британияи Кабир ва интиқоли ҳавоии ҳайати нерӯҳои мусаллаҳи Британияи Кабирро иҷозат дод.

Таваҷҷуҳи ҷониби Тоҷикистон ба ин тавофуқ шояд ба хотири ба даст овардани фоидаи моддӣ аз дубора гурӯҳбандии неруҳои НАТО дар ҶИА бошад. Дар ҳамин ҳол Тоҷикистон бо вуҷуди доштани марзи тӯлонитарин бо

Афғонистон дар миёни ҳамаи мамлакатҳои пасошуравӣ, ба таври умум берун аз ин раванд боқӣ монда буд: маводи асосии НАТО аз тариқи Ӯзбекистон гузашта, қисми зиёди пардохтҳои транзитӣ дар онҷо таҳшин мешуд. Дар фурудгоҳи Манас як пойгоҳи бузурги ҳавоии Амрико дар Қирғизистон ҷойгир буд, ки тавассути он кормандони низомӣ аз минтақаи даргирӣ интиқол дода мешуданд; ва аз Туркманистон ба маблағи садҳо миллион доллар сӯзишворӣ харидорӣ карда мешуданд" [8].

Ва ба гуфтаи коршиносони амрикоӣ, тавассути Тоҷикистон на бештар аз 5%-и ҳаҷми умумии трафики Шабакаи таъминоти шимолӣ ба самти Афғонистон мегузашт. Британияи Кабир ба ягона иштирокчии эътилоф табдил ёфта буд, ки ба нафъи долони Тоҷикистон тасмим гирифта буд.

Ангезаи дигаре барои Душанбе, ба гуфтаи коршиносон, ваъдаи Лондон барои интиқоли бахше аз таҷҳизот ва мошинҳое, ки қаблан дар Афғонистон истифода мешуд, ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт. Эҳтимол, сухан метавонист дар бораи мошинҳои боркаши Leyland DAF, мошинҳои Land Rover, ҷузъҳои онҳо, инчунин таҷҳизот (зиреҳҳои бадан, дастгоҳҳои биниши шабона, детекторҳои мина) мерафт. Ҷониби Британияи Кабирӣ ҳамчунин ваъда дода буд, ки дар соли 2013 чанд таҷҳизоти мушобеҳро марҳила ба марҳила ба Ӯзбекистон хоҳад дод [8].

Илова бар ин, ҳамчун кумак, Британияи Кабир пешниҳод кард, ки тренинги ҳайати низомии тоҷик дар маҳалҳо ва таҷрибаомузии ҳайати фармондеҳии ҷумҳуриро дар Британияи Кабирро маблағгузорӣ хоҳад кард.

Манфиати мустақими Британияи Кабир ба истифодаи транзити бозгашт аз тариқи Тоҷикистон камтар маълум аст ва водор мекунад, ки дар ин қадам маъниҳои ниҳонӣ ҷустуҷӯ карда шаванд. Аз моҳи марти соли 2012 то феврали соли 2013, яъне дар давоми як соли пеш аз имзои созишнома бо Душанбе Лондон 4,5 хазор контейнер ва 500 мошини зиреҳпушро аз Афгонистон баровarда, қисми моддии контингенти худро то 6,5 ҳазор контейнер ва 2,5 хазор мошини зиреҳпуш коҳиш дод. Ҳамин тариқ, масирҳое, ки Вазорати дифои Британияи Кабир аз тариқи Покистон ва Ӯзбекистон аллакай истифода кардааст, умуман ниёзҳои онро ҳатто бидуни бахши тоҷикӣ қонеъ мекард [8].

Шубҳаҳо дар мавриди мақсаднокии логистикии транзит тавассути Тоҷикистон аз он матлаб низ ба миён меоянд, ки ҳамчун минтақаи масъулият ва макони ҷойгиршавии низомиёни Британияи Кабир дар Афғонистон вилояти ҷанубии Ҳилманд, яке аз дуртарин аз марзҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Ба ин бояд мушкилоти дар боло зикршуда дар инфрасохтори худи Тоҷикистон ва мавҷуд набудани шабакаи ягонаи роҳи оҳан дар ин ҷо, ки хароҷоти интиқоли ҳама гуна борро хеле зиёд мекард, илова кардан лозим аст. Ҳангоми интихоби хатсайри Тоҷикистон ҳамчунин дар бораи интиқоли минбаъдаи борҳо бо Қирғизистон ва Қазоқистон созишномаҳои иловагӣ талаб карда мешуданд. Дар робита ба ин, наметавон истисно кард, ки дар асоси тасмими Лондон дар бораи

масири Тоҷикистон на он қадар зарурат ба ҷойивазкунии неруҳо, чӣ қадар ангезаҳои сиёсӣ ва хоҳиши таҳкими мавқеъаш дар канораҳои ҷанубии СПАД қарор дошт.

Воқеиятҳои даҳаи дуюми асри XXI гувоҳӣ медиҳанд, ки муносибатҳои байналмилалӣ ҳануз дар марҳилаи гузариш қарор дошта, дар низоми ҷаҳони бисёрқутбӣ ҳанӯз ба вуҷуд омада истодааст. Тағйироти амиқи сиёсӣ ва иқтисодие, ки дар манзараи геополитикии ҷаҳони муосир ба вуҷуд омада истодаанд, бо таҳаввулоти муносибатҳои байналмилалӣ печида аст.

Раванди афзояндаи ҷаҳонишавӣ муҳимтарин вижагиҳои замони ҳозира дониста мешавад. Ин раванд дар баробари ҳавасмандгардонии робитаҳои наздиктари байни халқу миллатҳо ва таъсиси низоми ҳамаҷонибаи робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ метавонад ҳамзамон оқибатҳои номатлубро ба вуҷуд орад, аз қабили афзоиши тафовут байни мамлакатҳои пешрафта ва сусттараққикарда, афзоиши фишор ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ва ғайра. Илова бар ин, зери таъсири бевоситаи равандҳои ҷаҳонишавӣ таҳдиду чолишҳои муосир аҳамияти ҷаҳонӣ пайдо карда, омили нигаронии башарият гардидаанд. Ин таҳдидҳо ва чолишҳо ба таври зерин гурӯҳбандӣ шудаанд:

– рушди нобаробар ва нобаробарии иқтисодӣ, афзоиши рақобат барои дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва захираҳои стратегӣ, амиқтар шудани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ;

– афзоиши терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир ва қочоқи аслиҳа, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ;

– авҷ гирифтани экстремизми сиёсӣ ва динӣ, низоъҳои қавмӣ ва нажодӣ, бархӯрдҳои тамаддунӣ ва идеологӣ;

– муноқишаҳои дохилӣ ва минтақавӣ, мутаассибӣ ва сепаратизми этникӣ ва нажодӣ, авҷ гирифтани танишҳои сиёсӣ дар қисматҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон;

– шиддат гирифтани мушкилоти демографӣ, камбизоатӣ ва фақр, бекорӣ ва муҳоҷирати оммавии беназорат;

– мавҷуд набудан ё нарасидани захираҳои моддӣ, пеш аз ҳама об ва ғизо;

– тағирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ ва санитарию эпидемиологӣ.

Дар баробари ин чолишҳое, ки ба амнияти низоми муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ин низом таҳдид мекунанд, омилҳои минтақавии зерин низ мавҷуданд, ки ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатар доранд:

– вобаста ба мавқеи географии худ, ҷойгиршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази диққати манфиатҳои геополитикии ҷаҳони муосир;

– наздикии Тоҷикистон ба минтақаҳои ҷангзада, ба манбаъҳои терроризм, марказҳои таълими бунёдгароён ва минтақаҳои истеҳсоли маводи мухаддир;

– густариши гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ҳизбу ҳаракатҳои бунёдгаро дар минтақа;

– эҳтимолияти истифодаи қаламрави ҷумҳурӣ барои муомилоти хориҷии маводи мухаддир ва паҳн намудани идеологияи экстремистӣ;

– ҳал нашудани масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадҳои байни мамлакатҳои минтақа ва эҳтимоли сар задани низоъ байни гурӯҳҳо ва қавмҳои минтақа;

– мавҷудияти намудҳои гуногуни монеаҳо дар самти ҳамгироии самараноки минтақавӣ, ҳаракати озоди одамон ва ҳаракати бемамониати молу хизматрасонӣ;

– набудани ҳамкории воқеӣ дар идоракунии самараноки захираҳои об ва энергетикӣ дар минтақа;

– тезутунд шудани мушкилоти демографӣ ва экологӣ дар минтақа ва истифодаи эҳтимолии онҳо барои эҷоди ташаннуҷ дар мамлакат.

Дар ин росто, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳдиду чолишҳои кунунии ҷаҳонӣ ва омилҳои минтақавӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад [6].

Агар ба таърих нигарем, Британияи Кабир дар Осиёи Миёна навомад нест. Солҳои аввали асри бист англисҳо мехостанд Ҷумҳурии демократии Туркистонро ташкил кунанд, ки аз шуравиҳо мустакил ва зери назорати Англия бошад. Дар он замон Афғонистон ҳамчун як трамплини асосӣ барои амалӣ шудани манфиатҳои Британияи Кабир дар ин минтақа истифода мешуд [9].

Ҳоло Британияи Кабир дар доираи платформаи аллакай маъруфи «CA Plus» ба минтақа омадани худро эълон кардааст. Табиист, ки сиёсати онро аз кушишҳои дастаҷамъонаи Ғарб алоҳида баррасӣ кардан ҷоиз нест – Лондон на танҳо ифодакунандаи манфиатҳои он, балки илҳомбахши асосӣ дар миқёси ҷаҳон маҳсуб мешавад. Маҳз баъди хориҷ шудан пас аз Иттиҳоди Аврупо стратегияи «Британияи Кабири ҷаҳонӣ» қабул карда шуд, ки дурнамои сиёсати хориҷии ҷаҳонии Британияи Кабирро муайян карда, онро водор месозад дар бораи «пешбурди сулҳ ва шукуфоӣ дар ҷаҳон», «тиҷорати озод ва амнияти байналмилалӣ» бо шарикони геополитикии худ – ШМА, инчунин Иттиҳоди Аврупо, мамлакатҳои Иттиҳоди Британия ва дигар шарикони камтар муҳим фикр кунад.

Дар ҳисоботи Кумитаи корҳои хориҷии Британияи Кабир гуфта шудааст, ки моҳи феврали соли 2023 он аз соли 1999 бори аввал ба таҳқиқи иштироки Британияи Кабир дар Осиёи Марказиро оғоз намудааст. _Панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аксар вақт аз ҷониби сиёсатмадорони Британияи Кабири Кабир нодида гирифта мешуданд. Кумитаи корҳои хориҷии Британияи Кабир кӯшиш кард хусусияти фаъолияти кунунии Ҳукумати мамлакатро муайян карда, имкониятҳои васеъ ва амиқтар кардани ҳамкориҳоро бо ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ муайян карда, ба саволҳои зерин посух гӯяд:

а) Мушкилоти асосии минтақа ва мардуми он дар даҳсолаи оянда кадомҳоянд ва онҳо барои сиёсати хориҷии Британия чӣ таъсир доранд?

б) Имкониятҳо ва хавфҳои таҳкими шарикии Британияи Кабир бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷӯҳи тарафайн кадомҳоянд?

в) Муносибатҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия дар куҷо барои сиёсати хориҷии Британияи Кабир мушкилот эҷод мекунанд ва дар куҷо онҳо имконият фароҳам меоранд?

г) Ҳукумат барои ба ҳадди аксар расонидани таъсири “қудрати нарм”-и Британияи Кабири Кабир дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бояд чӣ кор кунад?

д) Чӣ гуна имкониятҳо барои Британияи Кабир барои ҳамкории зичтар бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ниҳодҳои бисёрҷониба ва таҳкими эҳтиром ба тартиботи байналмилалие, ки ба Қоидаҳо асос ёфтааст, мавҷуданд? [16]

Ба эътиқоди бисёре аз коршиносон ва донишмандони бахши равобити байналмилалӣ, Британияи Кабир то ҳол натавонистааст стратегияи ягона, ҳамаҷониба ва фаҳморо нисбат ба Осиёи Марказӣ таҳия кунад, бо вуҷуди он ки он дар ҳамаи панҷ мамлакати минтақа ҳузур дорад. Масалан, таҳлилгарони Глобал Политикс Институт бар ин назаранд, ки «Осиёи Марказӣ барои Британияи Кабир заминаҳои мусоид фароҳам меорад, зеро он мехоҳад иқтидори худро барои табдил шудан ба «қувваи ҷаҳонии некӣ» нишон диҳад» Британияи Кабир тавассути равобити худ бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон метавонад қобилияти худро на танҳо дар муттаҳид кардан, балки мувозинат дар тиҷорат, манфиатҳои ҳуқуқи инсон ва кӯмаки муассири рушд нишон диҳад. Бо вуҷуди ин, барои Британияи Кабир то ҳол муяссар нагардидааст стратегияи якпорчаро барои минтақа таҳия кунад.

Ба ҷойи ин, аксари кушишҳои ноумедкунандаи Британияи Кабир дар ҷалб ба минтақа дар имкониятҳои тиҷоратӣ тамаркуз ёфта будаанд. Азбаски Британияи Кабир ҳоло берун аз Иттиҳоди Аврупо қарор дорад, он ҳуқуқ дорад муомилоти худии тиҷроратиро бандад. Вазорати савдои байналмилалӣ (DIT) барои таҳкими мавқеи мавҷудаи мамлакат дар минтақа саъю кушишҳои мувофиқашударо ба роҳ монд. Ин пеш аз ҳама ба иқтисодиёти калонтарини минтақа — Қазоқистон нигаронида шуда, дар он ҷо ҳанӯз барои вусъати савдо имкониятҳои калон мавҷуданд. Масалан, содироти Британияи Кабир ба Қазоқистонро бо содироти Италия муқоиса кунем, мебинем, ки Италия нисбат ба Британияи Кабир се маротиба зиёдтар содирот мекунад. Содироти Олмон ба Қазоқистон тақрибан чаҳор маротиба бештар аст” [17].

Пажуҳишгарони дигар бар ин назаранд, ки мушкилот дар сиёсати умумии хориҷии Британияи Кабир на дар самти Осиёи Марказӣ ниҳон аст. Ҳамин тавр, мутахассисони маркази бонуфузтарини зеҳни Англия Чатхам Хаус чунин

мешуморад, ки мушкилоти асосии Британияи Кабир «аз муайян кардани нақши эътимодбахш ва фарққунандаи як қудрати худмухтори миёна бо анъанаҳои қавии дипломатия, дифоъ, иктишофӣ, тиҷорат ва кумак иборат мебошад. На ҳама чиз тағйир ёфт; Гарчанде ки Британияи Кабир бо Иттиҳоди Аврупо алоқаманд нест, он ҳамчун як бозигари муҳим дар НАТО, Шурои Амнияти СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ боқӣ мемонад.

Консепсияи сиёсати берунии мамлакат бояд аз муайян кардани чизи аз ҳама муҳимтарин оғоз ёбад. Рӯйхати оқилона метавонад пешгирии низоъ байни ШМА ва Чин, нигоҳ доштани нашъунамои ҷаҳонӣ, пешгирии паҳншавии силоҳи ҳастаӣ, рафъи зарари муҳити зист ва тағирёбии иқлим, инчунин таҳкими низоми бисёрҷонибаи қоидаҳои байналмилалиро дар бар гирад. Ҳамеша масъалаҳои мубрам вуҷуд хоҳанд дошта ва муҳим аст, чӣ гуна мо ба онҳо муносибат мекунем. Аммо сиёсати берунӣ бояд ба расидан ба ҳадафҳои устувор ва муайян, на ғояҳои аморфӣ нигаронида шавад.

Ҳукумати Британияи Кабир ва шарикони он метавонанд роҳҳои кумак ба ҳукумати Тоҷикистонро дар таъмини иҷрои тарҳи баҳсбарангези сарбанди Роғун тавре баррасӣ кунанд, ки он миқдори сифри энергияи карбонро дар назар дошта, обтаъминкунии поёнобро дар Ӯзбекистон таъмин намуда, мушкилоти лойро, ки ба дигар нерӯгоҳҳои барқи обии Тоҷикистон таъсир расонидааст, ҳал кунад. Гидроэнергетика метавонад як соҳаи мушаххаси таҷрибаи Британияи Кабир набошад, аммо метавонад иқтидор оид ба масъалаҳои васеътари идоракунии об вуҷуд дошта бошад, ки он бевосита нақши муфидро бозида метавонад. Британияи Кабир метавонад таъсиси эътилофи коршиносон ё ҷомеаи шаҳрвандиро дастгирӣ кунад, ки метавонад пешрафти лоиҳаро назорат кунад, устуворӣ ва таъсири экологии онро таҳлил кунад ва сармоягузории ба лоиҳа воридшударо бодиққат тафтиш кунад. Фишорҳо ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ба қобилияти он ҳам дар ҳалли мушкилоти экологӣ, ҳам аз нигоҳи маҳдудиятҳое, ки онҳо гуфта метавонанд, инчунин мавҷуд набудани қобилият ва дастрасӣ ба таҷриба таъсири мустақим доранд. Дастгирии ҳамкории минтақавии энергетикӣ метавонад як чаҳорчӯбае бошад, ки тавассути он масъалаҳои муноқишаи сарҳадӣ, ки дар поён оварда шудаанд, ҳал карда шаванд.

Ба ибораи дигар, сиёсати хориҷии Британияи Кабир, ки ба рушди муносибатҳои тиҷоратӣ бо Осиёи Марказӣ асос ёфтааст, на ҳамчун консепсияи муваффақтарин ба шумор мерафт, ва бесамар будани он дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои тиҷоратии мамлакатҳои минтақа ва Иттиҳоди Аврупо ба таври махсус ҷудо меистад. Аз ин рӯ, барои Британияи Кабир зарур аст дар бораи имкониятҳо, манфиатҳо ва ҳадафҳои худ дар Осиёи Марказӣ бодиққат ва ҳамаҷониба андеша кунад.

Бо вуҷуди ин, муносибатҳои Британия ва Осиёи Марказӣ пешомадҳои умедбахш доранд. Пас аз баромадан аз Иттиҳоди Аврупо, Британияи Кабир тасмим гирифтааст сиёсати хориҷӣ ва мудофиавии худро дубора эҳё кунад. Дар

моҳи марти соли 2021 сарвазир Борис Ҷонсон ба Палатаи ҷамоатҳо доктринаи нави сиёсати хориҷиро бо номи Британияи глобалӣ (Global Britain) пешниҳод кард. Мувофики ин стратегия, Британияи Кабир бо назардошти ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нав такя ба мустаҳкам намудани аслиҳаи ҳастаии худ, инчунин вусъат додани нуфузаш дар минтақаи Ҳинду уқёнуси Ором, ки ба қавли Ҷонсон, «ба маркази геополитикӣ ва иқтисодии ҷазб»-и нави ҷаҳон табдил ёфтааст, хоҳад кард [17]. Рушди вектори осиёии Британияи Кабир метавонад тадриҷан сабаби фаъол шудани ин мамлакат дар Осиёи Марказӣ ва тавсеаи сиёсати танги тиҷорати хориҷии он гардад, ки танҳо ба Қазоқистон нигаронида шудааст. Пешзаминаҳои дигар барои ин низ мавҷуданд, масалан, дар давраи солҳои 2017-2021 гардиши тиҷоратии Британияи Кабир бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба ҳисоби миёна ба 125% вобастба ба озодкунии (либератлизатсияи) иқтисодӣ дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон афзоиш ёфт. Бо ин ду мамлакат инчунин созишномаҳои шарикӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расидаанд.

Дар хотима бояд қайд кард, ки Британияи Кабир барои давлатҳои Осиёи Марказӣ шарики муҳим ба шумор меравад. Ин як мамлакати инноватсияҳо ва технологияҳо, донишҳо ва амалияи пешрафта, дорои иқтидори бузурги сармоягузорӣ мебошад. Аммо то ба ҳол ҳарду ҷониб натавонистаанд стратегия ё амалияи муассири рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, яъне минтақавиро таҳия кунанд. Муносибати дутарафаи Британияи Кабир, сарфи назар аз прагматизми ибтидоӣ ва воқеиятӣ, мақсаду вазифаҳои асосии шоҳигариро дар минтақа пурра тавсиф карда наметавонист. Вектори Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Британияи Кабир имрӯз танҳо маҷмуи панҷ самти дуҷонибаи мамлакат, на як вектор буда, ин мушкили асосии бунёдии он маҳсуб мешавад. Аммо тағйироти кунунии сиёсӣ ва ҳамгироӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Британияи Кабир, қабули стратегияи нави сиёсати ҷаҳонии ин мамлакат дар самти Осиё метавонад боиси афзоиши таваҷҷуҳи ҳукумати Британияи Кабир ба Осиёи Марказӣ шавад.

**АДАБИЁТ:**

1. Раҳмонзода А.Ш., Алиева Ш. Тағйирёбии муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар шароити ҷаҳониҳавӣ// маҷаллаи Осиё ва Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ( маҷаллаи илмӣ).-Душанбе- 2024.-№1,(17) 2024.-С.40

2. Главы МВД России и Таджикистана обсудили двустороннее сотрудничество // РИА Новости URL: https://ria.ru/20170227 (дата обращения: 16.04.2023).

Россия и Таджикистан будут совместно противостоять терроризму // Интернет портал СНГ URL: https://e-cis.info/news/568/97176/ (дата обращения: 16.04.2023).

3. Данилович М. В., Денисюк В. В. Политика Великобритании в Центральной Азии в 2001—2014 гг.// Беларусь в современном мире = Беларусь у

сучасным свеце: материалы XIV Международной конференции, посвященной 94-летию образования Белорусского государственного университета, 29 октября 2015 г. / редкол.: В. Г. Шадурский [и др.]. — Минск: Изд. центр БГУ, 2016. С.36-37.

4. Данков А.Г. Отечественная и британская историография о соперничестве России и Великобритании в Центральной Азии: XIX – начало XXI вв. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. Томск.:2008.

5. Евневич В.В. Борьба с террористическими угрозами в Республике Таджикистан // Международные отношения. 2024. № 1. С. 84-92. DOI: 10.7256/2454-0641.2024.1.69729 EDN: ZMWUFL URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=69729.

6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст

7. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири точик. Душанбе, 2006. С. 90-92.

8. Почему Запад всегда хочет войны - интервью с аналитиком16 марта, 20:03

9. Совместная позиция Региональной антитеррористической структуры ШОС, Антитеррористического центра государств-участников СНГ и Секретариата ОДКБ по вопросам противодействия терроризму и экстремизму // Организация Договора о коллективной безопасности URL: https://odkb-csto.org/documents/accepted-docs/sovmestnaya-pozitsiya-regionalnoy-antiterroristicheskoy-shos-antiterroristicheskogo-tsentr/#loaded (дата обращения: 16.04.2023).

10. Участники учений «Рубеж-2010» провели тренировку в Таджикистане // Организация Договора о коллективной безопасности URL: https://odkb-csto.org/news/smi/uchastniki_ucheniy_rubezh_2010_proveli_trenirovku_v_tadzhikistane/#loaded (дата обращения: 16.04.2023).

11. Центральный банк Казахстана. Статистика международных инвестиций. URL: http://www.nationalbank.kz/?docid=3480.

12. Шарипов С.И. Новая система международных отношений и внешняя политика Таджикистана. // Таджикистан и современный мир. No2 (11), 2006.

13. ШОС в сфере обеспечения безопасности и стабильности в многополярном мире // Постсоветские исследования. 2019. Т. No 6. С. 1390-1401.

14. Юн С.М. Сравнительный анализ политики Германии, Великобритании и Франции в Центральной Азии// Сравнительная политика, 2011, №.4.

15. Foreign Affairs Committee. Countries at crossroads: UK engagement in Central Asia. Tenth Report of Session 2022–23. Date Published: 10 November 2023.

16. Jade McGlynn. Rethinking Britain's Central Asia Strategy. 21.03.2021. The Diplomat. URL: https://thediplomat.com/2021/03/rethinking-britains-central-asia-strategy.

# РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН И ВЕЛИКОБРИТАНИЯ ВАЖНЫЕ ПАРТНЁРЫ В РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

*В своей статье автор рассматривает сотрудничество между Республикой Таджикистан и Великобританией как важных партнеров в борьбе за региональную безопасность, и подчеркивает, что Таджикистан признает Европейский Союз и Великобританию одним из своих важных экономических партнеров для развития основных отраслей национальной экономики и будет продолжать расширять и углублять долгосрочное стабильное сотрудничество с этим объединением и влиятельной межгосударственной страной на основе принципа взаимной выгоды. Сделан вывод, что Великобритания является важным партнером для государств Центральной Азии, это страна инноваций и технологий, передовых знаний и практики, обладающая большим инвестиционным потенциалом. Текущие политические развития и интеграция во внутренней и внешней политике Соединенного Королевства, принятие новой стратегии глобальной политики страны в азиатском направлении могут привести к усилению внимания британского правительства к вопросам региональной безопасности в Центральная Азия, включая Республику Таджикистан.*

***Ключевые слова****: Республика Таджикистан, Великобритания, внешняя политика, сотрудничество, региональная безопасность, экстремизм, терроризм, наркотрафик, незаконный оборот оружия, ИРА, Евросоюз, Центральная Азия.*

# *THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND GREAT BRITAIN AS AN IMPORTANT PARTNERS IN REGIONAL SECURITY*

*In his article, the author examines the cooperation between the Republic of Tajikistan and the United Kingdom as an important partners in the struggle for regional security, and emphasizes that Tajikistan recognizes the European Union and the United Kingdom as one of its important economic partners, considering the development of the main sectors of the national economy, and will continue to expand and deepen long-term stable cooperation with this union and the influential interstate country on the basis of the principle of mutual benefit. It is concluded that Great Britain is an important partner for Central Asian states, it is a country of innovations and technologies, advanced knowledge and practice, with great investment potential. The current political developments and integration in the domestic and foreign policy of the United Kingdom, the adoption of a new strategy of the country's global policy in the direction of Asia may lead to an increase in the attention of the British government to regional security issues in Central Asia, including the Republic of Tajikistan.*

***Keywords****: Republic of Tajikistan, Great Britain, foreign policy, cooperation, regional security, extremism, terrorism, drug trafficking, arms trafficking, IRA, European Union, Central Asia.*

**Маълумот дар бораи муаллифон**: **Воҳидова Санавбарбону** - мудири шӯъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои таърих. Тел (+992) 935 00 87 32, E-mail:sanajonvohidova@mail.com

**Иброҳимов Исроил Нуралиевич** - Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, докторант (PhD). Суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,33. Тел.:(+992) 904544850. E-mail: isik19_95@mail.ru

**Сведения об авторах: Вохидова Санавбарбону** - зав.отделом Европы Института изучения стран Азии и Европы НАНТ, доктор исторических наук, профессор. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: (+992) 935 00 87 32. E-mail: sanajonvohidova@mail.com

**Иброхимов Исроил Нуралиевич** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы истории, НАНТ, доктор PhD. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: (992) 904544850. E-mail: isik19_95@mail.ru

**About the authors**: **Vohidova Sanavbarbonu** – Doctor of historical sciences? Professor, Head of the Department Europe, Institute of studying of the problems of Asian and European countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student. 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue,33. Phone: (+992) 935 00 87 32 . E-mail: sanajonvohidova@mail.com

**Ibrohimov Isroil Nuralievich** - Institute of studying of the problems of Asian and European countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student, PhD. 734025. Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Phone: (992) 904544850. E-mail: isik19_95@mail.ru

# ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ - ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН

**СУФИЕВ С.Н.**

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

*Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар соҳаи илму фарҳанг ба давраи қабл аз истиқлолият рост меояд. Он ҳатто пеш аз ташкилёбии Ҷумҳурии Ҳиндустон, дар ёддоштҳои муаррихон (ҳанӯз дар солҳои аввали ташкили ИҶШС) зикр гардидааст.*

*Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон аз рӯйи анъана дар ҷузъҳои асосӣ: ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва ҳамкории ҳарбӣ - техникӣ бунёд гардида, идома дорад.*

*Дар мақола оид ба ҳамкориҳои илмӣ – фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар давраи истиқлолият таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст. Шарикии имтиёзноки стратегӣ байни ду давлат, аз ҷумла инкишофи*

*ҳамкории илмӣ – фарҳангӣ метавонад дар рушди муносибатҳои гуногунҷанба таъсири амиқ дошта бошад.*

*Дар мақола муаллиф ба умумияти фарҳангии байни ду миллат таъкид мекунад, ки аркони бошукуҳи онро Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон–Ҳиндустон ва сафоратхонаҳои ҳарду давлат, одатан ҳангоми баргузории чорабиниҳои сатҳи давлатӣ бо иштироки ҳайати воломақом амалӣ мегардонанд.*

*Муҳимтарин бахши ҳамкориҳои илмӣ–фарҳангии байни ду кишварро ҳамкорҳои илмӣ–техникии Тоҷикистон–Ҳиндустон ташкил медиҳад, ки ҳарду кишвар дар дурнамо аз он баҳра мебаранд.*

**Калидвожаҳо:** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, ҳамкориҳои илмӣ–фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон, Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон, муколамаи фарҳангҳо.*

Муҳоҷирати тоҷикон ба Ҳиндустон аз асрҳои миёна оғоз гашта, дар замони салтанати Ғазнавиён ва Ғуриён мардум ба сифати муаррих, ҳунарманд, маъмур ва тоҷир ба Ҳиндустон меомаданд. Дар давраи ҳуҷуми муғулҳо, бедодгариҳои Темур ва Шайбониён мавҷи дигари фирори тоҷикон ба хориҷа, аз ҷумла ба Ҳиндустон вусъат гирифт. Бахусус, дар замони давлатдории Султонҳои Деҳлӣ ва Муғулҳои Бузург (Темуриёни Ҳинд), аҳли зиё ва ҳунармандон ба Ҳиндустон мерафтанд [15].

Пас аз Инқилоби Октябри соли 1917 ва таъсиси Ҳукумати Шуравӣ мавҷи дигари фирори тоҷикон оғоз шуд, ки яке аз самтҳои он рӯ ба Ҳиндустон низ буд. Дар солҳои 30-юм ва 90-уми асри бист бошад, мавҷи ниҳоии навбатии дигари муҳоҷирати тоҷикон ба он кишвар ба амал омад. Дар ин солҳо тоҷикон аксаран аввал ба Афғонистон ва баъд аз муддате ба кишварҳои дигар рафта, маскан мегирифтанд. Шумораи умумии муҳоҷирони тоҷик, мутаассифона, дақиқ нест [8,391]. Маҳз дар ҳамон давраҳо ташаккули ҳамкорӣ ва робитаҳои фарҳангӣ вусъат гирифтанд, ки то ҳол таъсир ва аҳамияти худро гум накардаанд.

Ин робитаҳо дар тӯли асрҳо мустаҳкам гашта, замони мавҷудияти Иттифоқи Шуравӣ дар шакли нав густариш ёфтанд ва инак дар замони истиқлол ҳамчун пойдевори бунёдӣ хидмат мекунанд.

Дар ин радиф густариши ҳамкориҳои илмӣ - фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон бо назардошти умумияти фарҳангӣ, гузаштаи таърихӣ, теъдоди аҳолӣ ва нақши ин кишвар дар равандҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти хосса дошта, ҷиҳати муаррифии фарҳангу тамаддуни тоҷикон дар саҳнаи минтақавӣ ва байналхалқӣ нақши муассир мегузорад.

Ба қавли Пешвои муаззами миллат, "яке аз омилҳои мусоиди пешрафти кишвари мо дар шароити соҳибистиқлолӣ ҳамсоягӣ бо кишварҳоест, ки иқтисоди тсареҳан рушдёбанда доранд ва дорои қаробати забониву таърихӣ ва фарҳангӣ ҳастанд. Табиист, ки дар байни онҳо Ҳиндустон мақоми хоса дорад. Мо онро баланд арзёбӣ менамоем ва аз имкони эҳёву рушди равобит бо кишвари шумо бо қадрдонӣ истифода хоҳем кард. Ҳоло дар харитаи сиёсии ҷаҳон

Ҳиндустон мақоми кишвареро дорост, ки неруи худро торафт тақвият мебахшад, соҳибқудрат ва обрӯманд мебошад.

Мо шоҳиди рушди босуръати кишвари шумо ҳастем, комёбиҳои мутахассисони шуморо дар соҳаҳои технологияи пешрафта ва барномаҳои компютерӣ баланд арзёбӣ мекунем ва шайдои таърих, фарҳанг ва тамаддуни куҳан ва волои шумо ҳастем” [16,137].

Осиёи Марказӣ ба Ҳиндустон нисбатан наздик ҷойгир шуда, бо он решаҳои амиқи умумии таърихӣ дорад. Аз ин рӯ, он дар минтақаи манфиатҳои стратегии Ҳинд қарор гирифта, ба он иқтидори бузурги ҳамкорӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ мусоидат мекунад, ки тӯли солҳои дарози ҳамкории Ҳиндустону Шуравӣ ба даст омадааст. Дар баробари ин Ҳиндустон мекӯшад то ба тавсеаи яктарафаи таъсири Покистон – рақиби доимии он дар Осиёи Ҷанубӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳ надиҳад, ки баъди рафтани Россия холигии қувва ба вуҷуд омада, ба зудӣ бо даъвогарони дигар пурра нагардад. Бо назардошти ин роҳбарияти Ҳиндустон дар назди мақомоти сиёсати хориҷӣ вазифаи инкишофи мақсадноки муносибатҳо ва мустаҳкам кардани ҳамкорӣ бо кишварҳои ин минтақаро гузоштааст. Иқдоми асосӣ дар ин самт ташаббуси «Роҳи нави абрешими сиёсати хориҷии ҳиндустонӣ» гардид [12,68].

Бо ташаббуси Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ, Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон - Ҳиндустон ва Сафорати Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 то 15 августи соли 2002 бахшида ба Рӯзи Истиқлоли Ҳиндустон Ҳафтаи дӯстӣ доир гардид.

Дар рафти гузаронидани Ҳафтаи дӯстӣ як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор шуданд. Дар доираи Ҳафта рӯзи 9 август дар китобхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи Индира Гандӣ намоиши китобҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо бо се забон: ҳиндӣ, англисӣ ва русӣ баргузор гардид. Гузаронидани чунин намоишгоҳҳо дар китобхона барои Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ҳиндустон анъанаи нек гаштааст.

Дар Эъломияи муштарак оид ба шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон роҳбарони ҳар ду кишвар эътироф карданд, ки пояи аҳдномавӣ – ҳуқуқии ҳамкории фарҳангӣ дар сатҳи қаноатбахш қарор дорад. Дар баробари ҳуҷҷатҳои ба равобити байнидавлатӣ дахлдошта, ҳуҷҷатҳои меъёрие қабул шуданд, ки робитаҳои байни донишгоҳҳоро танзим менамоянд. Донишгоҳи Ҳиндустон ба номи Ҷавоҳирлал Неҳру ва Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон «Ёддошти ҳусни тафоҳум» имзо карданд, ки дар асоси он ҳар ду донишгоҳ ҳадафи тамаркузи таваҷҷуҳро ба таҳқиқи соҳаҳои зерини илмӣ равона месозанд:

1. Илмҳои иҷтимоӣ;
2. Муносибатҳои байналхалқӣ;
3. Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносӣ;
4. Илм ва технология.

Ҳамкорӣ бояд тавассути чунин чорабиниҳо ё барномаҳо амалӣ шаванд:

1. Мубодилаи ҳайати омӯзгорон;
2. Мубодилаи донишҷӯён;
3. Таҳқиқоти муштараки илмӣ;
4. Иштирок дар семинарҳо ё конференсияҳои илмӣ;
5. Мубодилаи маводи илмӣ ва иттилоотии дигар;
6. Барномаҳои илмии махсуси кӯтоҳмуддат;
7. Мубодилаи менеҷерон/ҳамоҳангсозони маъмурӣ;
8. Барномаҳои муштараки фарҳангӣ.

Инчунин, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон бо Коллеҷи зардуштӣ дар асоси «Ёддошти ҳусни тафоҳум дар соҳаи таълимӣ-фарҳангӣ, таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ҳамкорӣ мекунанд» [9]. Дар асоси ин созишнома Донишгоҳи ба номи Ҷавоҳирлал Неҳру ва Коллеҷи зардуштӣ ба мутахассисони самтҳои гуногуни тоҷик квотаҳоро пешниҳод менамоянд.

Яке аз аввалин чорабиниҳои фарҳангӣ консерти «Лаҳзаҳо бо ашъори Бедил», бо иштироки ходимони фарҳанги тоҷик мебошад, ки дар миёни онҳо Қурбоналӣ Раҳмонов, гурӯҳи эҷодии «Сомон» ва дигарон буданд. Чорабинии мазкурро Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии молиявии сафорати Ҳиндустон дар шаҳри Душанбе ташкил карда буд. Дар идомаи ин воқеа моҳи март ва апрели соли 2002 шабҳои рақси анъанавии ҳиндӣ «Бҳаратнатям», намоишгоҳи муосири графики расмҳо аз коллексияи Шурои Ҳиндустон оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ баргузор гардиданд, ки корҳои чунин рассомони маъруфи Ҳиндустон, аз қабили Мақбул Фидо Ҳусейн, Лакшман Гаут, Гоги Сароҷ Пал, Шанти Дев ва дигаронро дар бар мегирифтанд.

Ташаккули ҳамкории ҷонибҳо дар сатҳ ва майдонҳои гуногун сурат мегирад. 3 - 4 июни соли 2002 дар шаҳри Алмаато Саммити якуми Машварати ҳамкорӣ ва чораҳои боварӣ дар Осиё барпо гардид. Дар ҷаласа баъди муҳокима Эъломияи Алмаато тасдиқ ва имзо карда шуд. Ҳамчунин Эъломияи Машварати ҳамкорӣ ва чораҳои боварӣ дар Осиё оид ба мубориза бо терроризм ва гуфтугӯи тамаддунҳо қабул карда шуд. Дар доираи саммит Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Атал Бихари Ваҷпей вохӯрӣ намуданд.

28 - 30 январи соли 2003 бо даъвати ҷониби Тоҷикистон боздиди расмии ВКХ Ҷумҳурии Ҳиндустон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Зимни сафар Яшвант Синҳ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарвазир, ВКХ, вазири мудофиа, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вохӯриҳо анҷом дод. Зимни мулоқот бо Сарвари давлат ҷонибҳо дурнамои муносибатҳои дуҷонибаро ба таври муфассал баррасӣ намуда, оид ба масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор карданд.

11 июни соли 2003 ба мақсади таҳкими минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кушодани Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон фармон имзо карданд.

Аз 20 январ то 4 феврали соли 2005 ба Ҳиндустон ҳайати иборат аз 2 нафар: наворбардор, суратгир, корманди хидматнишондодаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Заҳур Дахте ва референти калони Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва ҳамкории фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ, тарҷумон З. Қурбонова рафтанд. Мақсади сафар гузаронидани намоишгоҳи аксҳои аксбардори машҳури тоҷик З. Дахте «Шинос шавед, Тоҷикистон!», инчунин иштирок дар Конгресси XIX-уми умумиҷаҳонии тибби алтернативӣ, маънавиёт, маориф, илм ва омӯзиши динҳои ҷаҳонӣ буд.

28 январи соли 2005 ифтитоҳи тантанавии намоишгоҳи аксҳои З. Дахте дар бинои Маркази фарҳангии Россия дар доираи кори Конгресси умумиҷаҳонӣ дар муддати 4 рӯз баргузор гардид. Дар Конгресс намояндагон аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла Британияи Кабир, Австрия, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Индонезия, Шри-Ланка, Малайзия ва як қатор музофотҳо ва шаҳрҳои худи Ҳиндустон иштирок карданд. Зиёда аз 130 аксҳо иштирокчиёни Конгресс ва меҳмононро бо фарҳанги халқи тоҷик шинос намуданд.

31-уми январ дар Конгресс бо маърузаи «Саҳми Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар барқарор кардан ва истиқрори сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» З. Қурбонова баромад кард. Маъракаи мазкур ба робитаи наздики фарҳангӣ байни ду кишвар ва замина барои инкишофи минбаъдаи мубодилаи фарҳангӣ байни халқҳо мусоидат кард. Моҳи январи соли 2005 дар кафедраи филологияи ҳиндии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷамъомад бахшида ба Рӯзи Ҷумҳурии Ҳиндустон баргузор шуд.

Моҳи сентябри соли 2024 Пешвои миллат дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳошияи Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон бо Канслери федералии кишвари мазкур Олаф Шолтс мулоқот намуданд. Дар вохӯрӣ масоили тавсеаи робитаҳои дуҷониба ва ҳамкории минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Зимни сӯҳбат саҳми назарраси Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ва Бонки олмонии рушд (KfW) дар татбиқи стратегияҳои милии кишвари мо таъкид гардид. Ҷонибҳо оид ба идомаи ҳамкории босамар дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, саноат, гидроэнергетика, энергияи офтобӣ ва бодӣ, нақлиёт ва кишоварзӣ изҳори ҳавасмандӣ намуданд. Президенти ҶТ аз ҳиссагузории Олмон дар сохтмони неругоҳҳои “Тоҷикистон” ва “Себзор” дар Бадахшон, ҳамчунин, навсозии неругоҳи Норак ёдовар шуда, изҳори бовар намуданд, ки ин таҷриба метавонад дар сохтмони неругоҳи Роғун низ идома ёбад. Истихроҷу коркарди маъданҳо, бахусус унсурҳои нодири он ва густариши ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, содироти маҳсулоти ин бахшҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Олмон, аз ҷумлаи самтҳоиояндадор номида шуд.

Олаф Шолтс изҳор дошт, ки Олмон ба ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахшҳои энергетика, аз ҷумла гидоэнергетика ва дигар манбаъҳои неруи “сабз”, саноати кӯҳӣ, ҳифзи муҳити зист, масоили таъмини амният манфиатдор аст. Мо ширкатҳои дорои нуфузи ҷаҳонии Олмонро ба ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвиқ менамоем, – таъкид намуд Олаф Шолтс. Роҳҳои ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба оби ошомиданӣ ва обшавии пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва амнияти озуқаворӣ аз мавзуҳои дигари мулоқот буд. Таъкид карда шуд, ки бо назардошти рағбати зиёди ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвари мо ҷиҳати ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии забономӯзию касбӣ омодаи тавсеаи ҳамкорӣ бо Олмон аст. Дар мулоқот, ҳамчунин, доир ба масоили таъмини амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон, мубодилаи афкор сурат гирифт [10].

Ҳамзамон бо тамоюлҳои дигари ҷаҳонишавӣ раванди тозае низ арзи вуҷуд кардааст, ки он дар асоси манфиатҳои минтақавӣ ба ҳам омадани гурӯҳи давлатҳост. Мисоли равшани он ҳамгироии минтақаҳои Аврупои Ғарбӣ, Осиёи Ҷануби Шарқӣ, Амрикои Лотинӣ ва ғайра мебошад.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ фазои воҳиди сиёсӣ ва иқтисодии он наметавонист дар як лаҳза, якбора завол ёбад, зеро дар ин сурат давлатҳои навтаъсиси соҳибистиқлол бо пайомадҳои зиёди манфӣ рӯ ба рӯ мешуданд. Ҳамзамон, кишварҳои минтақа соҳибистиқлол гашта, саъй карданд маънавиётро эҳё сохта, ҷомеаро ба ин васила муттаҳид намоянд. Баъзе равияҳои динӣ, ки холигии маънавии баъди рукуди Иттиҳоди Шуравӣ бавуҷудомадаро пур

карданӣ шуданд, ба тадриҷ хусусияти тундгароиву ифротгароӣ пайдо карданд ва ба бесуботии вазъ дар минтақа боис мешуданд.

Кишварҳои минтақа, ки бо муносибатҳои иқтисодӣ, иртиботи инфрасохторӣ ва сиёсати иҷтимоӣ ҳанӯз ҳамбаста буданд, ба ҷустуҷӯйи имконоти мухталифи ҳамкориҳои комилан зарур рӯй овастанд. Аз ҷумла, дар ибтидои қарни XXI ғояи ҳамгироии пасошуравии авруосиёӣ аз нав мубрам гашта, ба ҳайси ҷонибдорони намоёнтарини он президенти собиқи Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев ва президенти Русия В. Путин ва як зумра олимон иқдом карданд [7].

Ҳамгироӣ дар минтақа бо мушкилиҳои муайян сурат мегирад. Аз ин сабаб бисёр олимону коршиносон худи мавҷудияти онро таҳти шубҳа мегузоранд. Падидаи ҳамгироӣ дар минтақа баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба миён овард.

Асарҳои илмии олимони мактаби пажуҳишии тоҷикро метавон шомил кард, ки ҷанбаҳои гуногуни раванди ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказиро аз мавқеи таърих, сиёсатшиносӣ, дипломатия ва иқтисодшиносӣ таҳқиқ намудаанд.

Таҳқиқи мавзуи мақолаи мо бидуни ба инобат гирифтани арзёбиву хулосаҳои узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор, собиқ вазири корҳои хориҷии кишвар Талбак Назаров, ки дар китобҳои солҳои 2000 - ум нашркардааш баён доштааст, номуккамал мебуд. Масалан, дар боби аввали асараш бо номи "Тоҷикистон: ҳамкории иқтисодӣ ва амният" академик Т. Назаров ба масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ ва субминтақавӣ, ҷаҳонишавӣ ва ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ таваҷҷуҳи хоса менамояд. Ӯ фаъолияти чунин сохторҳои байнидавлатиро, ба монанди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Осиёи Миёна ва Ҷомеаи иқтисодии АвруОсиё, хеле воқеъбинона ва амиқона таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба нақшу ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчуби онҳо аз лиҳози татбиқи манфиатҳои миллии кишвар фикру андешаҳои худро ироа доштааст [8].

Ҳамчунон, монографияи А. Искандаров бо номи "Ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ: ҷанбаҳои сиёсӣ" арзиши баланди илмӣ дошта, дар асоси истифодаю пажуҳиши теъдоди зиёди сарчашмаҳои асилу нодир иншо шудааст. Се боби алоҳидаи қисмати дуюми ин китоб ба мавзуи ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар замони пасошуравӣ бахшида шудаанд. Дар ин пасманзар муаллиф асосҳои назариявии ҷанбаи сиёсии ҳамгироии минтақавӣ, заминаҳои объективӣ, марҳалаҳо ва самтҳои асосии ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказиро мавриди пажуҳиш қарор дода, дар бораи иртиботи мутақобилаи геосиёсат ва ҳамгироӣ аз лиҳози манфиатҳои умдаи бозингарони геосиёсӣ дар минтақа андешаҳои ҷолибу мукаммали илмиро иброз намудааст [4].

Асари илмие, ки ба муаллифи мақола ба ҳайси як навъ раҳнамои илмӣ хидмат кардааст, монографияи Н. Қаюмов ва Ҳ. Умаров таҳти унвони "Ҷаҳонишавии иқтисод ва робитаҳои хориҷии иқтисодии Тоҷикистон" [3] мебошад. Дар он мавзуи марбут ба ҷойгоҳи Тоҷикистон дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба

таври муфассал таҳлил гардида, роҷеъ ба масъалаҳои густариши робитаҳои хориҷии тиҷоратии кишвар, тамоюлоти муҳимтарини ин соҳа, рушди алоқаҳои байналхалқии нақлиётӣ ва мушкилоти арсаи транзити мусофирону борҳо ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, аз ҷумла аз кишварҳои минтақа, андешаву хулосаҳои баландпояи илмӣ зикр шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки Созмони Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ зуҳуроти олитарини раванди ҳамгироӣ дар минтақа буд. Ин созмон то 6 октябри соли 2005 вуҷуд дошт ва пас аз муттаҳид шуданаш бо Ҷомеаи иқтисодии АвруОсиё чун созмони минтақавии алоҳида аз байн рафт. Дар китоби С. Комилов, А. Абдуназаров, С. Сафаров таҳти унвони “Созмони Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ: ташаккул, таҳаввул ва дурнамо” дар боби алоҳида Ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ ва баъдан Созмони Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун омилу падидаи ниҳодии равандҳои ҳамгироӣ ба таври муфассал мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудаанд. Ин таҳқиқот, ки ба масоили мубрами ташаккул, таҳаввул ва дурнамои яке аз муҳимтарин созмонҳои ҳамонвақтаи минтақавӣ бахшида шудааст, имкониятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои соҳибихтиёри Осиёи Марказиро ҳамаҷониба инъикос менамояд [5].

Давлатҳои Осиёи Марказӣ мушкилоти зиёди муштарак доранд, ки аз иқтисод оғоз ёфта, бо масъалаҳои амният анҷом мегиранд. Кишварҳои минтақа ба ҷалби бештар ба равандҳои умумиҷаҳонии ҳамгироӣ, ҳалли масъалаҳои муносибатҳои тарафайни дохили минтақавӣ ва равобит бо ҳамсоягони наздиктарин – Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон - манфиатдор мебошанд. Вале аз лиҳози сиёсӣ роҳандозии муколамаи созанда миёни давлатҳои минтақа матлаби мураккаб аст [9].

Айни замон таҳлилгарон дар густариши муколамаи дохилиминтақавии бозингарони ҳукмрони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон навидҳои назарраси мусбатро, ки, қабл аз ҳама, бо майли ҷонибҳо ба гузаштҳо ва ҳамёрии созанда иртибот доранд, тазаккур медиҳанд [8].

Ҳамин тариқ, аввал тарзи ҳалли масъалаҳои минтақавиро миёни ду давлат, баъдан дар сатҳи минтақа ва фақат пас аз ин дар миқёси ҷаҳон бояд омӯхт. Аммо ҳануз асосе надорем бигӯем, ки дар минтақа сиёсати мукаммале, ки манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳоро ба инобат гирад, вуҷуд дорад ва худи бозингарони сиёсии кишварҳои минтақа дар мавриди пешбурди ҳамкории байниҳамдигарӣ бо душвориҳо мувоҷеҳ мебошанд.

Сабаби чунин ҳолати номатлуб, аз назари ман, то ҳануз мавҷуд набудани фазои ягонаи идеологӣ, тафовут дар сатҳи инкишофи иқтисодӣ ва дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандони ҷумҳуриҳои минтақа, фарқият дар самтҳои асосии рушд ва афзалиятҳои миллӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамаи ин пажуҳиши таҷрибаи андухташудаи ҳамгирой, ошкор намудани масъалаҳои сиёсии дохилӣ ва берунии минтақа ва асари ононро ба динамикаи рушди ҳамгирой дар минтақа хеле муҳимму мубрам месозад. Гузашта аз ин, масъалаи иншои таҳқиқоти умумӣ оид ба таърихи ҳамгирой дар минтақа дар давраи пасошуравӣ ба хотири муайян сохтани судмандиҳои воқеии ҳамгироии минтақавӣ мавриди ниёзи илмӣ мебошад. Бидуни таҳқиқи ҷиддии оқибатҳои ҳамгирой дар фазои пасошуравӣ эҷоди пасманзари комили рушди сиёсию иқтисодии Осиёи Марказӣ тайи 30 соли охир амри маҳол аст. Пажуҳиши илмии шароиту омилҳо, миқёсу шаклҳои иштироки давлатҳои Осиёи Марказӣ дар равандҳои ҷаҳонишавии муосир на фақат аз лиҳози назариявӣ дорои аҳамияти бузург аст, балки анҷоми он ба эҷоди ғояҳои нав роҷеъ ба татбиқи амалии ҳамгирой дар минтақа ба таври назаррас мусоидат хоҳад кард.

## АДАБИЁТ:


1. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. Душанбе: Ирфон, 2002.- С. 333 - 334.
2. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 6. Душанбе: Ирфон, 2006.- С. 106 - 107.
3. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана. Душанбе: Деваштич, 2005. 192 с.
4. Искандаров А. Интеграция в Центральной Азии: политические аспекты. Душанбе: Ирфон, 2007. 376с.
5. Комилов С., Абдуназаров А., Сафаров С. Созмони Ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ: ташаккул, таҳаввул ва дурнамо. Душанбе: Сурушан, 2005. С. 69 - 160.
6. Назаров Т. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность. Минск: УД Президента Р Б, 2003. С. 30 - 45.
7. Путин В.В. Новый интеграционный проект для Евразии - будущее, которое рождается сегодня \\ «Известия». 2011. 3 октября; Дугин А. Г. Евразийская миссия Нурсултана Назарбаева. М., 2004. 288с.
8. Сотрудничество и безопасность в Центральной Азии: состояние и перспективы. Алматы, 2008.
9. Токаев К. Под стягом независимости. Очерки о внешней политике Казахстана. Алматы, 1997.
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон. https://www.president.tj/event/news/46798 (Санаи муроҷиат 16.10.2024).


## РЕГИОНАЛЬНАЯ ИНТЕГРАЦИЯ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

*В статье исследуется и обсуждается вопросы региональной интеграции в Центральной Азии. Региональная интеграция является одним из наиболее важных и фундаментальных вопросов в рамках сотрудничества между странами региона, и*

*в этом контексте расширение отношений между странами Центральной Азии считается взаимовыгодным. По мнению автора, после распада Советского Союза регион Центральной Азии развивается как самостоятельное геополитическое образование. Сегодня, благодаря богатству региона и огромным энергетическим и водным ресурсам регион находится в центре внимания сверхдержав мира. Отмечено, что в современных условиях страны региона ищут пути развития и выхода из многолетнего кризиса, и одним из таких путей является интеграция.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, интеграция, сотрудничество, внешняя политика, дипломатия, интерес, цель, проблема, развитие.*

## REGIONAL INTEGRATION IN CENTRAL ASIA

*The article examines and discusses the issues of regional integration in Central Asian countries. Regional integration is one of the most important and fundamental issues in the framework of cooperation between the countries of the region, and in this context, the expansion of relations between the countries of Central Asia is considered mutually beneficial. According to the author, after the collapse of the Soviet Union, the Central Asian region has been developing as an independent geopolitical entity. Today, due to the region's wealth and huge energy and water resources, the region is in the center of attention of the world's superpowers. It is noted that in modern conditions, the countries of the region are looking for ways to develop and get out of the long-term crisis, and one of these ways is integration.*

***Keywords:*** *Central Asia, integration, cooperation, foreign policy, diplomacy, interest, goal, problem, development.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Темурзода Фаррухшо Ҳ-** номзади илмҳои таърих, мутасаддии кор бо магистрантон ва докторантони (PhD)-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

**Сведения об авторе: Темурзода Фаррухшох** - кандидат исторических наук, руководитель сектора магистратуры и докторантуры (PhD) Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

**About the author: Temurzoda Farrukhshoh -** Candidate of Historical Sciences, Head of the Master's and Doctoral Studies (PhD) Sector of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

## МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИВУ ФАРҲАНГӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ БАЙНИ ШМА ВА КАНАДА: ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСИИ РАВОБИТИ СТРАТЕГӢ

**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОҚОСУМОВНА**
номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ байни ШМА ва Канада бахшида шудааст. Муносибатҳои мустаҳками иҷтимоӣ ва фарҳангӣ миёни ин ду кишвар дар тули таърих дар асоси арзишҳои муштарак ва имкониятҳои муҳоҷират ташаккул ёфтаанд. Муҳоҷират ҳамчун яке аз ҷанбаҳои асосии робитаҳо буда, ҳамзамон заминаи рушди ҳамдигарфаҳмӣ ва мубодилаи фарҳангиро фароҳам меорад. Мақола инчунин барномаҳои таълимӣ, ба мисли Фулбрайт ва барномаи "Сафирони Ҷавон"-ро баррасӣ мекунад, ки ба густариши мубодилаи дониш ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ихтисос дода шудаанд. Ҷанбаи илмӣ низ дар мақола мавриди таҳлил қарор гирифта, созишномаҳои марбут ба ҳамкориҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои кайҳонӣ байни ШМА ва Канада мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба рушди шабакаҳои таҳқиқотӣ ва ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ дар соҳаҳои экология, биотехнология ва энергетика саҳм мегузоранд. Ин мақола нишон медиҳад, ки муносибатҳои ШМА ва Канада дар заминаи арзишҳои умумӣ ва манфиатҳои муштарак барои рушди муносибатҳои устувор ва муваффақи фаромиллӣ намунаи беназир ба шумор меравандд.*

***Калидвожаҳо:*** *ШМА, Канада, муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамкориҳои илмӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ, муҳоҷират, арзишҳои муштарак, Барномаи Фулбрайт, Барномаи "Сафирони Ҷавон".*

Муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангӣ байни ШМА ва Канада унсури муҳимми ҳамкориҳои онҳо ба ҳисоб рафта, ҳар ду кишвар дар тули таърихи худ муносибатҳои мураккабу гуногунҷанба доштаанд. Гарчанде байни ин ду кишвар фарқиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, онҳо тавонистанд механизмҳои муассири идораи муносибатҳои худро таҳия кунанд. Ин раванд асосан ба арзишҳои муштарак ва ҷанбаҳои фарҳангӣ асос ёфтааст, ки он боиси рушди ҳамкориҳои зичи ду кишвар гаштааст.

Муҳоҷирати густарда байни ин ду кишвар заминаи устуворро барои нигоҳ доштани ин робитаҳо фароҳам меорад. Ҳар сол ҳазорҳо шаҳрвандони Канада ва Амрико барои кор, таҳсил ё истиқомати доимӣ аз сарҳад мегузаранд, ки ин фаҳмиши мутақобила ва мубодилаи фарҳангиро тақвият медиҳад.

Муҳоҷират байни ШМА ва Канада ҷанбаи муҳимми муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ин ду кишварро ташкил медиҳад. Ин ҷанба ҳамеша ба сиёсати ҳар ду кишвар вобаста буда, ба тиҷорат, омӯзиш ва имкониятҳои корӣ таъсири бузург мерасонад.

Ҷанбаҳои асосии муҳоҷиратро байни ШМА ва Канада ба чанд қисм ҷудо кардан мумкин аст, аз қабили:

1. Муҳоҷират барои таҳсил ва кор. Сохторҳои марбутаи Канада ва ШМА ҳар сол ҳазорон донишҷӯён ва мутахассисони худро барои таҳсил ба кишварҳои ҳамдигар мефиристанд. Барномаҳои махсусе вуҷуд доранд, ки дар асоси он муҳоҷиронро барои таҳсил дар донишгоҳҳо ва кор дар ширкатҳои бузурги ин кишварҳо ҷалб мекунанд. Масалан, шаҳрвандони Канада аксар вақт ба ШМА мераванд, то дар донишгоҳҳои маъруфи Амрико таҳсил кунанд ва донишҷӯёни Амрико низ Канадаро интихоб мекунанд, зеро таҳсил дар Канада камхарҷтар аст.

2. Барномаҳои муҳоҷирати муваққатӣ. Ду кишвар барои осон кардани рафтуомади муваққатӣ ва муваффақ ба корсозии шаҳрвандони якдигар шартномаҳо доранд. Масалан, созишномаи USMCA (созишномаи нави тиҷоратии ШМА, Мексика ва Канада) имконият медиҳад, ки мутахассисон аз ҳар се кишвар дар шароити муайян ба таври муваққатӣ дар кишварҳои ҳамдигар кор кунанд.

3. Муҳоҷирати доимӣ. Ҳар сол ҳазорҳо шаҳрвандони Амрико ва Канада барои истиқомат ва кор ба кишвари ҳамсоя муҳоҷират мекунанд. Канада як барномаи муҳоҷиратии саховатмандона дорад, ки барои мутахассисон, соҳибкорон ва дигар қишрҳои коргар бо маълумоти баланд имконияти кӯчидан ба ин кишварро фароҳам меорад. Инчунин, шаҳрвандони ШМА метавонанд тавассути барномаҳои махсус, аз ҷумла дар асоси иттиҳоди оилавӣ, ба Канада кӯч банданд.

4. Муҳоҷират дар асоси сабабҳои башардӯстона. Гарчанде ки ин шакли муҳоҷират камтар маъмул аст, Канада ва ШМА ҳар ду дар қабули гурезаҳо ва муҳоҷирони башардӯстона бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Шахсоне, ки ба сабаби ҷанг ё таъқиб паноҳҷӯ мебошанд, метавонанд дар яке аз ин кишварҳо паноҳ ёбанд.

5. Муҳоҷират ба хотири ҳамсоядорӣ байни ду кишвар. Ин тарзи муҳоҷират рафту омади озодро имконпазир месозад. Одамон метавонанд ба осонӣ аз як кишвар ба кишвари дигар барои кор, таҳсил ё сайёҳӣ рафту омаду кунанд. Барномаҳои виза ва муҳоҷирати осон барои шаҳрвандони ҳар ду кишвар шароити беҳтар барои муҳоҷирати муваққатиро фароҳам меоранд.

Муҳоҷирати байни шаҳрвандони Амрико ва Канада як раванди фаъол аст, ки ба омилҳои гуногун вобаста мебошад. Афзалиятҳои марбут ба иқлим, имкониятҳои иқтисодӣ, таҳсилот, тарзи зиндагӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ ба тасмими кӯчидан аз як кишвар ба кишвари дигар, таъсир мерасонанд. Муҳоҷират барои шахсони алоҳида ва ҷомеаҳо ҳам манфиатҳо ва ҳам мушкилот меорад.

Дар баробари ин, муҳоҷират байни ШМА ва Канада ба рушди иқтисодиёти ҳар ду кишвар таъсири мусбат мерасонад. Мутахассисони касбҳои гуногун имкониятҳои кориро тақвият медиҳанд ва тамоюлҳои фарҳангӣ байни ду миллат

ҳамарӯза мубодила мешаванд. Муносибатҳои муҳоҷиратӣ бо гузашти вақт боз ҳам мустаҳкамтар шуда, омили муҳимми робитаҳои ду кишвар боқӣ мемонад.

Чи хеле ки дар боло қайд карда будем, муҳоҷират барои таҳсил дар асоси якчанд барномаҳои маъмули мубодилаи донишҷӯён ва олимон байни ШМА ва Канада ба роҳ монда шудааст. Яке аз онҳо барномаи Фулбрайт мебошад [5]. Ин барнома ба донишҷӯён ва мутахассисони ҷавон аз ШМА ва Канада имкон медиҳад, ки дар донишгоҳҳои ду кишвар таҳсил ва таҳқиқот гузаронанд. Барнома соҳаҳои гуногуни илмро фаро гирифта, стипендияҳо пешниҳод мекунад, ки хароҷоти таҳсил, зиндагӣ ва сафарро фаро мегиранд.

Барномаи дигар стипендияҳои “Killam” мебошад. Ин барномаи ба донишҷӯёни истисноии зинаи бакалавр дар донишгоҳҳои Канада ва ШМА имконият фароҳам меорад, ки як семестр ё як соли пурраи академиро ҳамчун донишҷӯи мубодилавӣ дар кишвари дигар гузаронанд. Донишҷӯён метавонанд дар ин барнома ҳамчун донишҷӯи мубодилавӣ (бо қайдгирӣ дар донишгоҳи худ, пардохти маблағи таҳсил дар донишгоҳи худ ва ҳузур дар донишгоҳи мизбон ҳамчун меҳмони мубодилавӣ) ё ҳамчун донишҷӯи меҳмони худтаъйин (ариза додан ва сабти ном шудан дар донишгоҳи мизбон ва пардохти маблағи таҳсил дар донишгоҳи мизбон) иштирок кунанд [11].

Идеяи ташаббуси мобилӣ ин аст, ки донишҷӯён як сафари омӯзиширо анҷом диҳанд ва имконият пайдо кунанд, ки дониши васеътар дар бораи фарҳанги кишвари мизбон ба даст оранд. Барномаи стипендияҳои “Killam” инчунин имкониятҳои ғанисозиро барои хатмкунандагон пешниҳод мекунад.

Барномаи "Сафирони ҷавон" хонандагони мактабҳои миёна ва роҳнамои калонсолонро аз тамоми давлатҳои Амрикои Ҷанубӣ ва Амрикои Шарқӣ муттаҳид мекунад, то аз наздик шинос шаванд ва малакаҳои роҳбариро афзоиш диҳанд ва ҷавононро барои таъсиргузорӣ дар ҷомеаҳои худ омода созанд.

Дар доираи барномаҳои мубодилаи шахсӣ ё онлайн иштирокчиёни барномаи "Сафирони ҷавон" ба фаъолиятҳои омӯзиши таҷрибавӣ, омӯзишҳои роҳбарӣ, иштироки шаҳрвандӣ дар сатҳи маҳаллӣ, роҳнамоии раҳбарони ҷомеа, тиҷорат ва созмонҳои ғайридавлатӣ машғул мешаванд; бо оилаҳои мизбони маҳаллӣ робита барқарор мекунанд ва дар корҳои ихтиёрӣ иштирок мекунанд. Мавзуъҳои иловагии мубодила ба дохилкунии иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, инноватсия ва ҳифзи муҳити зист равона шудаанд. Барномаи "Сафирони ҷавон" аз ҷониби Бюрои корҳои таълимӣ ва фарҳангии Вазорати корҳои хориҷии ШМА сарпарастӣ мешавад [12].

Ин барнома барои донишҷӯёни бакалавр бо дастовардҳои баланди академӣ пешбинӣ шудааст. Он ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки як сол дар донишгоҳҳои амрикоӣ таҳсил кунанд, ки ин ба мубодилаи фарҳангӣ ва рушди робитаҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин бисёр донишгоҳҳои ШМА ва Канада созишномаҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ доранд. Он ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар як ё ду семестр дар донишгоҳҳои кишварҳои ҳамдигар

таҳсил кунанд. Ин мубодила метавонад кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат бошад ва ба донишҷӯён имконияти густариши дониш ва беҳтар намудани малакаҳои забониро медиҳад. Барои аспирантура баъзе донишгоҳҳо барномаҳои махсус барои аспирантҳо пешниҳод мекунанд. Чунин барномаҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки таҳқиқоти худро дар кишвари дигар анҷом диҳанд. Ин на танҳо ба ҳамкориҳои илмӣ, балки ба рушди шабакаҳои касбӣ низ мусоидат мекунад.

Созишномаҳо байни ШМА ва Канада дар соҳаи илм ва технология дар асоси як қатор заминаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва илмӣ тарҳрезӣ шудаанд, ки ба роҳнамоии ҳамкориҳои онҳо мусоидат мекунанд.  Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бисёр созишномаҳои илмӣ байни ШМА ва Канада дар асоси шартномаҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ баста шудаанд.

Созишномаи Париж оид ба тағйирёбии иқлим [13] (соли 2015), ки кишварҳоро барои кӯшишҳои муштарак дар мубориза бо гармшавии глобалӣ ӯҳдадор мекунад. Ин созишнома асос барои бисёр лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи тадқиқоти иқлим ва рушди технологияҳо пешбинӣ шудааст.

Шурои Арктика [6] - ташкилоти байналмилалӣ, ки ШМА, Канада ва дигар кишварҳои минтақаи Арктикаро дар бар мегирад. Дар доираи ин шуро кишварҳо уҳдадоранд, ки дар тадқиқоти илмии марбут ба Арктика ҳамкорӣ кунанд. Ин асос барои созишномаҳои дуҷониба дар ин соҳа аст.

Ғайр аз ин ба созишномаҳои илмии дуҷониба, ки байни ШМА ва Канада баста шудаанд, такя мекунанд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳамкориҳои умумиро дар соҳаи илм ва технология танзим мекунанд:

- Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва технология (соли 1985) [10, с.4] – дар асоси ин ҳуҷҷат ҳамкории илмии дуҷониба ба роҳ монда шудааст, ки олимони ду давлат бе ягон мамониат таҳқиқоти муштарак гузаронанд, барои гузаронидани таҳқиқот рушди технология фароҳам оварда шудааст;
- Созишномаи тафоҳум оид ба тадқиқоти кайҳонӣ [8]- заминаи ҳуқуқӣ барои ҳамкории НАСА ва КСА мебошад, ки лоиҳаҳои муштараки таҳияи системаҳои роботӣ ва иштироки олимони Канада дар экспедитсияҳои таҳқиқоти кайҳониро танзим мекунад.

Дар баробари ин, ШМА ва Канада қонунгузории дохилӣ ва стратегияҳои илмии худро доранд, ки ҳамкориҳои байналмилалиро роҳнамоӣ мекунанд. Ин қонунҳо созишномаҳои байналмилалӣ ва самтҳои афзалиятнокро барои тадқиқоти илмӣ ва муайян мекунанд:

- Стратегияи миллии ШМА дар соҳаи инноватсия ва технологияҳо [1] -  ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи технологияҳо, аз ҷумла шарикӣ бо Канада дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, биотехнологияҳо ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия равона шудааст;
- Стратегияи илмӣ ва технологии Канада [2] - самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ бо шарикони калидӣ, ба монанди ШМА, дар соҳаи тадқиқоти тиббӣ, экология ва технологияҳои кайҳониро муайян мекунад.

Дар радифи созишномаҳои ба шартномаҳои байналмилалӣ, созишномаҳои илмии дуҷониба, қонунгузории дохилӣ ва стратегияҳои илмии ШМА ва Канада асос ёфта, созишномаҳои илмии бар манфиатҳои умумии иқтисодӣ асос ёфта вуҷуд доранд, ки иқтисодиёти ШМА ва Канадаро бештар алоқаманд мекунанд. Тадқиқоти илмӣ дар соҳаҳои энергетика, тағйирёбии иқлим ва технологияҳои пешрафта дар аксар вақт ба дастгирии саноат ва ҳавасманд кардани инноватсия равона шудаанд, ки ин ба ҳар ду кишвар манфиат меорад. Ин созишномаи энергетикаи барқароршаванда дар соҳаи энергетикаи тоза аст, ки ҳадафаш коҳиш додани партовҳо ва пешбурди рушди устувор мебошад.

Дар баробари ҳамаи ин созишномаҳо, шартномаҳои байналмилалӣ, созишномаҳои дуҷониба, стратегияву қонунгузориҳои дохилӣ, инчунин Созишнома байни Канада ва ИМА оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи илмҳои омӯзиши замин [3] баста шудааст. Ёддошти тафоҳум байни Пажуҳиши геологии Штатҳои Муттаҳида, ки таҳти Вазорати корҳои дохилии Ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико мебошад ва Вазорати муҳити зисти Канада дар мавриди ҳамкорӣ дар самти илмҳои заминшиносӣ мебошад.

Аммо ёддошти тафоҳум ба илмҳои масъалаи об, ҷуғрофия, илмҳои геомаконӣ, биология ва ғайра маҳдуд нест. Ин созишнома барои Канада хеле муҳим аст. Зеро Канада бо ШМА марзи муштарак дорад ва чун ҳар ду кишвар барои манбаъҳои табиӣ, ба мисли дарёҳо ва кулҳо масъулият доранд. Муҳим аст, ки дар самти мониторинг барои беҳтар сохтани муҳити зист (махсусан барои миқдор ва сифати об) якҷоя кор кунанд, то ки ба манфиати шаҳрвандон бошад. Бо доштани як созишномаи расмӣ Канада ва ШМА мубодилаи расмии иттилооти илмӣ ва технологиро ташкил ва дар иншооти муштарак сармоягузорӣ кардаанд.

Ҳадафи ин созишнома таъқиби ҳамкориҳои илмӣ ва техникӣ дар илмҳои заминшиносӣ тавассути мубодилаи иттилооти техникӣ ва илмӣ, дониш ва имкониятҳои Пажуҳиши геологии ШМА (USGS) ва Вазорати муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Канада (ECCC) мебошад.

Самтҳои ҳамкории созишнома метавонанд инҳо бошанд,

- пажуҳишҳои марбут ба об ва дигар таҳқиқоти гидрологӣ, ки фаҳмидани миқдор ва сифати оби рӯйизаминӣ, оби зеризаминӣ ва интиқоли лойро дар бар мегиранд;
- таҳқиқоти марбут ба масъалаҳои замин, аз ҷумла хатари табиӣ, захираҳо ва муҳити зист;
- биология, таҳқиқоти биологӣ ва рушди техникӣ;
- таҳлил ва таҳқиқоти ҷуғрофӣ ва геомаконӣ;
- системаҳои иттилоотӣ ва дигар шаклҳои ҳамкориҳои марбут ба илмҳои замин, ки бо мувофиқаи ду тараф муайян мешаванд.

Аз ин созишнома чунин натиҷаҳоро интизоранд:

- ҷамъоварӣ, мубодила, таҳлил, моделсозӣ, ҳисобот ва нашри маълумоти марбута;
- таҳия, санҷиш, истифода ва нигоҳдории таҷҳизот, аз ҷумла таҳқиқоти илмӣ ва технологияҳо;
- иштирок дар кумитаҳои идоракунӣ ва техникӣ, гурӯҳҳои корӣ ва сафарҳо барои расонидани барномаҳои муштарак;
- таҳқиқот ва нашрияҳои муштарак, истифодаи муштараки таҷҳизот, иншоот ва логистика;
- дигар шаклҳои ҳамкорӣ, ки бо мувофиқаи ду тараф муайян карда мешаванд.

Ин созишнома барои Канада бисёр муҳим аст. Зеро ШМА ва Канада дар қитъаи Америкаи Шимолӣ дар бисёр соҳаҳои илмҳои заминшиносӣ умумият доранд ва ҳамкорӣ дар ин самтҳо, ба мисли омӯзиш, таҳқиқот ва санҷиши таҷҳизот, системаҳои иттилоотӣ ба манфиати ҳарду кишвар аст. Ҳамаи ин боиси беҳтар шудани илм ва мониторинги муҳити зист (махсусан барои миқдор ва сифати об барои мардум) мегардад.

Ин созишнома дар Канада тавассути истифодаи замимаҳои лоиҳаҳо амалӣ мешавад. Фаъолиятҳои мушаххасро, ки тарафҳо бояд анҷом диҳанд, муайян мекунанд. Аз замони имзои ёддошти тафоҳум дар моҳи майи соли 2008, ду муассиса ҳар семоҳа тавассути телефон дар доираи Кумитаи машваратии техникӣ, ки аз ҷониби роҳбарони муассисаҳои дахлдор дар якчоягӣ идора карда мешаванд, мулоқот мекунанд.

Созишнома ба чунин натиҷаҳои назаррас расидааст, ки пас аз имзои ёддошти тафоҳум ҳамкории муназзами олимон ва технологҳо дар ҳарду муассиса идома дорад. Кори муштарак бо таҳияи шаш Замимаи Лоиҳаҳо расмӣ шудааст.

Фаъолиятҳо дар самтҳои гуногун идома доранд, аз ҷумла:

- мониторинги муштараки дарёҳо ва кулҳои байналмилалӣ (масалан, обшори Ниагара);
- ҳамоҳангсозии маҷмуи додаҳои ҷуғрофӣ (масалан, сарҳадҳои ҳавзаи дарёҳо) дар марзи Канада ва ШМА;
- таҳияи усулҳои мониторинг бо истифода аз сенсорҳои дурдаст барои ҳисоб кардани ҷараёни дарёҳо;
- ташкили омӯзиши бехатарии пулҳои обгузар дар саросари Канада.

Ин ёддошти тафоҳум дар соҳаи мониторинги гидрометрӣ натиҷаҳои хуб ба бор овард. То имрӯз шаш замима таҳия ва имзо карда шудааст, аз ҷумла:

- таҳвили омӯзишҳои илмӣ ва техникӣ;
- таҳияи технологияҳои мониторинги саҳроӣ ва усулҳои ёрирасон;
- санҷишҳои лабораторӣи асбобҳои гидрометрии ченкунии суръати об;
- ҳамкорӣ дар системаҳои дода ва иттилоот;
- таъмини омӯзиши бехатарӣ дар пулҳои обгузар дар саросари Канада;
- ҳамкорӣ дар додаҳои геомаконӣ ва системаҳо.

Натиҷаҳои ин созишнома чунин аст: ду мубодилаи калони техникӣ (дар ш. Рестон, штати Вирҷиния, дар моҳи майи соли 2008 ва дар ш. Берлингтон, ш. Онтарио, дар феврали 2011) мутахассисони таъмини сифати об, гидрология ва мониторинги гидрометриро аз ду кишвар ба ҳам оварданд.

Қобили зикр аст, ки робитаҳои тулонӣ дар соҳаҳои фарҳанг, таърих ва таълим байни ШМА ва Канада дар заминаи созишномаҳои илмӣ шароит фароҳам меоранд. Бисёр донишгоҳҳо ва институтҳои (ниҳодҳо) тадқиқотии ҳарду кишвар кайҳо боз тавассути барномаҳои мубодила ва лоиҳаҳои муштарак ҳамкорӣ мекунанд, ки ин асос барои бастани созишномаҳои расмӣ дар сатҳи байниҳукуматӣ шудааст. Яке аз ин ҳуҷҷатҳо созишномаҳо дар бораи мубодилаҳои илмӣ байни донишгоҳҳои ШМА ва Канада, ки бар асоси анъанаи мобилии илмӣ ва лоиҳаҳои тадқиқотӣ ташкил шудаанд, ҳамкорӣ менамоянд.

Ин заминаҳо барои таъмини устувории ҳамкориҳои илмӣ кӯмак мекунанд, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои ташаббусҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро эҷод мекунанд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ҳамкориҳои илмӣ байни ШМА ва Канада дар солҳои охир васеъ шуда истодаанд, ки соҳаҳои муҳимми таҳқиқотӣ аз тиб ва экология то кайҳон ва технологияҳоро дар бар мегиранд.

Бояд қайд кард, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ҳамкориҳои илмӣ кор дар якҷоягӣ дар соҳаи тадқиқоти тиббӣ ва биотехнологияҳо мебошад. Канада ва ШМА дар соҳаи ихтироъ ва коркарди доруҳои нав, ваксинаҳо ва усулҳои табобати бемориҳои мураккаб, ба монанди саратон ва COVID-19, фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Ин ҳамкорӣ ҳам тадқиқоти илмӣ ва ҳам ҳамкорӣ байни ширкатҳои тавлиди доруи ҳар ду кишварро дар бар мегирад.

Ҳамкорҳои илмӣ дар масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва экология низ дар авлавият аст. Кишварҳо якҷоя таъсири тағйирёбии иқлимро ба Арктика, ки марказҳои тадқиқотии Канада ва ШМА дар он нақши муҳим мебозанд, меомӯзанд. Ҳамчунин кор дар лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи энергетикаи барқароршаванда, идоракунии захираҳои об ва ҳифзи гуногунии биологӣ фаъолона идома дорад.

ШМА ва Канада кайҳост, ки дар соҳаи тадқиқоти кайҳонӣ дар асоси “Созишномаи байни Ҳукумати Канада ва Ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико оид ба ҳамкорӣ дар тадқиқот ва истифодаи фазои кайҳонӣ барои мақсадҳои осоишта» [4] ҳамкорӣ доранд. Тавассути чунин ташкилотҳо, ба монанди NASA ва Агентии кайҳонии Канада (CSA) ин кишвар ихтирооти беназири худро, ба мисли системаҳои роботӣ барои Истгоҳи байналмилалии кайҳонӣ (Канадарм) пешниҳод кардааст. Дар солҳои охир кишварҳо ҳамкории худро дар тадқиқоти кайҳон, аз ҷумла омодагӣ ба экспедитсияҳо ба Моҳ ва Миррих тақвият додаанд [9].

ШМА ва Канада пешбарони соҳаи рушди технологияҳои зеҳни сунъӣ (ИИ) мебошанд. Ҷузъи муҳимми ҳамкории онҳо мубодилаи таҷриба ва донишҳо дар

ин соҳа ва ҳамчунин ба таври муштарак таҳия намудани технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ки дар соҳаҳои гуногун, хусусан, тандурустӣ, мудофиа ва иқтисод татбиқ мешаванд.

Дар самти мубодилаҳои илмӣ ва ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ донишгоҳҳо ва институтҳои тадқиқотии ҳар ду кишвар тавассути барномаҳои мубодила, лоиҳаҳои муштараки тадқиқотӣ ва конфронсҳои байналмилалӣ робитаҳои зич доранд. Ин ташаббусҳо ба таҳкими робитаҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ мусоидат намуда, ҳам донишҷӯён ва ҳам олимони пешбарро барои мубодилаи таҷриба ва ҳамкорӣ ҷалб мекунанд.

Бо ин роҳ ШМА ва Канада ҳамкориҳои илмии худро фаъолона густариш медиҳанд, ки ин ба пешрафти соҳаҳои асосии илм ва технология, инчунин ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Муносибатҳои байналмилалии ШМА ва Канада намунаи ҳамкориҳои муваффақ дар асоси манфиатҳои умумии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Таҳқиқи ин муносибатҳо имкон медиҳад, ки мо на танҳо тамоюлҳои ҷории ҳамкориҳои ду кишварро дарк кунем, балки омилҳои калидие, ки ба устуворӣ ва рушди онҳо мусоидат мекунанд, кашф намоем.

Муносибатҳои байни Канада ва ШМА намунаи возеҳест барои кишварҳои дигари ҷаҳон, ки чӣ гуна метавон муносибатҳои нобаробарро дар асоси эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ самаранок идора кард. Ин ҳамкорӣ намунаи барҷастаи ҳамзистии ду кишвари ҳамсоя буда, ба манфиати ҳар ду тараф бо муваффақият идома ёбад.

**АДАБИЁТ:**


1. A strategy for american innovation National Economic Council and Office of Science and Technology Policy October 2015 [Манбаи электронӣ]. URL: https://obamawhitehouse.archives.gov/ sites/default/files/strategy_for_american_innovation_october_2015.pdf (санаи муроҷиат 05.07.2024).
2. Canada's Science, Technology and Innovation Strategy [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.canada.ca/en/news/archive/2014/12/canada-science-technology-innovation-strategy.html (санаи муроҷиат 05.07.2024).
3. Canada-US agreement on earth sciences cooperation [Манбаи электронӣ]. URL:https://www.canada.ca/en/environment-climate-change/corporate/inter national-affairs/partnerships-countries-regions/north-america/canada-united-states-earth-sciences-cooperation.html (санаи муроҷиат 05.07.2024).
4. Framework Agreement Between the Government of Canada and the Government of the United States of America for Cooperation in the Exploration and Use of Outer Space for Peaceful Purposes E105172 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.treaty-accord.gc.ca/text-texte.aspx?id=105172/(санаи муроҷиат 01.10.2024).

5. Indigenous and Multi-Disciplinary Experts Form New Cohort of Fulbright Arctic Initiative [Манбаи электронӣ]. URL:https://www.fulbrightprogram. org/2024-arctic-initiative-cohort/ (санаи муроҷиат 05.05.2024).

6. International cooperation in the Arctic [Манбаи электронӣ]. URL: https://arctic-council.org/explore/work/cooperation//(санаи муроҷиат 05.07.2024).

7. Interstate or Cross-border Migration of Americans and Canadians Interstate or Cross-border Migration of Americans and Canadians [Манбаи электронӣ]. URL: https://medium.com/@dmuk herjeetextiles/interstate-or-cross-border-migration-of-americans-and-canadians-3a7e2db74140 (санаи муроҷиат 05.05.2024).

8. Memorandum of Understanding Between the United States of America and Canada Signed at Washington November 15, 1994 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.state.gov/wp-content/uploads/2019/06/94-1115-Canada-Space-Cooperation.pdf (санаи муроҷиат 05.07.2024).

9. NASA, Canadian Space Agency Formalize Gateway Partnership for Artemis Program [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nasa.gov/news-release/nasa-canadian-space-agency-formalize-gateway-partnership-for-artemis-program/(санаи муроҷиат 05.09.2024).

10. Science, Technology, and American Diplomacy 1985 Sixth Annual Report Submitted to the Congress by the President Pursuant to Section 503(b) of Title V of Public Law 95-426 July 1985 U.S саҳ-4

11. The Killam Fellowships Program [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.fulbright.ca/programs/ killam-fellowships.html (санаи муроҷиат 05.09.2024).

12. Youth Ambassadors Program [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.worldlearning.org/program/youth-ambassadors-program/(санаи муроҷиат 05.09.2024).

13. Парижское соглашение по изменению климат [Манбаи электронӣ]. URL: https://unfccc.int/sites/de fault/ files/russian_paris_agreement.pdf/ (санаи муроҷиат 05.09.2024).

## СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И НАУЧНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ США И КАНАДОЙ: АНАЛИЗ И ОБЗОР СТРАТЕГИЧЕСКИХ СВЯЗЕЙ

*Статья посвящена анализу различных аспектов социального, культурного и научного сотрудничества между США и Канадой. Социальные и культурные отношения между этими двумя странами, укрепившиеся на протяжении истории, в основном основываются на общих ценностях и возможностях миграции. Миграция, как один из основных аспектов отношений, включающий работу, учебу и семейные связи, одновременно создает основу для развития взаимопонимания и культурного обмена. В статье также рассматриваются образовательные программы, такие как Фулбрайт и Программа «Молодые послы», которые*

*способствуют расширению обмена знаниями и международного сотрудничества. Научный аспект также анализируется в статье, включая соглашения о научном сотрудничестве и космических исследованиях между США и Канадой, которые способствуют развитию исследовательских сетей и решению глобальных проблем в областях экологии, биотехнологий и энергетики. Статья показывает, что отношения США и Канады, основанные на общих ценностях и взаимных интересах, служат уникальным примером для развития устойчивых и успешных транснациональных связей.*

***Ключевые слова:*** *США, Канада, социальные отношения, научное сотрудничество, культурное сотрудничество, миграция, общие ценности, Программа Фулбрайта, Программа «Молодые послы».*

## SOCIAL-CULTURAL RELATIONS AND SCIENTIFIC COOPERATION BETWEEN THE USA AND CANADA: ANALYSIS AND REVIEW OF STRATEGIC ASPECTS

*The article is dedicated to the analysis of various aspects of social, cultural, and scientific cooperation between the USA and Canada. Social and cultural relations between these two countries, strengthened over time, are primarily based on shared values and opportunities for migration. Migration, as a key aspect of these relations that includes work, education, and family ties, simultaneously provides a foundation for fostering mutual understanding and cultural exchange. The article also examines educational programs, such as the Fulbright Program and the Young Ambassadors Program, which promote the exchange of knowledge and international cooperation. The scientific aspect is likewise analyzed, including agreements on scientific collaboration and space research between the USA and Canada, which contribute to the development of research networks and the resolution of global issues in ecology, biotechnology, and energy. The article demonstrates that the relations between the USA and Canada, grounded in shared values and mutual interests, serve as a unique example for fostering sustainable and successful transnational connections.*

***Keywords:*** *USA, Canada, social relations, scientific cooperation, cultural cooperation, migration, shared values, Fulbright Program, "Youth Ambassadors" Program.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Дороншоева Н.Ш. -** мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои сиёсӣ

**Сведения об авторе: Дороншоева Некбахт Шокосумовна -** заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, кандидат политических наук

**About the author: Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna -** Head of the USA and Canada Department, Institute of Asian and European States of NAST, Candidate of Political Sciences

# ДИПЛОМАТИЯИ ГЕОЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИДОРИВУ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

**РАҲМОНОВ МИРСАИД**
ходими калони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии ИОМДОА АМИТ

*Дар мақолаи зерин дипломатияи геоэнергетикии Тоҷикистон дар даврони Истиқлол мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълумоти муфассал бо санаду далелҳо фароҳам оварда шудааст. Ҷанбаҳои гуногуни иқтидори энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус, неругоҳи Роғуни Тоҷикистон ва лоиҳаи CASA–1000, ки заминаи бузурги иқтисодиро дар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба миён меоранд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Роғун, CASA–1000, неругоҳ, иқтидор, иқтисод, геоэнергетика, дипломатия.*

Қитъаи Осиё аз қораи бузуртарини ҷаҳон буда, бо тақсимшавии ҷуғрофии ҷолибу ҷаззоб, табиати зебо ва маданияту маърифат, дорои аҳамиятҳои стратегӣ буда, омӯзишу баррасии он хело муҳим арзёбӣ мегардад. Сиёсатшиносону минтақашиносон қитъаи Осиёро ба ҳудудҳои ҷуғрофӣ ҷудо кардаанд, ки иборат аз Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад. Зимнан, минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷануби Осиё бо афзоиши босуръати аҳолӣ, тамаддуну таърих ва илму ҳунар, фаҳму фаросат ва манобеи табии муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамин тариқ, эҷоди амну субот ва рушд ягона воситаи инкишоф, беҳбудӣ, тиҷорат ва савдо дар минтақа маҳсуб ёфта, метавонад заминаи кафолат барои зиндагии хуби мардум ва пешравии иқтисодӣ ва иҷтимоии онон гардад.

Тоҷикистони муосир дар Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, бо гузаштаи таърихӣ ва донишмандони бузурги илму адабу фарҳанг ва манобеи табии кашфношуда, обҳои мусаффову кӯҳҳои зебонманзари осмонбӯс ва захираҳои гидроэнергетикӣ бой буда, дар ҷаҳон ҷойгоҳҳи хос дорад. Истифодаи дуруст ва сарфи оқилонаи онҳо барои рушди устувори иқтисодию иҷтимоии давлат мусоидат намуда, заминаро барои тавсеаи ҳамкориҳои бештар бо кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ фароҳам месозад.

Тоҷикистон дар замони Истиқлол тавонист ҳамкориҳои худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ хуб роҳандозӣ намуда, дар самтҳои гуногун бо ин давлатҳо созишномаҳои муфид бандад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аввалин саммити сарварони кишварҳои “Осиёи Марказӣ – Ҳиндустон”, ки дар шакли видеоӣ баргузор шуд, иштирок ва суханронӣ карда, ҳамкориҳои бисёрҷонибаи созандаи кишварҳои минтақа, бахусус дар доираи

СММ, СҲШ, МҲТБО ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои кишварҳои минтақаро муҳим шумориданд.

Тоҷикистон бо ташаббусҳои созандаи марбут ба масоили амниятӣ, обу иқлим, энергетика ва озуқаворӣ минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро бештар дар пайванди муштарак нигоҳ дошта, бо ҳамаи ин кишварҳо самаранок ҳамкорӣ мекунад. Дар даврони ҷаҳонишавии кишварҳо ва вобастагии иқтисодӣ, масоили иқлимӣ, экологӣ, норасоии оби нушокӣ ва дигар мушкилоти аҳли башар чораҳои амалӣ ва саривақтӣ бояд андешида шаванд. Дар ин замина сиёсати «энергияи сабз»-ро метавон чун усули муассир дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар сарватҳои инсонӣ амалӣ кард. Боиси ифтихор аст, ки дар ин самт Тоҷикистон пешсаф буда, намунаи олӣ барои кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Бунёди неругоҳи барқи обии “Роғун” аз ҷумлаи он иқдомоте мебошад, ки боиси рушди иқтисоди кишвар ва ғанӣ гардондани буҷети давлат гардида, Тоҷикистонро ҳамчун давлати ободу зебо ва худкифо дар арсаи байналмилалӣ обрӯ ва нуфуз мебахшад.

НБО “Роғун” нуҳумин силсиланеругоҳ дар дарёи Вахш ба ҳисоб рафта, тавоноиаш аз иқтидори истеҳсолии НБО “Норак” яку ним маротиба зиёд мебошад. Беҳтариву бартарии он аз дигар неругоҳҳо дар он аст, ки толори мошинҳо ва бинои трансформаторҳо дар зери замини он бунёд карда мешаванд. Хусусияти дигари НБО “Роғун” эҷоди муҳити солиму созанда бо истифодаи самаранок аз захираҳои обӣ, ҳифзи пиряххо аз ифлосшавӣ ё ба ибораи дигар “энергияи сабз” мебошад. Тибқи маълумоти овардаи сармуҳандиси НБО-и Роғун, сарбанди неругоҳ бо баландии 335 метр баландтарин сарбанди аз санг сохташуда дар ҷаҳон буда, обанбори он ҳаҷми умумии 13,3 км3 ва ҳаҷми муфиди 10,3 км$^3$ ташкил медиҳад. Он ҳамчун як маҷмааи бузурги гидроэнергетикии гуногунҳадаф, аз ҷумла барои тавлиди неруи барқ, танзими об, коҳиш додани хатари обхезӣ ва коҳиш додани хушксолӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки санаи 5-уми январи соли 2010 Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони НБО “Роғун”-ро ҷабҳаи нангу номус номида, даъват ба амал овард, ки ҳама саҳми худро дар бунёди ин неругоҳ гузоранд. Даъвати ватандӯстонаи Сарвари давлат ба хотири ҳарчи тезтар суръат бахшидан ва анҷом додани корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти бузург буда, замина барои зиндагии созанда мегардад.

Бояд таъкид кард, ки раванди бунёди НБО “Роғун” собиқаи таърихӣ дошта, солҳои 70-ум оғоз ёфтааст. Бо пошхӯрии Шӯравӣ ва сабабҳои дигар дар аввали солҳои 90-ум сохтмони он қатъ гардида буд. Тарҳи Роғун, ки бори аввал дар соли 1959 пешниҳод шуда буд, беш аз 2,2 миллиард доллар арзиш дошт.

Ҳамин тариқ, барои бунёди неругоҳи мазкур дар солҳои 90-ум мушкили зиёде пеш омад, аммо бо азму иродаи қавӣ ва ҷасорати Пешвои миллат

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи монеаҳо бартараф шуда, корҳои созандагӣ дар он дубора шуруъ гардид.

Соли 2007 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи стандартҳои муосири бехатарӣ барои идомаи бунёди НБО-и Роғун ба Бонки Ҷаҳонӣ барои ташхиси байналмилалии лоиҳа муроҷиат намуда, тавассути машваратҳои судманду музокирот санаду ҳуҷҷатҳои лозимаро омода карда, шарафманд шуданд, то ба имрӯз ду чархаи ин неругоҳро баҳри зиндагии созандаи башар фаъол созанд. Асосноккунии техникии иқтисодӣ ва арзёбии таъсири муҳити зист ва иҷтимоӣ соли 2011 таҳти сарпарастии Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки ширкатҳои байналмилалӣ ва ду гурӯҳи коршиносони мустақил роҳандозӣ шуд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ, сохтмон, азхудкунии захираҳои бузурги гидроэнергетикии мамлакат барои дигаргунсозии иқтисоди кишвар афзалияти аввалиндараҷа дошта, бунёди НБО “Роғун” бо мақсади рушду амалисозии сиёсати истиқлолияти энергетикӣ идома хоҳад ёфт. Зеро тавассути он тавлиду тақсими “энергияи сабз” дар кишвар ва минтақа бештару беҳтар таъмин мегардад. Ҳамин тавр, бо истифодаи дурусту саривақтии он Тоҷикистон метавонад яке аз кишварҳои саноатии минтақа бошад.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи оғози расмии сохтмони НБО “Роғун”, 26-уми сентябри соли 2005 суханронӣ намуда, чунин таъкид карданд: “Ин иншооти азими стратегӣ ҷаҳиши бузурге дар роҳи таъмини истиқлоли энергетикии Тоҷикистон буда, дар ин кор саҳми арзандаи кишварҳои Тоҷикистону Россия дар самти наҷот бахшидани баҳри Арал аз хушкшавӣ хоҳад буд, ки аҳамияти муҳими минтақавӣ дорад”.

Ҳамин тариқ, эъмору эҳёи НБО-и Роғун рамзу расми озодиву ободиву оромии Тоҷикистони муосир буда, заминаи рушду тараққиёти саноат мебошад.

Омӯзишу арзиши об ва қудрати иҷтимоии он аз ҷониби ҷомеашинос Виттфогель соли 1957, муҳитшинос Доналд Ворстер соли 1985, археолог Рейснер соли 1993, мардумшинос Гиглиолӣ ва ҷуғрофидон Эрик соли 2008 мавриди таҳлил қарор гирифта, собит гардидааст, ки чӣ гуна давлатмардону роҳбарони сиёсӣ метавонанд тавассути роҳандозии иншооти бузурги гидротехникӣ нақш бозида, ҷомеаро осудаву ором нигоҳ доранд. Зимнан, аҳамияти НБО-и Роғун дар матлаби Филиппо Менга зери унвони “Эъмори миллат тавассути сарбанд: НБО-и Роғун дар Тоҷикистон” оварда шудааст, ки омӯзиши ин нерӯгоҳ ва нишон додани стратегияҳои қонунгузорӣ аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон барои тарҳрезии сарбанд ҳамчун лоиҳаи муттаҳид ва ватандӯстӣ истифода шуда, дар рушди некуаҳволии мардум саҳм мегузорад. Ба андешаи ӯ, ташаббусу тамаркузи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ чун як манбаи фаровони табиӣ ва обҳои тоза бояд

бештар дастгирӣ ёбад, ки ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа истифода мешавад[9, 479-494].

Ҳамин тариқ, бо амалисозии комили неругоҳи барқи обии "Роғун" мушкилоти норасоии барқи минтақа ҳалли худро ёфта, МВт-и изофӣ тавлидшуда метавонад ба Тоҷикистон имкон диҳад, ки на танҳо аз ҷиҳати энергетикӣ бехатар боқӣ монад, балки тавассути содирот ба Афғонистон ва Покистон тавассути хати интиқоли CASA-1000 фоидаҳои иқтисодӣ ба даст оварад. Ҳамин тавр, дар он нишон дода шудааст, ки то чӣ андоза қудрати "нарм" аз ҷониби Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи дохилӣ роҳандозӣ мегарад[5, 373-388].

Роғун ҳамчуни сохтмони тақдирсоз омили боз ҳам баландтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар мебошад. Оғози фаолияти ду агрегати ин неругоҳ рӯйдоди муҳимми таърихӣ буда, он дар айни замон аҳамияти хеле бузурги энергетикӣ дорад. Чунки неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолшуда тамоми эҳтиёҷоти кишвари моро қонеъ намуда, ба рушди иқтисоди миллии кишвар боис мегардад[7].

Таҳқиқот оиди муайян кардани имконпазирии лоиҳаи пешниҳодшудаи НБО Роғун ва арзёбии мустақилона ва объективии лоиҳаи пешниҳодшуда бо назардошти омилҳои техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ пайваста гузаронида шуда, ҳисоботҳои пешакӣ ва ниҳоии баҳогузорӣ соли 2014 интишор ёфтанд, ки натиҷаи ба охир расидани раванди арзёбӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, бунёди НБО "Роғун" аз ҷиҳати техникӣ, экологӣ ва иқтисодӣ мувофиқ ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ эътироф шуда, аввалин агрегати он бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва намояндагони ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, корпусҳои дипломатӣ, бинокорон ва намояндагони тамоми минтақаҳои кишвар 6 ноябри соли 2018 ба истифода дода шуд.

Хулоса, НБО-и Роғун яке аз баландтарин неругоҳи барқи обӣ дар ҷаҳон буда, барои кишварҳои минтақа имкон фароҳам меоварад, то аз норасоиҳои барқӣ раҳоӣ ёбанд. Он истеҳсоли энергияро дар мамлакат ду баробар зиёд карда, камбуду норасоии энергетикиро коҳиш медиҳад. Энергияи изофии он ба кишварҳои ҳамсоя, ба мисли Афғонистон, Покистон ва Узбекистон фурӯхта хоҳад шуд.

Корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ дар НБО Роғун бо ҷалби беш аз 70 ташкилоту муассиса, пудратчиёни маъруфи ватанию хориҷӣ, аз ҷумла ширкати итолиёвии Salini Impregilo, 22 ҳазор мутахассисон ва коргарон, ки беш аз 90% -и онҳоро шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ба сомон расонида шуданд[6].

Аз соли 2016 Узбекистон оғози корҳои НБО-и Роғунро ҷонибдорӣ карда, яке аз муштариёни он маҳсуб меёбад. Муовини сармуҳандис Сӯҳроб Очилов пеш аз оғози кор сӯхаронӣ намуда чунин ишора кард: "Ман ин лаҳзаро интизор

будам". "Ба кор даромадани Роғун, маънои бунёди корхонаҳои нав, пешрафти иқтисодӣ ва ҷойҳои корӣ барои мардуми мо хоҳад буд"[11].

Ҳамин тариқ, роҳабарияти Палатаи савдо ва саноати Тоҷиткистон низ изҳор дошт, ки бо ба кор оғоз кардани "НБО Роғун мо омодаем, ки ба Покистон неруи арзону тоза ироа кунем, то эҳтиёҷоти ин кишварро дар оянда қонеъ гардонем." Ҳамин тавр, изҳори умедворӣ гардид, ки бо роҳандозии НБО-и Роғун ва лоиҳаи CASA– 1000 Покистон дар қонеъ кардани ниёзи худ ба неруи барқ истифода хоҳад кард[10].

Тоҷикистону Қирғизистон, Покистону Афғонистон созишномаи байниҳукуматӣ оид ба воридоти 1300 МВт аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ ба имзо расониданд, ки бисёр ҷанбаҳои муҳим, аз ҷумла тиҷоратӣ, ҳуқуқӣ, амниятӣ, тарифӣ ва техникӣ дошта, иҷроиши комили он вақт, неру ва ӯҳдадориҳои зиёдеро талаб мекунад.

Покистон дар тобистон, вақте системаҳои энергетикии Осиёи Марказӣ аз неругоҳҳои барқи обии худ изофаи зиёд доранд, бештар истифода хоҳад кард. Тақрибан 70 фоизи аҳолӣ ё беш аз 50,000 мардум дар деҳа зиндагӣ мекунад, ки метавонад аз неруи барқ истифода кунанд[1].

Бо иқтидори гидроэнергетикии худ, Тоҷикистон метавонад ба зудӣ як тавлидкунандаи бузурги энержӣ гашта, дар масоили геополитикаи минтақавӣ нақш бозида, ҷойгоҳи худро баландтар намояд[2].

Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бо ҳам муштаракоти зиёд доранд. Обу энергетика барои боз ҳам мустаҳкам намудани робитаҳо имконият фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, Осиёи Ҷанубӣ барои таъмини рушди худ ба энергия ниёз дошта, аз манобеи фаровони Осиёи Марказӣ истифода хоҳад кард. Гидроэнергетика соҳаест, ки потенсиали ҳамкориро миёни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ бештар ташкил медиҳад. Неругоҳи Роғун бузургтарин тавлидкунандаи энергияи тоза дар Осиёи Марказӣ ва манотиқи атрофи он буда, имкон медиҳад, ки корхонаҳои нави саноатӣ бунёд ёфта, ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

Амалишавии пурраи НБО-и Роғун ва истифодаи дурусти лоиҳаи CASA-1000 кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро бо хати баландшиддати 1300 МВт дар робитаи зич нигоҳ дошта, неруи барқи изофии Тоҷикистону Қирғизистон ба Покистон интиқол дода мешавад. Ин лоиҳа аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ оғоз шуда, ҳоло бо интиқоли неруи барқ дар соли 2024 амалӣ мешавад. Дар чаҳорчӯби лоиҳаи CASA-1000, изофаи умумии ду кишвар дар як сол 6,0 миллиард кВт/соат пешбинӣ шуда, дурнамои рушди соли 2035 низ баррасӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, лоиҳаи CASA-1000 як ҷузъи калидии интиқоли неруи барқ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мебошад. Дар ниҳояти кор, ин лоиҳа дурнамои рушди ҳарду минтақаро беҳтар хоҳад кард [2].

Раванди омодасозии лоиҳаи CASA-1000 муайян кардааст, ки то соли 2030 иқтидори тавлиди беш аз 90 000 МВт ба кишварҳои минтақа лозим аст. Ҳатто бо

неругоҳҳои эҳтимолии мавҷуда, дар соли 2030 касри тақрибан 10 000 МВт вуҷуд хоҳад дошт.

Таҳлилу баррасии вазъ дар кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбакистон ва Афғонистон, Покистон нишон медиҳад, ки об ва энергетика то чӣ андоза бо ҳам алоқаманданд буда, истифодаи дурусту сарвақтии онҳо то чӣ ҳад фоида меорад. Дар ҳоле, ки тағйирёбии иқлим, аз ҷумла, ба баланд шудани ҳарорат, тағйирёбии давраи гидрологӣ, зиёд шудани хушксолӣ ва дигар падидаҳои гидрометеорологӣ, кам шудани маҷрои дарёҳо, инчунин дар ин арзҳо афзоиши истифодаи неруи барқ, боиси афзоиши талабот ба об, озуқа, энергия ва дигар маводи зарурии ҳаётан муҳим мебошанд. Илова бар ин, ишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба таъсири тағйирёбии иқлим хеле осебпазир дониста шуда, суръати баланди афзоиши аҳолӣ доранд[5,79–96].

Бо вуҷуди он ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ баъзе аз масоили экологӣ ва амалишавии дурусти "энергияи сабз" ҳанӯз боқӣ монда, роҳбарону сокинони онҳоро зарур аст то барномаҳои марбут ба муҳити зисти худро ба таври дурусту муносиб ҳаллу фасл кунанд. Ҳамин тавр, ташкилоту фаъолони сиёсати энергияи сабз дар минтақа бештар ба кумаку пуштибониҳои пайвастаи давлату мардуми худ ниёз доранд.

Дар амалисозии сиёсати энергияи сабз бо модели сохтани ҷомеаи сабзу хуррам ташаббус нишон дода мешавад, ки ин як қадами мусбат барои ҳифзи муҳити зист буда, восита барои беҳбудии ҳар як сокини кишвар мебошад. Зимнан, «Энергияи сабз» аз омилҳои калидии амалии «Иқтисоди сабз» ба ҳисоб рафта, барои рушди иқтисодии кишварҳо, ҳифзи муҳит аз харобиву заҳролудшавии табиат замина ба вуҷуд меорад. Ташаббусҳои созандаи кишварҳо, аз ҷумла экологикунонии рушди иқтисодии Тоҷикистон ба диверсификатсия ва афзоиши содироти маҳсулот бо ҳиссаи баланди коркарди захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо дар бозорҳои хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.

## АДАБИЁТ:


1. Амнияти энергетикӣ ва вобастагии хориҷӣ. (Energy security and foreign reliance). August 11, 2008. https://www.dawn.com/news/315901/energy-security-and-foreign-reliance
2. Дар Точикистон ГЭС-и Рогун ба охир мерасад. (Rogun Hydropower Plant Nears Completion in Tajikistan SITUATION REPORTS) - March 25, 2024 By Alec Solteshttps://www.geopoliticalmonitor.com/rogun-hydropower-plant-nears-completion-in-tajikistan/the CASA-1000 project www.casa-1000.org.
3. Маълумотномаи Покистон дар вебсайти Ассотсиатсияи байналмилалии гидроэнергетикӣ. (Pakistan country profile on the website of the International Hydropower Association), www.hydropower.org/country-profiles/pakistan. (санаи муроҷиат 4 ноябр 2024)

4. Муодилаи обу энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: дурнамо аз Тоҷикистон. (Water-Energy Equation in Central and South Asia: A Perspective from Tajikistan). Sulton Rahimzoda. 04 August 2024. pp 79–96. https://link.springer.com/chapter/10.1007/978-3-031-29035-0_4#Fn4

5. Мусоидат ба рушди гидротехникии Тоҷикистон: Баррасии нақши нерӯи нарм дар мисоли сарбанди Роғун. (Fostering Tajik Hydraulic Development: Examining the Role of Soft Power in the Case of the Rogun Dam). www.water-alternatives.org Volume 9 | Issue 2 Menga, F. and Mirumachi, N. 2016. Fostering Tajik hydraulic development: Examining the role of soft power in the case of the Rogun Dam. Water Alternatives 9(2): 373-388

6. Нерӯгоҳи барқи обии Роғун. 19.06.2019. https://www.mewr.tj/?p=3079&lang=tj

7. РОҒУН -СОХТМОНИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ. Бозоров С.С., ассистенти кафедраи дерматовенерология ба номи профессор Зоиров П.Т. 26.04.2024. https://tajmedun.tj/tj/akhbor/?ELEMENT_ID=25620

8. Саҳифаи тоза дар таърихи давлатдории миллӣ. Мухбирҷон КЕНҶАЕВ . “РОҒУН”. Ҷумҳурият.28.10.2024 №: 212-213

9. Сохтмони миллатсозӣ тавассути сарбандҳо: қазияи Роғун дар Тоҷикистон. (Building a nation through a dam: the case of Rogun in Tajikistan). Menga, F. ORCID: https://orcid.org/0000-0001-5712-7748 (2015) Building a nation through a dam: the case of Rogun in Tajikistan. Taylor & Francis. Nationalities Papers, 43 (3). pp. 479-494. ISSN 0090-5992 doi: https://doi.org/10.1080/00905992.2014.924489

10. Тоҷикистон ба Покистон нерӯи барқи арзон пешниҳод мекунад. (Tajikistan offers cheap electricity to Pakistan). January 12, 2019https://www.dawn.com/news/1456947

11. Тоҷикистон барои содироти нерӯи барқ ба Покистон сарбанди азимро ба кор андохтааст. (Tajikistan launches giant dam for power export to Pakistan). Nation. November 16, 2018 https://www.nation.com.pk/16-Nov-2018/tajikistan-launches-giant-dam-for-power-export-to-pakistan

12. Узбакистон ва тарҳи сарбанди Роғун. (Uzbekistan Still Hates the Rogun Dam Project). Catherine Putz. August 04, 2015. https://thediplomat.com/2015/08/uzbekistan-still-hates-the-rogun-dam-project/

## ГЕОЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ ДИПЛОМАТИЯ ТАДЖИКИСТАНА–ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО И ПОТЕНЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ СТРАН РЕГИОНА И МИРА

*В сатье автор обсуждает геоэнергетическую дипломатию Таджикистана в период независимости страны и предоставляет подробную информацию с документами и доказательствами. Таким образом, изучены различные аспекты энергетического потенциала стран Центральной Азии, особенно Рогунской*

*гидроэлектростанции Таджикистана и проекта CASA–1000, создающего большую экономическую основу для развития всего региона.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, Южная Азия, Рогун, CASA –1000, электростанция, мощность, экономика, геоэнергетика, дипломатия.*

## TAJIKISTAN'S GEOENERGETIC DIPLOMACY IS A FACTOR FOR THE ECONOMIC AND POTENTIAL DEVELOPMENT OF THE REGION AND THE WORLD

*In the following article, the author discusses the geoenergy diplomacy of Tajikistan during the country's independence and provides detailed information with documents and evidence. Thus, various aspects of the energy potential of the countries of Central Asia, especially the Rogun power plant of Tajikistan and the CASA 1000 project, which creates a great economic basis between the countries of the region and the world, have been studied more.*

***Keywords:*** *Central Asia, South Asia, Rogun, CASA 1000, power plant, capacity, economy, geoenergy, diplomacy.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонов Мирсаид -** ходими калони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии ИОМДОА АМИТ.Суроға: ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33. Тел: 919293105. Email:esrp_mirsaid@yahoo.co.uk

**Сведения об авторе: Рахмонов Мирсаид -** старший научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии НАНТ Адрес: Душанбе, улица Рудаки 33. Тел: 919293105. Email: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk.

**About the author: Rahmonov Mirsaid -** Senior Researcher of the South-Eastern Asia Department of NAST. Address: Dushanbe, Rudaki Street 33. Tel: 919293105. Email: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk

## ҶОЙГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

**АШУРОВ АРДАМЕҲР МУРОДҚУЛОВИЧ**

номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**БУРИЕВ УМЕД РУСТАМОВИЧ**

магистранти Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола ҷойгоҳи Осиёи Марказӣ дар сиёсати Ҷумҳурии мардумии Чин мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки барои Чин шарти муҳим ҷиҳати таҳким ва тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ*

*фароҳам овардани муҳити осоиштаи байналмилалӣ ва нисбат ба кишварҳои мавриди баррасӣ нигоҳ доштани субот ва амнияти стратегӣ дар минтақа ба шумор меравад, ки пайдоиши ҳар гуна таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии стратегиро пешгирӣ мекунад. Бинобар ин, дар сиёсати хориҷии Чин дар Осиёи Марказӣ чаҳор самти стратегӣ аз қабили стратегияи амният, энергетика, тиҷорат ва ҳамкориҳои фарҳангӣ баръало мушоҳида карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, Чин, сиёсати хориҷӣ, стратегия, ҳамкорӣ, манфиат, ҳадаф, рушд, геополитика.*

Осиёи Марказӣ таърихан аҳаммияти бузурги геосиёсӣ, геоиқтисодӣ, геофарҳангӣ ва геостратегӣ дошта, ҳамчун пайвандгари Роҳи бузурги Абрешим ва ҳамзамон тамаддуни Шарқ ва Ғарб ба ҳисоб меравад.

Ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлоли давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба эътирофи расмии соҳибистиқлолии онҳо изҳор дошта, равобити сиёсӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодиро бо кишварҳои минтақа ба роҳ монд, ки далели он боздиди Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Пэн соли 1994 ба Тошканд мебошад[1].

Дар ин марҳала, аз тамоюлоти ҳамкориҳои Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ маълум мегардад, ки Чин ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ асосан як ҳадафи умумии стратегӣ доранд, ки ин ҳам рушди устувори иқтисодиёт, шукуфоӣ ва ҳамкориҳои дӯстонаву боэътимод миёни давлатҳо мебошад. Аз ин рӯ, зарурати тавсеаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва густариши муколамаи сиёсӣ, фарҳангӣ, табодули илмӣ, наздикии ҷуғрофӣ ва ҳамбастагии иқтисодӣ ба манфиати ҳамкорӣ, рушди устувор, эҷоди ҷомеаи мусоид барои манфиатҳои тарафайн арзёбӣ мегардад.

Ҷумҳурии Мардумии Чин аз ҷумлаи он кишварҳое ба шумор меравад, ки мавқеъ ва нуфузи худро дар саросари ҷаҳон густариш дода истодааст. Ҳанӯз аз охири солҳои 70-уми асри гузашта, Чин ба як қатор ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсӣ оғоз намуд ва ҳамзамон ба густариши фарҳанги кишвари худ диққати ҷиддӣ медод. Аз ин рӯ, айни замон, афзоиши солонаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва густариши фарҳангӣ кишвари Чинро ба яке аз фаъолони муҳимтарин дар арсаи байналмилалӣ табдил додааст.

Инчунин, Ҷумҳурии Мардумии Чин дар таҳким бахшидани муносибатҳо бо давлатҳои ҳамсоя диққати махсус зоҳир менамояд ва онҳоро гарави ҳалли бомуваффақиятонаи мушкилоти рушди иқтисодӣ ва нигоҳ доштани муҳити мусоиди берунӣ ҷалб месозад. Аз чунин матлаби ҳамкориҳо бармеояд, ки Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шарикони боэътимод, дӯстони наздик ва ҳамсояҳои хуб ба шумор меравад. Зеро ҷонибҳо дар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобилан судманд, ҳамсоягии нек ва муқовимати муштарак бо мушкилот бархурд намуда, ба муносибатҳои дуҷонибаи дарозмуддат ва рушди устувор мусоидат мекунанд[2].

Аз ҷониби дигар, аҳамияти минтақаи Осиёи Марказиро макони ҷойгиршавии ҷуғрофии он муайян мекунад. Зеро ин минтақа барои аксарияти давлатҳо ҳамчун чорроҳаест, ки Шарқро бо Ғарб мепайвандад. Аз ин рӯ, Чин ва Русия ба Осиёи Марказӣ бештар аҳамияти махсус равона месозанд, ки минтақа бо назардошти мавқеи ҷуғрофиаш Чинро бо Аврупо ва Русияро бо Шарқи Наздик мепайвандад. Бинобар ин, Чин ва Русия кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар минтақаи мазкур таъсир ва нуфузи бештаре дошта бошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1992 Ҷумҳурии Мардумии Чин аввалин шуда муносибатҳои дипломатии худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ барқарор намуд ва истиқлолияти онҳоро эътироф кард. Ҳамкорӣ бо минтақаи Осиёи Марказӣ барои Чин яке аз минтақаҳои муҳимтарин дар фазои Авруосиё ба шумор меравад. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Васильев Л.Е. “Осиёи Марказӣ ҳам дар таъмини амнияти миллии Чини муосир ва ҳам дар пайдоиши он ба унвони як қудрати бузурги ҷаҳонӣ нақши муҳими стратегӣ дорад”[3,110].

Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати хориҷии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бештар ба зарурати нигоҳ доштани суботи сиёсии дохилӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, тавсеаи истеҳсолу содирот ва воридот аҳамият ва афзалият медиҳад. Барои Чин аввалин шарти муҳим ва зарурии рушди устувори дохилӣ ин фароҳам овардани муҳити осоиштаи байналмилалӣ ва нисбат ба кишварҳои мавриди баррасӣ нигоҳ доштани субот ва амнияти стратегӣ дар минтақа ба шумор меравад, ки пайдоиши ҳар гуна таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии стратегиро пешгирӣ мекунад. Бинобар ин, дар сиёсати хориҷии Чин дар Осиёи Марказӣ чаҳор самти стратегӣ аз қабили стратегияи амният, энергетика, тиҷорат ва ҳамкориҳои фарҳангӣ баръало мушоҳида карда мешавад.

Ба қавли муҳаққиқон В.Парамонов, О.Столповский ва А.Стороков ҳангоми таҳлили сиёсати хориҷии Чин се марҳилаи инкишофи онро муайян мекунанд. Марҳилаи аввал ин солҳои 1992-1995, марҳилаи дувум солҳои 1995-2000 ва марҳилаи сеюм аз соли 2000-ум то ин ҷонибро дар бар мегирад[4].

Дар марҳилаи аввал, ки солҳои 1992-1995-ро дар бар мегирад, муносибати Чин бо минтақаи Осиёи Марказӣ дар шакли муносибати дуҷониба амалӣ мегашт ва рушд меёфт. Чунин муносибат ба ҷонибҳо имконият дод, ки масъалаҳои мубрами амниятӣ зуд ва муассир ҳал карда шавад. Баъдан, моҳи октябри соли 1992 дар Минск як гурӯҳи корӣ (4+1) таъсис дода шуд, ки барои ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ пешбинӣ мегардид ва ба он Русия, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Чин шомил буданд.

Дар марҳилаи дувум байни солҳои 1995-2000 Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Осиёи Марказӣ нисбатан фаъолона ворид мешавад. Дар ин давра таҳдидҳои асосӣ дар минтақа ин ифротгароӣ, терроризм, қочоқи моводи мухаддир ва радикализми исломӣ маҳсуб меёфт, ки комилан тамоми кишварҳои минтақаро ба ташвиш оварда буд.

Марҳилаи сеюм, ки аз соли 2000 инҷонибро дар бар мегирад, марҳилаи гузариш ба сатҳи нави муносибатҳо мебошад. Дар ин марҳила, ки дар заминаи гурӯҳи кории “4+1” ниҳоди нави минтақавӣ бо номи “Панҷгонаи Шанхай” таъсис ёфта буд, дар заминаи он соли 2001 Созмони Ҳамкории Шанхай таъсис ёфт ва Чин бори аввал дар таърихи худ мавқеи пешсафро ишғол намуд[5].

Чи тавре ки дар боло зикр гардид, Осиёи Марказӣ барои Ҷумҳурии Мардумии Чин аз нигоҳи сиёсат, амният, тиҷорат ва энергетика яке аз минтақаҳои муҳимтарин маҳсуб меёбад. Нақши Чин дар минтақа ҳамчун шарики асосии тиҷоратӣ пайваста афзоиш ёфта истодааст. Ғайр аз ин, Чин дар соҳаи энергетика ба минтақа сармоягузориҳои назаррас мекунад. Ҳадафи асосии Чин ҳам ҳамин аст, ки бо минтақаи Осиёи Марказӣ сатҳи ҳамкориҳояшро боз ҳам бештар афзоиш диҳад. Аз ин рӯ, Чин дар заминаи тиҷорат, сармоягузорӣ, қарзҳо, лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ ва саноатӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ шарики асосӣ боқӣ мемонад.

Ҳамкориҳои энергетикии Чин ва Осиёи Марказӣ танҳо як ҷузъи муҳими ҳамкорӣ маҳсуб ёфта, аз замони барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Чин ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ як қатор лоиҳаҳои бузург, аз қабили лӯлаи гази Чин – Осиёи Марказӣ, лӯлаи нафти Чин – Қазоқистон ва коркарди кони гази Галкиниш дар Туркманистон якҷоя амалӣ шуданд. Соли 2017 бо дастгирии Чин дар Қирғизистон модернизатсияи маркази барқу гармидиҳии Бишкек ба анҷом расид, ки дар доираи он ду блок бо иқтидори умумии 300 МВт бо талошҳои муштарак бозсозӣ гардид. Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Комиссияи миллии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ислоҳот ва рушд ҳаҷми сармоягузории Чин ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ 970 миллион доллар арзёбӣ гардида, гардиши савдои хориҷии Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар охири соли 2022 ба 70,2 миллиард доллари амрикоӣ расид, ки нисбат ба соли 2021 тақрибан 40 фоиз ё дар тӯли 30 сол аз барқарории муносибатҳои дипломатӣ қариб 100 маротиба афзоиш ёфтааст[6].

Барои гардиши савдои бозигарони калидии ҷаҳонӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва гардиши савдои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чинро муқоиса кардан, дар зер диаграммаи 1 ва 2-ро аз назар мегузаронем.

**Диаграммаи 1.**




Диаграммаи 2.




Чи тавре ки аз диаграммаи 1 мушоҳида мегардад, гардиши савдои Ҷумҳурии Мардумии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2022 аз $41,9 млрд то $70,2 млрд. афзоиш ёфта, дар раддабандӣ Чинро нисбат ба Иттиҳоди Аврупо, Русия ва ШМА дар сафи пеш қарор додааст. Дар диаграммаи 2 мушоҳида мегардад, ки Қазоқистон дар соли 2022 бо 31,1 миллиард доллар гардиши мол нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тиҷорат бо Чин дар сафи пеш қарор гирифтааст[7].

Дар доираи сафари расмии худ Ван И. вазири корҳои хориҷии Чин ба минтақаи Осиёи Марказӣ, ки рӯзҳои 20-21-уми майи соли 2024 дар Остона баргузор гардида буд, ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз Тоҷикистон ва Қазоқистон боздид ба амал овард. Зимни сафари расмии худ Ван И. масоили ҳамкориҳои дуҷониба ва омодагӣ ба сафари қарибулвуқӯи раисиҷумҳури Чин Си Ҷинпинро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ кард. Пас аз музокирот Ван И. вазири корҳои хориҷии Чин изҳор дошт, ки Чин яке аз аввалин кишварҳоест,

ки ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба таъсис додани Маркази зидди маводи мухаддири Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар Душанберо ҷонибдорӣ мекунад[8].

Қайд кардан ба маврид аст, ки сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин рӯзҳои 4-6 июли соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён дошт. Зимни ин сафар мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Чин, вохӯрии сарони давлатҳо ва ҳайатҳои расмии ду ҷониб баргузор гардида, аз рӯи натиҷаҳои он 29 санади нави ҳамкорӣ, аз ҷумла ҳуҷҷати муҳим – Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба таъмиқи минбаъдаи равобити стратегии ҳамаҷониба дар марҳилаи нав ба имзо расид [9].

Нуқтаи муҳими дигаре, ки таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба Осиёи Марказӣ бештар ҷалб мекунад, ин макони ҷойгиршавии ҷуғрофии он аст. Бо ташаббуси Си Ҷинпин раисиҷумҳури Чин соли 2013 лоиҳаи бузурги “Як камарбанд, як роҳ” пешниҳод гардид, ки ҳадафи он якҷоя кардани роҳҳои савдои хушкӣ ва баҳрӣ мебошад[10]. Лоиҳаи мазкур бо мақсади зуд ва нисбатан арзон расонидани мол ба кишварҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ, Африка, Шарқи Наздик ва Аврупо мебошад. Лоиҳа ба хотири арҷу эҳтиром гузоштан ба Роҳи бузурги абрешим, ҳамчун рамзи таърихӣ, ки дар давраи қадим ва асрҳои миёна роҳи тиҷорати байни Чин ва Аврупо буд ва тавассути Осиёи Марказӣ мегузашт, номгузорӣ шудааст.

Аз соли 2013 инҷониб ба таври мунтазам ташаббуси “Як камарбанд, як роҳ” пеш рафта истодааст. То ҳол дар соҳаҳои мусоидат ба ҳамоҳангсозии сиёсӣ, пайвастагии инфрасохтор, савдои ҳамвор, ҳаракати озоди сармоя ва ба ҳам наздикшавии халқҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Кишварҳои иштирокчӣ аз манфиатҳои воқеӣ бархурдор гардида, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба ин лоиҳа зудтар шомил шаванд.

Солҳои охир дар заминаи муборизаи геополитикии марказҳои ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ як қатор шаклҳои нави ҳамкориҳо бо минтақа амалӣ карда мешаванд, ки варианти ҳамкории чинӣ “Чин – Осиёи Марказӣ” ва ё баръакс “Осиёи Марказӣ - Чин” ё ин ки формати “5+1” бештар диққатҷалбкунанда маҳсуб меёбад. Тавре аз суханронии Си Ҷинпин раисиҷумҳури Чин бармеояд, ки рӯзҳои 18-19 майи соли 2023 дар Сиан, нахустин нишасти сарони давлатҳо дар доираи формати Чин ва Осиёи Марказӣ иброз дошт: “Муттаҳидона ҷомеае сохтан лозим аст, ки дар он сарнавишти муштараки Чин – Осиёи Марказӣ дар рӯҳияи дастгирии мутақобила, рушди муштарак, амнияти муштарак ва дӯстии чандинасра ҳувайдо гардад”. Дар идомаи суханронӣ раисҷумҳури Чин қайд кард, ки “Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки дар минтақа ихтилоф ва ҳатто зиддият эҷод карда, ҳатто ба қадри имкон даъвои манфиатҳои сиёсии худхоҳона кунад”[11].

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи нави шаклгирии муносибатҳои байналмилалӣ ва тамоюли таваҷҷуҳи хосса ва ҳамешагии Чин нисбат ба рушди ҳамкориҳо бо

кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон метавон ишора кард, ки ба ғайр аз таъсис додани механизми вохӯриҳои мунтазам дар сатҳи сарони давлатҳо, дар оянда ба манфиат дониста мешавад, ки вохӯриву мулоқотҳо дар сатҳи вазирон ва роҳбарони самтҳои муҳими ҳамкорӣ, аз қабили иқтисод, тиҷорат, кишоварзӣ, ҳолатҳои фавқулодда, нақлиёт, тиб, маориф, илм, энергетика, захираҳои об, гумрук, васоити ахбори омма ва ғайра баргузор гардад.

Ба ақидаи муҳаққиқон Ҳайдарзода Р.Ҷ., Дмитриева М. "марҳилаҳои муҳими таърихи рушди ҳамкориҳои дуҷониба ин ба имзо расидани Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 9 марти соли 1993 ва Созишномаи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷониби тарафайн моҳи январи соли 2007 ба имзо расид. Ҳоло муносибатҳои байни кишварҳо дар давраи нав ба дарачаи шарикии хаматарафаи стратегӣ расидаанд. Тарафҳо дар ин бора зимни сафари Си Ҷинпин, раиси ҷумҳури Чин ба Тоҷикистон дар моҳи июли соли 2024 ба мувофиқа расидаанд"[12].

Аз ҷониби дигар, ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар асоси барномаҳо ва қарордодҳое, ки барои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат пешбинӣ шудаанд, сурат гирифта, ҳамкориҳо дар самти фарҳангию гуманитарӣ дар рушди муносибатҳо аҳамияти кам надоранд. Шаклҳои маъмултарини ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстонаи Ҷумҳурии Мардумии Чин ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ташкили рӯзҳои фарҳанги миллии кишварҳои минтақа ва дар ин ҷо ифтитоҳи донишкадаву марказҳои Конфутсий ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ:

1.Ашуров, А.М. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи манфиатҳои геополитикии Ҷумҳурии Мардумии Чин. Маҷаллаи Осиё ва Аврупо. №2 (10), 2022.

2.Мирзоев Х.Т. Культурно-гуманитарное сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики // Вестник Таджикского национального университета, сер. гум. наук. – 2018. – № 7. ISSN 2074-1847. С.68-72.

3. Васильев Л.Е. Некоторые аспекты политики Китая в Центральной Азии// Международные отношения КНР. Том 20, № 20, 2015, с. 110.

4. В. Парамонов, О. Столповский, А. Строков Внешняя политика Китая в Центральной Азии.// «Центральная Азия и Кавказ», том 13, выпуск 4, 2010 г. с. 75-89.

5. Ганиев Р.Т. Политика России и Китая в Центральной Азии: [учеб.- метод. пособие] М-во образования и науки Рос. Федерации, Урал. федер. ун-т. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017,стр. 51-54.

6. Товарооборот между Китаем и Центральной Азией превысил 70 млрд.долл.США, а объем инвестиций приблизился к 1 млрд.долл.США. https://www.newscentralasia.net/2023/02/19/tovarooborot-mezhdu-kitayem-i-tsentralnoy-aziyey-prevysil-70-mlrd-doll-ssha-a-obyem-investitsiy-priblizilsya-k-1-mlrd-doll-ssha/ дата обращения 19.11.2024.

7. Как Китай обгоняет Россию в торговле в Центральной Азии. Инфографика. https://www.rbc.ru/economics/28/05/2023/646e43449a794715028aa655 дата обращения 19.11.2024.

8.Китай повышает уровень сотрудничества с Центральной Азией. https://www.ng.ru/cis/2024-05-20/1_9011_asia.html дата обращения 14.11.2024.

9.Анҷоми сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон https://president.tj/event_by_theme/bilateral_relations/china/37903 Санаи муроҷиат 14.11.2024.

10. Хайдаров Р.Дж. Значение китайской инициативы «Один пояс- один путь» для Таджикистана// Известия Института философии,политологии и права им.А.Баховаддинова АН РТ.-№2.-2019.-С.162-167

11. Совместно создать сообщество единой судьбы Китая – Центральной Азии в духе взаимной поддержки, совместного развития, всеобщей безопасности и многовековой дружбы (19.05.2024) // URL: http://ru.china-embassy.gov.cn/rus/zgxw/202305/t20230519_11080004.htm дата обращения 15.11.2024.

**12.** Хайдарзода Р.Дж., Дмитриева М. Таджикистан и Китай в ШОС: от двустороннего взаимодействия до общего глобального видения. Электронный ресурс//https: russiancouncil.ru/analytics-and-comments/columns/postsoviet/tadzhikistan-i-kitay-v-shos-ot-dvustoronnego-vzaimodeystviya-do-obshchego-globalnogo-videniya/ [Дата обращения:27.11.2024]

## МЕСТО ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ

*В статье исследуется и обсуждается место Центральной Азии во внешней политике Китайской Народной Республики. Отмечено, что основной целю Китая является укрепление и усиление сотрудничества со странами Центральной Азии, создание мирной международной обстановки и поддержание стабильности и стратегической безопасности в регионе по отношению к рассматриваемым странам, предотвращение возникновения любых реальных и потенциальных стратегических угроз. Таким образом, во внешней политике Китая в Центральной Азии четко прослеживаются четыре стратегических направления, такие как стратегия безопасности, энергетическая стратегия, торговое и культурное сотрудничество.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, Китай, внешняя политика, стратегия, сотрудничество, интерес, цель, развитие, геополитика.*

## THE PLACE OF CENTRAL ASIA IN THE FOREIGN POLICY OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

*The article examines and discusses the place of Central Asia in the foreign policy of the People's Republic of China. It is noted that the main goal of China is to strengthen and enhance cooperation with the countries of Central Asia, create a peaceful international environment and maintain stability and strategic security in the region in relation to the countries in question, and prevent the emergence of any real and potential strategic threats. Thus, China's foreign policy in Central Asia clearly traces four strategic directions, such as security strategy, energy strategy, trade and cultural cooperation.*

***Keywords:*** *Central Asia, China, foreign policy, strategy, cooperation, interest, goal, development, geopolitics.*

**Маълумот дар барои муаллифон: Ашуров Ардамеҳр Муродқулович -** н.и.т. ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: +(992)917340294.

**Буриев Умед Рустамович**-магистранти соли дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: umed.buriev.1999@mail.ru, тел: +(992)917844272. Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.

**Сведения об авторах: Ашуров Ардамехр Муродкулович -** к.и.н., ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: +(992) 917340294.Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33.

**Буриев Умед Рустамович** – Магистрант второго курса Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. E-mail: umed.buriev.1999@mail.ru, телефон: +(992)917844272. Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33.

**About the authors: Ashurov Ardamehr Murodkulovich** – Candidate of Historical Science, Leading Researcher of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 33. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru tel: +(992) 917340294.

**Buriev Umed Rustamovich** – Second-year Master's student of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. E-mail: umed.buriev.1999@mail.ru, phone: +(992)917844272. Address: 734025. Dushanbe, Rudaki Ave. 33.

## ИНЪИКОСИ РАВОБИТИ ГУНОГУНҶАНБАИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАТАР ДАР ОИ “АЗИЯ-ПЛЮС”

**ҚАЛАНДАРОВ С. Д.**

номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Дар мақола инъикоси муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Қатар дар Оҷонсии иттилоотии “Азия-Плюс” мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст.*

*Оҷонсии мазкур, воқеан, дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи муҳим дошта, дар инъикоси муносибатҳо ва ҳаводиси кишварҳои араб фаъол аст. ОИ «Азия-Плюс» ба раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар ва воқеаву рӯйдодҳои давлати Қатар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тули солҳои 2013-2023 148 мавод ба табъ расонидааст.*

*Аз таҳлили мундариҷаи маводи ОИ «Азия-Плюс» ба чунин натиҷа омадан мумкин аст, ки дар оҷонсӣ самтҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар ба таври нисбатан васеъ инъикос ёфтааст. Махсусан, сафарҳои расмии мутақобилаи сарони кишварҳо ва имзои созишномаҳои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳолати иҷро шудани онҳо Қатар метавонад ба яке аз шарикони рушд ва давлатҳои муҳими сармоягузор дар иқтисодиёти Тоҷикистон мубаддал гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *ОИ “Азия-Плюс”, Тоҷикистон, Қатар, раванди ҳамкорӣ, иқтисод, сармоягузорӣ*

Мавзӯеро, ки мо мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додем, ин инъикоси равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Қатар дар ОИ “Азия-плюс” (ASIA-Plus) мебошад. Қатар яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор рафта, дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои гази табиӣ мақоми сеюм ва аз ҷиҳати содироти гази табиӣ мақоми шашумро ишғол мекунад. Ҳамчунин, яке аз содиркунандагони нефт ва маҳсулоти нефтӣ (21-ум дар ҷаҳон) мебошад. Тибқи иттилои портали Trend Economy, Қатар на танҳо ба кишварҳои Аврупо, аз ҷумла Британияи Кабир, Италия, Испания, балки ба минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором – Япония, Хитой, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Тайланд низ газ интиқол медиҳад[1,18]. Имрӯз нишондодҳои рушди иқтисодии ин кишвар чашмрас буда, тибқи маълумоти Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) солҳои охир Қатар аз рӯи ММД ба ҳар сари аҳолӣ пешсафтарини давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Аз ҷумла, соли 2022 маҷмуи маҳсулоти дохилии он ба сари ҳар як нафари аҳолиаш 61000 $-ро ташкил дод, ки он баландтарин нишондиҳанда дар ҷаҳон маҳсуб меёбад[2].

Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Қатар 13-уми декабри соли 1994 барқарор шудааст[3]. Мавриди зикр аст, ки Қатар аввалин кишвари арабие аст, ки Амирони он се маротиба, аз ҷумла ду маротиба бо сафари расмӣ: Амири қаблӣ – марҳум Шайх Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ (الشيخ حمد بن خليفة آل الثاني, августи 2007) ва Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (الشيخ تميم بن حمد آل الثاني, 8-9-уми июни 2023), ҳамчунин, бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши панҷуми

Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (14-15 июни соли 2019) ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Моҳи ноябри соли 2012 сафорати давлати Қатар дар шаҳри Душанбе ва моҳи майи соли 2013 сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давҳа кушода шуданд[4]. Аз 6-уми майи 2024 Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар – Маҳмадалӣ Нурмурод Муродалӣ ва аз январи соли 2023 сафири фавқулода ва мухтори Давлати Қатар дар Тоҷикистон – Муборак ибни Абдураҳмон Муборак ан-Наср (مبارك بن عبدالرحمن النصر) фаъолият доранд[5].

Инъикоси равобиту ҳамкориҳо ва воқеоти марбут кишварҳои араб дар ВАО-и Тоҷикистон ба раванди ояндаи густариши муносибатҳо низ таъсири муассир мерасонад, зеро он аз чӣ гуна арзёбӣ шудани рӯйдод дар ВАО низ вобастагӣ дорад.

Дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон муносибату ҳамкориҳо ва ҳаводиси гуногуни дунё аз ҷумла кишварҳои арабӣ низ инъикос мегардад, ба рӯйдодҳо аз диди воқеияти замон ва макони худ баҳогузорӣ карда мешавад, самара, натиҷа ва таъсири онҳо аз нигоҳи коршиносон ва мутахассисони ватаниву хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ мегардад. Ин раванд дар ВАО-и муосир бозтоби ҳақиқати воқеаҳо аст, ки дар айни замон вобаста ба ҷаҳонишавии арзишҳо ва муносибатҳо ба вуҷуд омадааст.

ВАО-и Тоҷикистон, аз ҷумла ОИ «Азия-Плюс» пайваста доир ба муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо ва рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб мавод интишор мекунад. Оҷонсии иттилоотии мазкур дар фазои иттилоотии Тоҷикистон дар инъикоси воқеаҳои кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои араб фаъол аст. Аз омӯзиши маводи оҷонсӣ маълум гардид, ки тайи солҳои охир муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қатар ба таври назаррас инкишоф меёбанд.

Мувофиқи омӯзиши мо Давлати Қатар дар оҷонсии иттилоотии «Азия-Плюс» то 1-уми январи соли 2024 тақрибан 490 маротиба зикр шудааст. Сабаби зиёд ёд шудани номи Қатар дар он аст, ки солҳои охир бисёр чорабиниҳои варзишӣ ва чемпионатҳои минтақавию ҷаҳонӣ (аз ҷумла, Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол-2022, Чемпионати Осиё оид ба футбол-2023) дар ин кишвари арабӣ баргузор гардиданд.

Дар баробари ин, ОИ «Азия-Плюс» ба раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар ва воқеаву рӯйдодҳои давлати Қатар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тули солҳои 2013-2023 148 мавод ба табъ расонидааст. Аз ҷумла дар бахшҳои «Сиёсат» (37 мавод), «Ҷомеа» (35), «Иқтисод» (12), «Ҷаҳон» (18), «Тоҷикистон» (7), «Ҳокимият» (2), «Амният» (6), «Қонун ва тартибот» (2) ва «Варзиш» (29).

Маводи рубрикаи «Сиёсат»-ро асосан сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар (1-уми январи соли 2008), сафари расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (8-9 июни соли 2023) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафари Раиси Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои 140-уми Ассамблеяи Иттиҳоди Байнипарламентӣ ба давлати Қатар (4-уми апрели 2019), изҳороти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистонро роҷеъ ба қатъи муҳосираи дипломатии Қатар аз ҷониби кишварҳои Халиҷи Форс ва Миср (8-уми январи 2021), эъломи Миср, Баҳрайн ва АМА дар бораи қатъ намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Қатар (23-юми июни сол 2017) ва амсоли ин ташкил медиҳанд.

Аксарияти воқеаҳои сиёсие, ки дар ОИ «Азия-Плюс» инъикос гардидаанд, ба сафари сарварони кишварҳо иртибот доранд. Масалан, дар бораи сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар чунин матолибро интишор намудааст. «Гузориш аз ҷараёни « (1-уми декабри соли.2008), Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» (6-уми феврали соли 2017), «Миёни Тоҷикистону Қатар 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид» (22-юми январи соли2024), «Эмомалӣ Раҳмон дар Қатар бо футболбозони тоҷик мулоқот кард. Ӯ боз бо кӣ вохӯрд ва чӣ гуфт?» (22-юми январи соли 2024), «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» (23-юмии январи соли 2024). Ин ва амсоли ин ағлаб хусусияти иттилоотӣ дошта, дар онҳо воқеаҳои дар раванди сафари кории Президенти Тоҷикистон ба Давлати Қатар инъикос гардидааст.

Ҳамин тавр, доир ба сафари расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (8-9 июни соли 2023) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон се мавод таҳти сарлавҳаҳои «Амири Қатар вориди Душанбе шуд» (8-уми июни соли 2023), «Калонтарин масҷиди Тоҷикистон ифтитоҳ шуд» (8-июни соли.2023) ва «Эмомалӣ Раҳмон ба амири Қатар қароргоҳи беруназшаҳрии Такобро нишон дод» ба табъ расидааст. Дар ин матолиб пешвози меҳмони олиқадр - Амири давлати Қатар, мулоқоти ӯ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ифтитоҳи бузургтарин масҷиди Тоҷикистон, қабули санадҳои нави ҳамкорӣ ва амсоли ин мунъакис гардидааст.

Қобили зикр аст, ки яке аз сабабҳои бештар мавриди таваҷҷуҳи ВАО-и тоҷик, аз ҷумла агентии «Азия-Плюс» қарор гирифтани Қатар, ин сармоягузори намудани он дар сохтмони бузургтарин масҷиди Осиёи Миёна дар шаҳри Душанбе аст. Маводи ин мавзуъ бештар таҳти рубрикаи «Ҷомеа» ба нашр расидааст. АИ «Азия-Плюс» дар маҷмуъ аз соли 2009 то ифтитоҳи расмии масҷиди калонтарини ҷомеи минтақа дар такя ба сарчашмаҳои гуногун 18 (ҳаждаҳ) мавод ба нашр расонидааст, ки аз таваҷҷуҳи махсуси он шаҳодат медиҳад.

Ҷойи ёдоварӣ аст, ки 5-уми октябри соли 2009 дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби ҳанафӣ-Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва олимону сиёсатмадорони воломақоми кишварҳои зиёди ҷаҳон санги асоси бузургтарин масҷиди ҷомеи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд. 5-уми октябри соли 2011

корҳои сохтмонии масҷиди ҷомеъ оғоз гардид, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон дар оғози корҳои нахустини сохтмон бевосита ширкат варзид.

Масъалаи дигаре, ки зери рубрикаи «Ҷомеа» мунъакис гардидааст равобити фарҳангӣ ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар аст. Чунончи, бори аввал баргузор шудани рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар (19-уми ноябри 2018), ба ҷоизаи Амири Қатар (ҷоизаи Шайх Ҳамад) сазовори мақоми аввал дониста шудани Сарходими илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Саидраҳмон Сулаймонӣ дар номинатсияи беҳтарин фаъолият дар соҳаи тарҷумонӣ ва фарҳангнигорӣ барои таълифи «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» (14-уми декабри 2018), симои намоиши мӯди маҷмуаи нахустини тарроҳи либос аз Арабистони Саудӣ-Нури Сулаймон шудани фотомодели тоҷик Карина Комил (21-уми декабри 2020) ва амсоли ин.

Дар бахши «Амният» 6 мавод нашр шудааст, ки аз ҷараёни ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистону Қатар иттилоъ медиҳанд. Аз ҷумла дар 3 мавод, ки дар такя ба иттилои дафтари матбуоти ВКД-и Тоҷикистон таҳия шудааст, вохӯриҳои Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо сафири давлати Қатар дар Тоҷикистон Алӣ ибн Муборак ал-Муҳаннадӣ (2014,2016) ва вазири корҳои дохилии Давлати Қатар Шайх Абдулло Насир ас-Сонӣ (2012) инъикос шудааст. Мавзуи мулоқотҳо ҳамкориҳо дар соҳаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ, алайҳи экстремизму терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона будааст. Ҷонибҳо изҳори умедворӣ намудаанд, ки ҳарчи зудтар ба имзо расонидани лоиҳаи Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оиди ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва амният ба густариши ҳамкориҳои судманд мусоидат хоҳад кард.

Дар муқоиса ба бахшҳои дигар, бахши «Иқтисод» -ОИ «Азия-Плюс» ғанитар аст, зеро дар он доир ба ҷараёни ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба маводи зиёд ба табъ расидааст. «Як қатор вохӯриҳои раиси ПСС Тоҷикистон дар пойтахти Қатар» (24-уми апрели соли 2013), «Таҳияи лоиҳаи қонуни роҳандозии фаъолияти бонкдорӣ тибқи қоидаҳои исломӣ» (21-уми ноябри соли 2013), «Таваҷҷуҳи Қатар ба асалу меваи Тоҷикистон» (23 январи соли 2014), «Боздиди сафири Қатар аз Палатаи савдо ва саноати ҶТ» (14-уми феврали соли 2014), «Диёри Душанбе ба сокинони пойтахт ҳаёти бошукӯҳ пешкаш мекунад» (18-уми июни соли 2014), «Пешниҳоди дар Тоҷикистон ифтитоҳ шудани намояндагиҳои ниҳодҳои молии Қатар» (3-уми ноябри соли 2015), «Qatar Airways аз Тоҷикистон коргар меҷӯяд» (29-уми марти соли, 2016), «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» (6-уми феврали 2017), «Пешниҳоди бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба сармоягузорони Қатар» (8-уми феврали соли 2017), «Алоқамандии соҳибкорони Қатар ба рушди ҳамкориҳо бо Тоҷикистон» (6-уми

декабри соли 2017), «Qatari Diar дар дигар лоиҳаҳо дар Тоҷикистон саҳм гузоштанист» (7-уми ноябри соли 2018) ва ғайра.

Ағлаби ин мавод хусусияти иттилоотӣ дошта, аз воқеиятҳои мужда медиҳанд, ки ба робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Қатар иртибот доранд.

Дар бахши «Қонун ва тартибот» ду матлаб ба мушоҳида расид, ки матлаби якум дар бораи байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Давлати Қатар ба имзо расонида шудани се шартномаи байналмилалӣ дар бораи истирдоди ҷинояткорон, расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо (23-юми октябри соли 2023) ва дар матлаби дуюм ба тасвиб расонидани се созишнома оид ба истирдод, бозпас додани маҳкумшудагон ва ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Тоҷикистон ва Қатар аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон таҳти раёсати Маҳмадтоир Зокирзода-раиси Маҷлиси намояндагон иттилоъ дода шудааст.

Ҳамин тавр, сомонаи АИ «Азия-Плюс» раванди муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо Қатарро пайваста ба мушоҳида гирифта, дар такя ба манбаъҳои гуногун воқеиятҳои муҳиму аҳаммияти иҷтимоӣ доштаро инъикос намудааст. Аз таҳлили мундариҷаи АИ «Азия-Плюс» ба натиҷае расидан мумкин аст, ки дар он самтҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар ба таври нисбатан васеъ инъикос ёфтааст. Махсусан сафарҳои расмии мутақобилаи сарони кишварҳо ва имзои созишномаҳои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳолати иҷро шудани онҳо Қатар метавонад ба яке аз шарикони рушд ва давлатҳои муҳими сармоягузор дар иқтисодиёти Тоҷикистон мубаддал гардад.

Воқеан руйдодҳои дар сомонаи ин оҷонсӣ интишоргардида, ба бахшҳои гуногун тасниф шудааст, ки аз як тарафи кори хонандаро дар интихоби матолиб, аз ҷониби дигар кори моро дар интихобу таҳлили мавод осон намуд. Матолиби марбут ба мавзуи ин пажуҳиш аз нигоҳи мавзуъ рангоранг буда, шуруъ аз воқеиятҳои расмии сиёсӣ то руйдодҳои фарҳангиву варзиширо фаро мегиранд. Ҳарчанд ағлаби маводи марбут ба ҳамкориву робитаҳои Тоҷикистон бо Қатар хусусияти хабарӣ доранд, аммо дар онҳо доир ба воқеаву руйдод иттилооти мушаххас дода шудааст, пасманзараи мавзуъҳо ва масъалаҳои алоқаманд ба онҳо ба таври васеъ ташреҳу таҳлил шудааст. Ин усулро метавон аз вижагиҳои ОИ «Азия-Плюс» дар инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ номид, ки нисбат ба расонаҳои дигар бартарӣ дорад.

Вижагии дигари ин оҷонсӣ дар инъикоси воқеиятҳои муҳими рӯз, аз ҷумла руйдодҳо ва қазияҳои марбут ба робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қатар дар муносибати он аст. Ин муносибатро дар интихоби мавзуъ (воқеаву руйдод)-и муҳим, таҳлилу баррасиҳои бо далелу мунсифона, мавқеъгириҳои устувор ва натиҷагириҳои умедворкунанда нисбат дода метавонем. Ин ва амсоли ин

ҷиҳатҳо моро дар саҳм доштани «Азия-Плюс» дар инъикоси раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар мутмаин месозад.

## АДАБИЁТ:

**1.**Исаев В.А., Филоник А.О. Катар: три столпа роста. М.: Институт востоковедения РАН, 2015. - 320 с.

2. Катар – ВВП// https:// ru.tradingeconomics.com/qatar/gdp 2023-2024 прогноз (tradingeconomics.com) [Санаи муроҷиат 24.10.2024]

3. Зиёев С.Н. Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати Қатар. Маводи электронӣ// https:// www.osiyoavrupo.tj/tg/post/munosibat-oi-diplomat-mieni-um-urii-to-ikiston-va-davlati-atar [Санаи муроҷиат 24.10.2024]

4.Муносибатҳои дуҷониба бо Давлати Қатар. Маводи электронӣ //https://mfa.tj/tg/main/view/134/munosibathoi-tojikiston-bo-qatar[Санаи муроҷиат 24.11.2024]

5. Супоридани нусхаи эътимодномаи сафири Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//https://mfa.tj/tg/main/view/11971/suporidani-nuskhai-etimodnomai-safiri-davlati-qatar-dar-jumhurii-tojikiston [Санаи муроҷиат 24.11.2024]

## ОТРАЖЕНИЕ МНОГОГРАННЫХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И КАТАРА В ИА «АЗИЯ-ПЛЮС» (ASIA-PLUS)

*В статье анализируются отражение многоплановых отношений и сотрудничества между Таджикистаном и Катаром в информационном агентстве «Азия-Плюс».*

*Это агентство, действительно, занимает важное положение в информационном пространстве Таджикистана и активно освещает отношения и события арабских стран. ИА "Азия-Плюс" уделияет внимание процессу отношений и сотрудничества Таджикистана и Катара и событиям государства Катар и за 2013-2023 годы опубликовала 148 материала.*

*Из анализа содержания материала «Азия-Плюс» можно прийти к выводу, что агентство достаточно широко отражает различные направления отношений и сотрудничества между Таджикистаном и Катаром. В частности, взаимные официальные визиты глав государств и подписание соглашений о сотрудничестве и инвестициях свидетельствуют о том, что в случае их реализации Катар может стать одним из партнеров по развитию и важным государством-инвестором в экономике Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *внимание, информационное агентство «Азия-Плюс», Таджикистан, Катар, размышление, отношения, процесс, сотрудничество, экономический, путешествие, встреча, соглашение, инвестиции, обзор.*

## REFLECTION OF MULTIFACETED RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND QATAR IN THE NEWS AGENCY "ASIA-PLUS" (ASIA-PLUS)

*The article analyzes the reflection of multifaceted relations and cooperation between Tajikistan and Qatar in news agency of "Asia-Plus".*

*This agency, indeed, occupies an important position in the information space of Tajikistan and actively covers the relations and events of the Arabic countries. The news agency "Asia-Plus" pays attention to the process of relations and cooperation between Tajikistan and Qatar and the events of the Qatar State and for 2013-2023 had published 148 materials.*

*From the analysis of the content of the Asia-Plus material, one can conclude that the agency quite broadly reflects various areas of relations and cooperation between Tajikistan and Qatar. In particular, mutual official visits of heads of state and the signing of agreements on cooperation and investment indicate that, if they are implemented, Qatar can be one of the development partners and an important investor state in the economy of Tajikistan.*

***Keywords:*** *attention, «Asia-Plus» news agency, Tajikistan, Qatar, reflection, relations, process, cooperation, economic, travel, meeting, agreement, investment, review.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Қаландаров С.** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 95 – 505 – 44 – 60. E-mail: ihson@mail.ru

**Сведения об авторе: С. Каландаров** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: (+992) 95 – 505 – 44 – 60. E–mail: ihson@mail.ru

**About the author: S. Qalandarov** – candidate of philological sciences, associate professor, Head of the foreign language department of the journalism faculty of the Tajik National University. Phone: (+992) 95 – 505 – 44 – 60. E–mail: ihson@mail.ru

***ШАРҚШИНОСӢ***

# ОМӮЗИШИ АДАБУ ФАРҲАНГИ ҲИНДУ ПОКИСТОН ДАР СОЛҲОИ НАВАДУМИ АСРИ ХХ ДАР ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБОВ ҲАБИБУЛЛО**
сарходими шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар Тоҷикистон тарҷума ва омӯзиши асарҳои адибони хориҷӣ, аз ҷумла, асарҳои адибони Ҳинду Покистон ба таври назаррас аз нимаи дуюми асри ХХ оғоз ёфтааст. Раиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо Мирзо Турсунзода бо бисёр адибони хориҷӣ, хусусан бо адибони кишварҳои Осиё дӯстӣ доштанд ва бисёр мехостанд, ки асарҳои адибони пешқадами дунё, махсусан, адибони Ҳинду Покистон, ки муборизони роҳи озодиву сулҳу дӯстӣ буданд, ба забони тоҷикӣ тарҷума шаванд. Аз ҷумла, китоби шоири урдузабон Файз Аҳмади Файз "Рӯҳи озод" маҳз бо хоҳиши Мирзо Турсунзода ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Яъне адибони барҷастаи тоҷик хуб мефаҳмиданд, ки дар равнақ додану қавитар намудани муносибатҳои фарҳангии байни давлатҳо нақши тарҷумаи асарҳои бадеӣ ниҳоят муҳим аст. Роҷеъ ба тарҷумаҳои адибони Ҳинду Покистон мо аллакай дар мақолаҳои аз ин пештар нашршуда назари худро гуфтем. Дар мақолаи мазкур мо танҳо ба ҳамон асарҳо ва мақолаҳое, ки дар солҳои навадуми асри ХХ аз тарафи олимони тоҷик ба адабиёти Ҳиндустон бахшида шудаанду рӯйи чопро дидаанд таваҷҷуҳ кардаем. Бояд махсус зикр кард, ки дар таблиғи тарҷума ва омӯзиши асарҳои адибони Ҳинд нақши матбуоти тоҷик ва алалхусус маҷаллаи "Садои Шарқ" хеле калон аст. Маҳз ба воситаи ҳамин маҷалла хонандаи тоҷик ба мероси адабии адибони ҷаҳон, аз ҷумла, адибони Ҳинд ошноӣ пайдо кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҳиндустон, омӯзиш, адабиёт,"Садои Шарқ", Шарафбону Пӯлодова, Амирбек Ҳабибов, равобити фарҳангӣ, "Панчатантра", Носиралии Сарҳиндӣ, Мир Алишер Қонеи Таттавӣ, Премчанд, адабиёти форсизабон.*

Аввалин китобе, ки дар нахустин моҳи соли 1991 ба табъ расидаасту дар он мухтасар доир ба пайдоиши шеъри форсӣ дар Ҳиндустон сухан меравад, ин китоби олими тоҷик Амирбек Ҳабибов мебошад, ки "Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон" ном гирифтааст. Дар ин асар дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиётҳои бадеӣ муаллиф собит намудааст, ки "...пеш аз асри XVI ва хусусан асри XVI ва XVII байни ин ду сарзамин (Ҳиндустон ва Бадахшон) алоқаҳои иқтисодӣ, маданӣ ва махсусан адабӣ хело ривоҷу равнақ ёфта будааст" [9, с.2]. Дар рисола бо мисолҳои дақиқ дӯстии шоирони Бадахшон ва шоирони форсӣ-тоҷикзабони Ҳиндустон махсус зикр шудааст. Ин

масъала ба таври васеътар дар боби дуюм, ки боби асосии асар мебошаду “Доираи адабии асри XVII Бадахшон ва муносибати он бо адабиёти форсизабони Ҳиндустон” ном дорад, ҳалли пурратари худро ёфтааст.

9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол эълон гардид. Вале қувваҳое пайдо шуданд, ки бо амру маблағгузории сарпарастони хориҷии худ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро ба вуҷуд оварданд. Ин ҷанг бадбахтиҳои зиёдеро ба сари мардум овард. Хушбахтона, дар Тоҷикистон неруҳои солим пирӯз гардиданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлат интихоб гардид ва ин фарзанди накӯноми Ватан Тоҷикистонро аз фалокати вазнинтарин, ки баробар ба нестшавии миллату давлат буд, наҷот дод. Дар чунин ҳолатҳои мудҳиш чигунагии вазъи илму адабу маърифатро тахмин кардан душвор нест. Албатта, тарҷумаи асарҳои адибони хориҷӣ ва омӯзиши фарҳангу адаби мамолики дигар дар қатори аввалин масъалаҳои зуд ҳалшаванда набуд. Лекин ба ҳар ҳол зиёиёни фаҳангдӯсту ватандӯст нагузоштанд, ки ин паҳлӯи зиндагии мардум аз назар дур монаду фаромӯш шавад. Маҷаллаи “Садои Шарқ” дар он солҳои пур аз душвориҳову фоҷиаҳо фаъолияти худро қатъ накарда, хонандаи тоҷикро бо беҳтарин намунаҳои асарҳои адибони имрӯзаву гузаштаи тоҷик ва мамлакатҳои хориҷӣ пайваста шинос мекард.

Соли 1992 дар шумораи рақами 1-и маҷаллаи “Садои Шарқ” “Калила ва Димна”-и Абдулмаолии Насруллоҳ ба табъ расидааст. Ба ин асар Муҳаммад Ансор, ки ин асарро барои маҷалла омода кардааст, пешлафзи кӯтоҳе навиштааст. Асари номбурда дар якчанд шумораи маҷаллаи номбурда чоп шудааст. Новобаста аз он ки дигарон, аз ҷумла Абдулмаолии Насруллоҳ (Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ), дар хориҷи Ҳиндустон “Калила ва Димна”-ро вобаста бо ҳадафи худ дар кадом шакл тарҷума кардаанд ва чиҳо илова карданд, ҳамеша моли Ҳиндустон будани он ҳатман зикр карда мешавад. Муҳаммад Ансор низ инро ногуфта намондааст: “Дар асрҳои III-V милодӣ дар Ҳиндустон ҳикоёту ривоёти тамсилии мардумиро гирд оварда, дар ду китоби бузург – Панчатантра (Панҷ андарз) ва Маҳабҳарата (Бҳаратаи бузург, Ҳиндустони бузург) – ба риштаи таҳрир кашидаанд” [6, с.65-69]. Метавон гуфт, ки ин асари безаволи мардуми Ҳинд бештар аз 15 аср шудааст, ки дар тақвияти муносибатҳои адабию фарҳангии мардумони мо нақши муҳим мебозад. Абулмаолии Насруллоҳ, дар воқеъ, дар пахшу таблиғи ғояҳои олии ин асар заҳмати бузурге кардааст. “Абулмаолии Насруллоҳ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун яке аз нависандагони асари машҳур «Калила ва Димна» маълум аст. Ин асар бори нахуст дар замони Анушервон (531- 579) ба забони паҳлавӣ баргардонида мешавад. Дар асоси ин баргардон онро дар нимаи аввали асри VIII нависанда ва тарҷумони забардаст Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (721-759/760) ба арабӣ тарҷума мекунад, ки дертар дар асри X аз рӯйи он устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин асарро

ба назм медарорад. Баъд аз ин «Калила ва Димна» борҳо ба забони форсии тоҷикӣ аз тарафи адибони гуногун таълиф ва нашр мешавад" [11].

Яке аз чеҳраҳои намоёни назми форсизабони Ҳиндустон – Носиралии Сарҳиндӣ, ки ҳамасри Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) буда, дар солҳои 1639-1697 умр ба сар бурдааст, ҳамчун ғазалсарои беназир шӯҳрат дошт. Маҷаллаи "Садои Шарқ" дар шумораи рақами панҷи соли 1992-ум 18 ғазали шоирро дар таҳияи Аброри Сабоҳзод ба табъ расондааст. Аброри Сабоҳзод ба ин ғазалҳо бо номи "Мусавварзодаи ишқ" пешлафзе навишта, сарзамини Ҳиндустонро диёри адабпарвар номида, дар инкишофи шеъри форсӣ ва машҳур намудани адибони форсӣ - тоҷикзабон нақши махсус доштанашро таъкид намудааст: "Ҳиндустон дар асри XVII яке аз марказҳои пуровоза ва неруманди шеъру фарҳанги порсигӯён ба шумор мерафт. Маҳз дар ҳамин айём ва дар ҳамин сарзамин шоирони барҷастаи порсигӯ: Мирзо Абдулқодири Бедил, Калими Кошонӣ, Фонии Кашмирӣ, Ғании Кашмирӣ, Толиби Омулӣ, Урфии Шерозӣ ва шоираи хушадо Зебуннисо тавлиду камол ёфтаанд. Носиралии Сарҳиндӣ, ки бо тахаллуси Алӣ шеър мегуфтааст, аз шоирони тавонои ин диёри адабпарвар ва шеърхез мебошад, ки рӯзгораш дар ҳамин аср ҷараён ёфтааст" [7, с.51]. Аз намунаи ғазалҳои Носиралии Сарҳиндӣ ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки шоир дар пайравии Хоҷа Ҳофиз шеър гуфтанро ихтиёр карда будааст:

Гузаштам аз раҳи дарёи дил з-ин кӯҳна манзилҳо,
Ду олам хушк бар ҷо монда аз ҳасрат чу соҳилҳо.
Ба оҳе бастаам шерозаи улфат ҷаҳонеро,
Чу тори сабзҳа пинҳонӣ давонам реша дар дилҳо.
Чу тасбеҳе, ки ҳангоми кашокаш бигсилад тораш.
Ҷудо афганда мастиҳои шафқат нола аз дилҳо.
Дилу дин ҷамъ кардам хатти мушкинаш намоён шуд,
Ҳуҷуми мӯр наздик аст гардад барқи ҳосилҳо.
Алӣ дар баҳри Ҳофиз дасту пое мезанад ҳар шаб,
"Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо".

Ҳамин тариқ, хонандаи тоҷик ба воситаи маҷаллаи "Садои Шарқ" боз бо як нафар аз ҳамзабонони худ, ки аз Ҳиндустон садои хушнаво баланд кардааст, ошноӣ пайдо мекунад.

Дар шумораҳои 7 то 12-и маҷаллаи "Садои Шарқ" , ки якҷоя нашр шудааст, мақолаи Шарафбону Пулодова дар бахши "Робитаи фарҳангӣ"-и маҷалла зери сарлавҳаи "Пайроҳаи ҳидоят" чоп шудааст, ки вазъи муносибатҳои адабии Ҳиндустону Осиёи Миёнаро дар асри XIX ва аввалин даҳсолаҳои асри XX дар бар гирифтааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки дар ҳолате, ки дар солҳои ёдшуда мустамликадорони Англия монеаи ҳар навъ муносибатҳои Ҳиндустон бо дигар мамлакатҳо, аз ҷумла, бо Хитой ва Осиёи Миёна мешуданд, мубодила ва савдои китоб байни Осиёи Миёна ва Ҳиндустон ба таври анъанавӣ ҷараён дошт [2, с.109].

Дар асри XIX аз чунин шаҳрҳои Ҳиндустон ба мисли Калкутта, Канпур, Бомбай, Лоҳур, Лакҳнав ва Деҳлӣ, ки аллакай корхонаҳои китобчопкунӣ доштанд, китобҳо ба Осиёи Миёна барои савдо оварда мешуданд. Китобҳое, ки то ин ҷо мерасиданд, аслан ба забони тоҷикӣ-форсӣ буда, ба адабиёт, забон, фалсафа, таърих ва ғайра дахл доштанд. Миёни онҳо китобҳои классикони гузаштаи тоҷику форс, ба мисли Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хайём ва ҳам китобҳои шоирони форсизабон, ки худ шаҳрванди Ҳиндустон буданд, дида мешуд. Муаллифи мақола махсус зикр кардааст, ки "Дар қатори китобҳое, ки охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба Осиёи Миёна аз Ҳиндустон оварда шудаанд, аз лиҳози шуҳрату нуфуз ҷойи аввал ба осори Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, хусусан "Гулистон" ва "Бӯстон"-и безаволи ӯ, ки дар тӯли солҳои 1860-1906 фақат дар Бомбай, Лоҳур, Канпур ва Лакҳнав бештар аз сӣ маротиба нашр шудаанд, насиб гардид. Табиист, ки қисми муайяни ин қабил асарҳо дар худи Ҳиндустон мондаву барои дар ин сарзамин паҳн гардидани афкори илмӣ ва адабии муаллифони Осиёи Миёна ва дигар мамолики ҳамсоя мусоидат мекард" [2, с.110].

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр кардаанд, "Китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад" [12].

Муаллиф дар асоси як қатор далелҳо дар Осиёи Миёна ба роҳ мондани фуруши китобҳои дар Ҳиндустон чопшударо муфассал баён кардааст. Яъне овардану фурӯхтани китобҳо аз Ҳиндустон дар Осиёи Миёна хусусияти тасодуфӣ ва гоҳ-гоҳӣ надоштааст. Дар ин кор хусусан фаъолияти тоҷири хуҷандӣ Ҳоҷӣ Сиддиқхоҷа назаррас мебошад. "Бино ба маълумоти маводи бойгонӣ Сиддиқхоҷа дар вилоёти Самарқанд, Хуҷанд, Фарғона ва Сирдарёи генерал-губернатории Туркистон китоб мефурӯхтаст. Гумон меравад, ки ӯ аз авохири солҳои 80-ми асри XIX то соли 1918 аз Ҳиндустон ба миқдори зиёд муттасил китоб гирифтааст. Чунончи фақат дар тӯли се моҳи соли 1893 ба унвони ӯ аз Ҳиндустон ба воситаи Қошғар тақрибан 400 нусха китобҳои гуногнмазмун омадааст" [2, с.111].

Дар воқеъ, маҳз китоб, аз ҷумла, асарҳои бадеии адибони шинохта, ба кадом мамлакате мансуб набошад, бо талоши дӯстдорони китоб, тарҷумонҳо, таблиғгарон ва тоҷирон ба дохили мамлакатҳои дигар, хусусан ҳамсоядавлатҳо роҳ меёбанд, алалхусус ба он мамлакатҳое, ки байни худ муштаракоти адабию, забонию, фарҳангию таърихӣ доранд. Ҳар далеле, ки ишора ба муносибатҳои фарҳангии халқҳои гуногун мекунад, албатта пояе ва ё манфиате дорад. Дар айни ҳол дар қаламрави Осиёи Миёна, бо назардошти он, ки дар ин минтақа тоҷикон бисёранд, паҳн кардани асарҳои тоҷикӣ- форсӣ бисёр бомантиқ буд.

Зеро ҳар як иқдоми нави боманфиат риштаҳои ҳамкориҳои фарҳангиро қавитар ва маҷрои ҷараёни наздикшавии халқҳои гуногунро тезтар месозад, ки он худ барои ба вуҷуд овардани фазои фараҳбахш мусоидат мекунад. Маҳз ҳамин нуқтаи ниҳоят муҳимро ба назар гирифта Шарафбону Пӯлодова тасдиқ кардааст, ки "Сиддиқхоҷа нафақат савдои китоб, балки ба воситаи муносибати шахсии худ бо зиёиёни Ҳинд, аҳли тоҷирату саноати ин кишвар, инчунин сӯҳбатҳои худ бо ҳамватанонаш роҷеъ ба ҳаёти халқи Ҳинд, тамаддуни бостонии вай, ҷиҳатҳои шабеҳи маданият ва урфу одатҳои миллии халқҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дар боби ба таври мутақобила ба мамлакати якдигар роҳ ёфтани афкори ҷамъиятии халқҳои ин ду диёри бо ҳам дӯст ва ҳамсоя ҳиссагузорӣ кардааст. Дар ин ҷода фаъолияти дигар ҳамватани мо Мулло Мирсобир низ ҷолиби таваҷҷӯҳ аст" [2, с.112].

Албатта, шояд ҳамин тавр андеша бошад, ки бо ташабуси як ё ду нафаре метавон хулоса кард, ки иҷрои ин ё он кори ҷудогона ба анҷоми дилхоҳ расидаасту акнун ҳамин кофист ва акнун дигар масъалаҳои ҳанӯз омӯхта нашударо бояд дид. Вале аз ҷониби дигар, муҳаққиқи ҳама гуна масоили фарҳангӣ наметавонад бо дар бар гирифтани як давраи муайяни таърихӣ вазифаи худро ба анҷом расида ҳисоб кунад. Ҳар як фарди фарҳангдӯст ва майли ошноӣ бо адабу фарҳанги дигар халқҳо дошта, агар дар ҳамин ҷодаи интихоб кардааш талоше намояд, албатта кори назаррасу боманфиате ба вуҷуд меояд, ки давом додани онро наслии дигар барои худ низ ҳатмӣ хоҳад донист. Фаъолияти онҳоеро, ки муаллифи мақолаи ёдшуда ҳамчун ашхоси фарҳангдӯст гуфта, дар вусъати муносибатҳои фарҳангии Ҳиндустону Тоҷикистон саҳмашонро махсус зикр кардааст, дигарҳо идома дода истодаанд.

Дигар мақолаи илмии Шарафбону Пулодова бо номи "Барги сабз аз боғи Синд" дар ҳамон шумораи "Садои Шарқ", ки дар соли 1999 зери рақами 10-12 (се шумора якҷоя) чоп шудааст, шомил аст. Муаллиф зикр кардааст, ки адабиёти форсизабони Ҳиндустон ҳарчанд тобишҳои маҳаллӣ ва накҳати хоси хешро пайдо кардааст, ҳеҷ гоҳ аз кулли адабиёти форсизабон канда набудаст [3, с.136]. Ин нуқтаи ишорашуда аз он лиҳоз боз ниҳоят муҳим аст, ки дар мавриди боз ҳам бо якдигар наздиктар шудани фарҳангҳои мардумони Ҳиндустону, Эрону Афғонистону Тоҷикистон, дар воқеъ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон нақши муҳим дорад. Маълум аст, ки бисёр намояндагони барҷастаи илму фарҳангу адаб аз Осиёи Марказӣ, Эрон ва Афғонистон аслан аз он сабаб рӯ ба Ҳинд оварданд, ки он ҷо шоҳону амалдорони бонуфузу сарватманди Ҳинд бештар ба қадрашон расидаанду дастгирии молиявӣ намудаанд.

Олими шинохтаи тоҷик Ҷамолиддин Саидзода нақши бузурги шоирону нависандагону олимони Эрону Хуросону Моаваоуннаҳрро, ки Ҳиндустон рафта буданд, зикр намуда, дар ин мавзуъ назари Сарҳанг Ҳоҷӣ Абдурашидро овардааст, ки: "Иллати таваққуфи онҳо дар Панҷоб ин буд, ки ҳавою муҳит ва фарҳанги иҷтимоии Панҷоб аз аввал шабеҳи Эрону Осиёи Марказӣ будааст ва

шоирони эронӣ ҳамеша ин қисматро дӯст дошта, дар ин ҷо зиндагӣ мекардаанд. Вуруди шоирони эронӣ ҳам бад-ин тартиб яке аз иллати тарвиҷи забону адабиёти порсӣ дар Панҷоб мебошад” [8, с.4]. Саидзода дар тақвияти андешаи Сарҳанг Ҳоҷӣ Абдурашид назари худро низ оид ба сабабҳои ба Ҳиндустон ҳиҷрат кардани аҳли адаб аз мамлакатҳои Эрону Осиёи Марказӣ иброз доштааст: “Бояд гуфт, ки дар замони истилои Осиёи Миёна дар асри XIII аз ҷониби лашкари муғул адибону донишмандони зиёде ба Ҳиндустон рафтанд ва дар он ҷо ба кори эҷодӣ пардохтанд ва дар тараққиву пешрафти адабиёт хидмати пурарзиш намуданд, Назири Бадрии Чочӣ, Муҳаммад Авфии Бухорой, Баҳоуддини Фарғонӣ ва дигарон” [8, с.4-5].

Мақолаи Шарафбону Пулодова аслан ба ҳаёт ва эҷодиёти як адиби форсизабони Ҳиндустон, ки Мир Алишер Қонеи Таттавӣ ном дорад, бахшида шудааст, ки дар асри XIII умр ба сар бурда, яке аз шоирони машҳури замони худ будааст. Шоир дар соли 1140 ҳиҷрӣ да шаҳри Татта таваллуд шуда, соли 1203 ҳиҷрӣ дар синни 64 солагӣ аз олам чашм пӯшидааст. Муаллифи мақола таъкид намудааст, ки “Яке аз ҳавзаҳои адабӣ, ки дар ҳиндшиносии тоҷик қариб тамоман омӯхта нашудааст, ҳавзаи адабии Синд мебошад” [3, с.136]. Дар воқеъ, минтақаи Синд таърихи бештар аз шашасраи (асрҳои XII-XVIII) адабиёти форсизабонро дорад. Дар замони ҳокимии император Аврангзеб (1618-1707) дар дарбори ҳашамати пештараи адабиёти форсизабон дида намешуд. Худи Аврангзеб ба ин паҳлӯ чандон диққати ҷиддӣ надодааст. Шояд аз ҳамин сабаб адабиёти форсизабон дар дигар қисматҳои Ҳиндустон, аз ҷумла, дар Синд бештар нашъунамо доштааст. Вале тавре Ғазанфар Алиев зикр кардааст, адабиёти форсизабон дар Синд хусусияти суфиёна дошт. Яке аз шоирони суфӣ Аллома Муҳаммад Муин Тҳаро (1652-1747) буд. Дар қатори адибони номдори Синд, ки чун шоири форсизабон машҳур мебошад, Мир Алишер Коонӣ (1727-1789) низ номбар карда мешавад. Музофоти Синдро муҳаққиқи адабиёти форсизабони Ҳиндустон Ғазанфар Алиев минтақаи вохӯрии чандин фарҳангҳо, аз ҷумла фарҳанги юнонӣ, арабӣ ва форсӣ номида, дар ин ҷо нақши забони форсӣ ва фарҳанги мусулмониро махсусан бузург гуфтааст [1, с.79]. Дар воқеъ, дар Синд бисёр шоирони форсизабон ва шоирони маҳаллӣ, ки ба забони синдҳӣ эҷод кардаанд, кам нестанд. Дар ин ҷо шоирон Ҷом Ҷуна, Ҳамдам Ҷамолӣ, Исои Бурҳонпурӣ ва мисли инҳо дар ривоҷи адабиёти форсизабон саҳмгузоранд. Адабиёти маҳаллӣ – адабиёти синдҳӣ низ бо адибони барҷастаи худ фахр мекунад. Яке аз шоироне, ки дар инкишофи адабиёти синдҳӣ нақши муҳим дорад, Шоҳ Абдуллатиф Бҳитай (1690-1752) мебошад. Дар асрҳои нав низ шоирони боитеъдоди Синд кам нестанд. Шоирон Бекас (1858—1881), Муҳаммад Бахш Восиф (1892 1952), Шайх Аёз (1923-1997), Абдурразоқ Ризо ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бо Ҳиндустонро зери даст намудани мустамликадорони ангис эътибори забону адабиёти форсӣ дар ин мамлакат рӯ ба нестӣ оварда, дар охир пурра аз байн рафт. Лекин мероси хаттии шоирони форсизабони

Ҳиндустон, ки ниҳоят ғанӣ мебошад, аз байн нарафтааст. Барои ҳамин ҳам пешниҳоди Шарафбону Пулодова оид ба дастрас ва мавриди омӯзиш қарор додани мероси хаттии шоирони ҳавзаи Синд дар Тоҷикистон бисёр бамаврид аст.

Дар солҳои навадум як рисолаи илмии муаллифи ин сатрҳо ба табъ расид, ки "Премчанд" [5]. ном дорад. Хонандаи тоҷик, тавре аллакай зикр карда будем, то нашри ин рисола ба эҷодиёти Премчанд кайҳо боз шинос буд, вале маълумоти кофӣ оид ба ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти ғании ин адиби маъруф надошт. Дар ҳиндшиносии тоҷик ва ҳиндшиносии руси даврони шуравӣ ин рисола пас аз китоби В.И. Балин "Премчанд - новеллист" дуюмин асари тадқиқотӣ буд, ки хонандаро ба зиндагӣ ва масъалаҳои муҳими осори Премчанд пурратар шинос менамуд. Рисола аз муқаддима, се боб ва хулосаву феҳристи адабиёти истифдашуда иборат аст. Дар бораи Премчанд дар Ҳиндустон шумораи зиёди мақолаҳо, рисолаҳо, ёдоштҳо, таҳлили асарҳо ва мисли инҳо хеле зиёд мебшанд. Дар хориҷи Ҳиндустон низ бисёр муҳаққиқон чун аз адабиёти муосири ҳиндӣ ва намояндагони барҷастаи он сухане гуфтанӣ мешаванд, қабл аз ҳама аз Премчандро ба ёд меоранд. Олиму адиби шинохта ва яке аз аввалин Премчандшиноси Ҳиндустон Ҳансраҷ Раҳбар (1914-1994) ҳанӯз соли 1952 дар бораи Премчанд рисолае бо номи "Ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд" (Premchand: Jeevan, kala Aur krititva) навишта, дар он оид ба он, ки оид ба Премчанд барин нобиғаи адаб боз бисёр хоҳанд навишт чунин гуфтааст: "Роҷеъ ба Премчанд аллакай чанд китоб ба табъ расидааст. Дар оянда, бешак аз ин ҳам зиёдтар хоҳад шуд. Дар бораи ӯ мисли дигар шахсиятҳои бузург беҳаду бешумор китобҳо нгавиштан мумкин аст" [10, с.6].

## АДАБИЁТ:


1. Алиев Г. Ю. Персоязычная литература Индии. М., 1968, с. 79.
2. Пӯлодова Ш. Пайроҳаи ҳидоят. Садои Шарқ, 1993, с. 111.
3. Пӯлодова Ш. Барги сабз аз боғи Синд. Садои Шарқ, 1999, № 10-12, с. 136.
4. Пӯлодова Ш. Пайроҳаи ҳидоят. Садои Шарқ, 1993, с. 109.
5. Раҷабов Ҳ.Премчанд. Душанбе, 1995
6. Садои Шарқ, 1992, № 1, с. 65-69
7. Садои Шарқ, 1992, № 5, с. 51.
8. Саидзода Ҷ. Рӯ ба Ҳинд. Қисми I. Душанбе, 2012, с. 4.
9. Ҳабибов А. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон. Душанбе, 1991, с. 2.
10. Ҳансраҷ Раҳбар. Ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд. Деҳлӣ, 1952, с.6.
11. https://donishju.net/abulmaolii-nasrulloh-zindaginoma/
12. http://ombudsman.tj/kitobkhona/dar-borai-kitobkhona.html

# ИЗУЧЕНИЕ ИНДО-ПАКИСТАНСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ И КУЛЬТУРЫ В ДЕВЯНОСТЫЕ ГОДЫ XX ВЕКА В ТАДЖИКИСТАНЕ

*В Таджикистане перевод и изучение произведений иностранных писателей, в том числе индо-пакистанских, началось во второй половине XX века. Председатель Комитета солидарности народов Азии и Африки Мирзо Турсунзоде дружил со многими зарубежными писателями, особенно с писателями азиатских стран и он очень хотел, чтобы произведения ведущих мировых писателей, в том числе индийских и пакистанских, которые были борцами за свободу были переведены на таджикский язык. В частности, книга урдуязычного поэта Файза Ахмада Файза «Свободный дух» была переведена на таджикский язык именно по просьбе Мирзо Турсунзаде. Таким образом, таджикские писатели хорошо понимали, что в укреплении культурных связей между народами чрезвычайно важна роль перевода художественных произведений. Что касается переводов индо-пакистанских писателей, то по этому поводу мы уже высказывали свое мнение в ранее опубликованных статьях. В данной статье мы сосредоточились только на тех научных трудах и статьях, которые были посвящены индийской литературе таджикскими учеными в 1990-2000-е годы и которые были опубликованы на таджикский язык. Следует особо отметить, что в деле публикации перевода и результаты изучения произведений индийских писателей очень велика роль таджикской прессы и, в частности, журнала "Голос Востока". Именно благодаря этому журналу таджикский читатель познакомился с литературным наследием писателей всего мира, в том числе индийских писателей.*

***Ключевые слова:*** *Индия, изучение, литература, «Голос Востока», Шарафбону Пулатова, Амирбек Хабибов, культурные отношения, Панчатантра, Насирали Сархинди, Мир Алишер Канеи Таттави, Премчанд, персидская литература.*

# THE STUDY OF INDO-PAKISTANI LITERATURE AND CULTURE IN TAJIKISTAN IN THE NINETIES OF THE TWENTIETH CENTURE

*In Tajikistan, the translation and study of works by foreign writers, including Indo-Pakistani ones, began in the second half of the twentieth century. Mirzo Tursunzoda, Chairman of the Committee for Solidarity of the Peoples of Asia and Africa, was friends with many foreign writers, especially writers from Asian countries, and he really wanted the works of the world's leading writers, including Indian and Pakistani, who were fighters for freedom, peace and friendship, to be translated into Tajik language. In particular, the book "Free Spirit" by the Urdu-speaking poet Fayz Ahmad Fayz was translated into Tajik precisely at the request of Mirza Tursunzade. Thus, Tajik writers were well aware that the role of translation of works of art is extremely important in strengthening cultural ties between peoples. As for the translations of Indo-Pakistani writers, we have already expressed our opinion on this in previously published articles. In this article, we have focused only on those scientific works and articles that were devoted to Indian literature by Tajik scientists in the 1990s and 2000s and which were published in the Tajik*

*language. It should be particularly noted that the Tajik press and, in particular, the «Voice of the East» magazine play a very important role in publishing translations and the results of studying the works of Indian writers. It was thanks to this magazine that the Tajik reader got acquainted with the literary heritage of writers from all over the world, including Indian writers.*

***Keywords:*** *India, study, literature, "The Voice of the East", Sharafbonu Pulatova, Amirbek Khabibov, cultural relations, Panchatantra, Nasirali Sarhindi, Mir Alisher Kanei Tattavi, Premchand, Persian literature.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабов Ҳабибулло -** сарходими шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел. 907963000; E mail: rajabov_h@yahoo.com

**Сведения об авторе: Раджабов Хабибулло -** главный научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем государств Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан.г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел. 907963000; или mail: rajabov_h@yahoo.com

**About the author: Khabibullo Rajabov -** Chief Researcher of the Southeast Asia Department of the Institute for the Study of Asian and European States at The National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan.Dushanbe, 33 Rudaki Avenue, tel. 907963000; or mail: rajabov_h@yahoo.com

# ОМӮЗИШИ АДАБИЁТИ АФҒОНИСТОН ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҲАШТОДУМИ АСРИ XX

**ВАҲОБОВА НАЗИРА САТТОРОВНА**

ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Афғонистон – бо мо на танҳо аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, балки аз лиҳози забону фарҳангу адабу таърих низ хеле наздик мебошад. Ҳамин наздикии сарҳаду фарҳанг боис шудааст, ки шумораи зиёди олимони тоҷик, ки аксарияти онҳо дар Афғонистон кор кардаанд, бо рағбати зиёд оид ба фолклор, адабиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва таърихи ин мамлакат маълумоти дақиқ ҷамъоварӣ намуда, пас андеша ва дидаву мушоҳидаҳои худро ба қалам додаанд.*

*Пас аз рӯйдоди муҳими сиёсие, ки дар ин мамлакат бо номи Инқилоби Савр маълум аст, таваҷҷуҳи олимони тоҷик ва умуман ҷаҳониён ба масъалаи Афғонистон ба маротиб афзоиш ёфт. Олимон, кишваршиносон, адибон ва фарҳангшиносони тоҷик дар андак вақт як силсила китобу мақолаҳо навишта, онҳоро ба табъ расондаанд. Намунаи асарҳои адибони муосири Афғонистон низ*

*зуд-зуд ба хонандаҳои тоҷик пешниҳод шудааст. Дар ин мавриди нақши васоити ахбори оммаи тоҷик, аз ҷумла маҷаллаи “Садои Шарқ” назаррас мебошад. Мақолаи мазкур маҳз ба масъалаи омӯзиши Афғонистон дар солҳои ҳаштодуми асри XX бахшида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Афғонистон, Инқилоби Савр, Тоҷикистон, робитаҳои адабӣ, фолклор, афғоншинос, Зоҳир Аҳрорӣ, Сулаймон Лоиқ, Бориқ Шафеӣ, “Садои Шарқ”, “Маориф ва маданият”, Ҳақназар Назаров.*

Бо сабаби пирӯзии Инқилоби Савр дар Афғонистон дар соли 1978, танҳо дар соли 1980 дар Тоҷикистон 16 мавод бахшида ба Афғонистон чоп шудааст. Ин далел ҳам танҳо натиҷаи ҷустуҷӯйҳои мост ва он ҳам то ҳамон сарҳаде, ки мо имконият доштем. Шояд дар асл, корҳои дар ин самт ба анҷом расондаи олимони Тоҷикистон аз ин ҳам бештар бошанд. Маводҳои ёфтшуда шоҳиди он ҳастанд, ки таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба масоили адабу фарҳангу таъриху сиёсати Афғонистон зиёд будааст.

Дар солҳои ҳаштодум ҳамчун як навъ дастгирии инқилоб ва адабиёти мардуми Афғонистон ба забони русӣ, тоҷикӣ ва дигар забонҳои халқҳои Иттифоқи Советӣ шумораи зиёди мақола ва рисолаҳои ҷудогонаи ба Афғонистон бахшидашуда ба табъ расидаанд, ки ёдовар шудани баъзе аз онҳоро дар инҷо лозим донистем. Агар хонандагони муҳтарам таваҷҷуҳ кунанд, ин далел аз аҳамият орӣ нест, инҳо пеш аз ҳама саҳифаҳои таърихи навтарини Афғонистон мебошанд. Ин китобҳо: “Правда об Афганистане” [9]. Вадим Касис, Каххар Рашидов “Афганистан сегодня” [6], Нур Мухаммад Тараки “Скитания Банга и другие повести” [14], Бориқ Шафеӣ “Давронсоз” [4], Александр Проханов [10], “Дерево в центре Кабула”, Халфин Н. А. “Заря свободы над Кабулом” [15], Худойназар Асоев “Развитие жанров в прозе на дари [1]. Нашри махсуси маҷаллаи “Детская литература” [5].

Дар Тоҷикистон дар соли 1980 роҷеъ ба робитаҳои адабии Афғонистону Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда шоири тоҷик Гулназар Келдӣ дар бораи шоири афғон Хуршед Атоӣ мақолае навишта, онро “Офтоби дил” номидааст. Ин мақола 31 январ дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” нашр шудааст. Олими эроншинос, номзади илмҳои филологӣ Файзалӣ Наҷмонов, ки он солҳо декани факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин буд, 14 феврал дар рӯзномаи “Маориф ва маданият“ мақолаеро бо номи “Халқ аст мову набард ифтихори мо” ба чоп расондааст. Пас 8 март – рӯзе, ки дар ҳамон солҳо чун иди байналмилалии занон ҷашн гирифта мешуд, бахшида ба занҳои Афғонистон мудири шуъбаи Эрону Афғонистони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ Зоҳир Аҳрорӣ мақолаеро бо номи “Мақоми зан дар назми инқилобии Афғонистон” дар рӯзномаи Маориф ва маданият” ба табъ расондааст.

Зоҳир Аҳрорӣ – афғоншиноси варзида солҳои зиёд дар Афғонистон кор карда, вазъи адабиёти навинро меомӯхт ва бо намояндагони шинохтаи он зуд-зуд ҳамсӯҳбат мешуд, бо онҳо ошноӣ ва ҳамкорӣ дошт. Дар ҳамин замина вай мақолаеро бо номи “Сангари набарди халқ” навишта, ба он намунаи ашъори ҳафт адиби намоёни афғонро ҳамроҳ карда, онро аз тариқи маҷаллаи “Садои Шарқ” (1980, № 5) барои хонандаи тоҷик пешниҳод намудааст.

Вақт ва воқеаҳои кучаку бузурги таърихӣ ҳамеша тақозои онро мекунад, ки шоирони ҳамқадами замон ва содиқ ба тақдири халқу миллати хеш назари худро иброз доранд. Зоҳир Аҳрорӣ дар мақолаи зикршуда маҳз аз ҳамин нуқтаи назар оид ба ҳадафи Инқилоби Савр ва нигоҳи адибони пешқадами Афғонистон ба ин воқеаи таърихӣ баҳогузорӣ кардааст: “Аз аввалин рӯзҳои пирӯзии Инқилоб дар боби ташвиқ ва тарғиби ҳақиқати сохти нав ба зиммаи зиёиёни кишвар, хоса шоирон ва нависандагон вазифаҳои ифтихории тоза афтод. Адибони тараққипарвар аз таъсиси сохти тозаи иҷтимоии ватан илҳоми тоза ёфта, ба ситоиши дастовардҳои инқилоб, дигаргуниҳои инқилобӣ пардохтанд. Аксари шоирон иштирокчиёни ин наҳзати сиёсӣ-иҷтимоӣ, сохтмони низоми нав ва муборизони фаъоли давр мебошанд” [3, с. 124].

Шоирони пешқадами Афғонистон аҳволи тоқатфарсои мардуми ҷафокаши Афғонистонро ҳар рӯз бо чашмони худ медиданд, зиндагии онҳоро бо зиндагии мардуми шуравӣ ва хусусан мардуми Тоҷикистон муқоиса мекарданд ва фарқеро дарёфт мекарданд, ки аз замин то осмон буд. Барои ҳамин онҳо барои ба вуҷуд омадани як инқилоби дигаргунсоз ва адолатпарвару мардумпарвар талош мекарданду ҳам дигаронро барои чунин набард, пайваста даъват менамуданд. Зоҳир Аҳрорӣ маҳз ашъори чунин шоирони ватанхоҳро бо андак шарҳу таҳлил манзури хонандаи тоҷик намудааст. Намунаи ашъори шоирони Афғонистон бо шеъри Дастагири Панҷшерӣ “Саври зафарбахш” оғоз ёфтааст. Азбаски ин шеър қиссаи воқеии вақт аст, пурра овардани онро зарур донистем:

Эй халқ, ба по хез, ки ҳангоми баҳор аст,
Вақти тарабу зиндагиву ҷунбиши кор аст.
Саршор бикун соғари мо аз майи пайкор,
Бишкан бути сармоя, ки имрӯз шиор аст.
Чун сел намо ҳамла ба арбобу фюдол,
Бар марди мубориз хаму чам мояи ор аст.
Саркӯб бикун чаправу тасдимталабонро,
То оҳане гарм аст ҳамин шева ба кор аст.
Хуш бош, ки ҳамразми туанд мардуми Ветном,
Халқе, ки дар ӯ қудрати берун зи шумор аст.
Аз ҷашни шукуҳманди даҳум муждаи неку,
Ҷашне, ки дар он хоину ихвонӣ маҳор аст.
Ҷашне, ки дар он насли ҷавон шод биравсад,
Ҳар ҷо шунавӣ замзамаи ҷунбишу кор аст.

Аз Саври зафарбахши шитобандаи кишвар
Гулгуна деҳу шаҳру ҳама кунҷу канор аст.
Эй халқи бедору зафарманду диловар,
Мардона бизан гом, ки ашроф фарор аст [8, с. 126].

Шеъри дигари Дастгири Панҷшерӣ “Коргар” ном дорад. Шоир дар ин шеър образи коргарро ҳамон тавре, ки дар адабиёти тоҷик низ дида мешавад, пурғайрату тавоно нишон дода, ӯро оташи уммеди халқ, равшании дидаи халқ ва ахтари хуршеди халқ номида, нақши ӯро дар таърих ин тавр зикр кардааст:

Меҳри дурахшандаи таърих ту.
Шуълаи тобандаи таърих ту.
Неруи созандаи таърих ту.
Қудрати размандаи таърих ту [8, с. 126].

Аз шоири шинохта ва ба мардуми тоҷик хуб ошно Сулаймон Лоиқ бошад се шеър интихоб шудаст: “Кишвари ман”, “Роҳе ба инқилоб” ва “Ба рафиқи ҳамсангар ва шоири инқилобӣ Бориқ Шафей”. Сулаймон Лоиқ дар шеъри “Кишвари ман” васфи сарзамини Афғонистонро тавре намудааст, ки оҳанги баёнаш гуфтори шоири маъруфи Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқболро ба ёд меораду ҳадафаш бошад ба мазмуни каломи Мирзо Турсунзода ва бисёр шоирони замони истиқлоли Тоҷикистон шабоҳат дорад. Менигарем ба чанд байте аз ин шеър:

Ошно шуд то ба аср овози ман,
Авҷ мегирад навои сози ман.
Сози ман аз сӯзи Машриқ дар хурӯш,
Завқи ман аз табъи Машриқ боданӯш.
Кишвари афғон - замини инқилоб,
Дар шаби Машриқ чу моҳи беҳиҷоб...
Модари таъриху мадҳи Осиё,
Зодгоҳи шӯру ҷаҳди Осиё...
Ишқро гӯяд, ки шӯри тозатар!
Завқро гӯяд, ки савдои дигар!
Халқро гӯяд, ки ҳой, бедор бош!
Марҳаму донандаи асрор бош!
Ин замон дорад ҳавои дигаре,
Нақшҳову фикрҳои дигаре [11, с. 127-128].

Дар шеъри “Роҳе ба инқилоб” бошад мо даъватҳои шоиреро мебинем, ки ба мардум рӯй оварда, то ҷовидон пеш рафтанро шиор кардааст:

Ояндагон, ба пеш!
Боландагон ба пеш!
Дар роҳи ифтихор

Бо корвон  ба пеш!.
То дори ҷон ба пеш!
То ҷовидон ба пеш! [11, с. 129].

Сулаймон Лоиқ дар муборизаи инқилобӣ дар байни адибони афғон танҳо набуд. Вай дар паҳлӯи худ даҳҳо адибони дигарро медид, ки онҳо чун Сулаймон Лоиқ зиндагии шахсӣ ва ашъори худро барои инқилоб ва беҳтар намудани зиндагии мардуми заҳматкаш бахшидаанд. Яке аз ҳамин гуна ҳамсангарони Сулаймон Лоиқ  шоири шинохта ва инқилобӣ Бориқ Шафеӣ буд. Вақте ки шеъри Сулаймон Лоиқ  "Ба рафиқи ҳамсангар ва шоири инқилобӣ Бориқ Шафеӣ"-ро қироат мекунем, симое пеши назар меояд, ки моҳияти тамоми вуҷудаш, тамоми ҳастӣ ва маънии андешаҳояш барои хушбахтии мардумро дидан аст. Соҳибони ин гуна хислату ҳиммат ашхосе мебошанд, ки пайравӣ кардан ба онҳо барои наслҳои нав шараф  аст. Оҳанги ин шеъри Сулаймон Лоиқ ҳам моро ба майдони шеъргӯйи Муҳаммад Иқбол ва ҳунари мазмунофарии Мирзо Турсунзода мебарад:

Ало, эй раҳрави огоҳи ҳастӣ,
Навои нағмаҳоро шӯру мастӣ,
Ту ҳар доме, ки дар роҳат ниҳоданд,
Буридиву гусастиву шикастӣ...
Дили мо завраќи дарёи хун беҳ,
Сари мо раҳрави роҳи ҷунун беҳ.
Биё, тарҳи ҷаҳони нав бирезем,
Ки ин фарсуда дунё вожгун беҳ!...
Чи хуш то авҷи тӯфон раҳ сипардан,
Барои ҷони халқ аз ҷон буридан,
Вале пеш аз сукути ҷовидонӣ,
Ғиреви зиндагониро шунидан! [11, с.129-130].

Бориқ Шафеӣ низ бахшида ба Сулаймон Лоиқ шеъре эҷод кардааст, ки "Ба Сулаймон Лоиқ" ном дорад ва аз 64 мисраъ иборат буда, мисли як достони кучак менамояд. Чеҳраҳои ин ду шоири мубориз аз ин шеър боз ҳам равшантар мегарданд.  Сулаймон Лоиқ барои Бориқ Шафеӣ кист дар нахустин мисраҳо равшан шудааст:

Ало, набзошнои нолаҳоям,
Забондони дили дардошноям!
Ба истиқболи шеъри оташинат,
Зи ҷон чун шӯъла мехезад навоям [11, с. 130].

Пас чун пештар меравем ва ба давоми шеър менигарем, симо ва амалу андешаи худи шоир Бориқ Шафеии ватанпарварро мебинем:

Маро ишқи бутони симтан нест,
Равони ман асири аҳриман нест.

Сарам назри раҳи заҳматкашон аст
Дилам ҷуз хонаи ишқи ватан нест.

Шеърҳои Сулаймон Лоиқ ва Бориқ Шафеиро шоири мумтози тоҷик Лоиқ Шералӣ ба чоп омода кардааст, ки аз олами ашъори ҳар ду шоири афғон хуб огоҳ буд. Лоиқ Шералӣ хуб мефаҳмид, ки новобаста аз мавҷудяти сарҳади муайян байни Афғонистону Тоҷикистон байни адибони ин ду давлати ҳамсояу ҳамзабон сарҳаде нест. Ҳамин тавр, манзарае пеши рӯй меояд, ки ду шоир гуфтугӯ доранд. Вале мо фикр намекунем, ки ин ду шоир барои кадом як ҳадафи шахсӣ, васфи фаъолияти якдигарро карда бошанд. Албатта, ҳар як шоир кист ва дар ҷомеа чӣ нақше дорад, онро хонанда баҳо медиҳад. Маъмулан, дар баҳо додани фаъолияти адибон  халқ ҳеҷ гоҳ хато намекунад. Лекин тавре мегӯянд "Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист". Ин шоирон якдигарро ҷоннисори халқ дидаанд. Ҳар кадомро хизмат ба халқ ин қадар зиёд аст, ки онро ба таври махсус  эътироф накунему нагӯем агар  мумкин нест. Сулаймон Лоиқ ва Бориқ Шафей аз ҷумлаи шоироне буданд, ки бисёр ҷасурона мубориза мебурданд, аз ҳеҷ чиз наметарсиданд ва ҳеҷ чиз монеаи роҳи пешгирифтаи  онҳо шуда наметавонист. Онҳо барои манфиати мардум ҷоннисорӣ кардаанд. Мирзо Турсунзода дар симои ҳама шоирон маҳз хислати ҷасуриро дидан мехост, ки гуфта буд:

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар!...
Шоиро, аз сӯхтан ҳаргиз манол,
Сӯхтанро дӯст медорад висол [13, с. 114].

Шеърҳое, ки пас аз шеърҳои Сулаймон Лоиқу Бориқ Шафей омадаанд ба зиндагии халқ бахшида шудаанд. Тавре ки Зоҳир Аҳрорӣ дар номи мақолааш "Сангари набарди халқ" ишора кардааст. Аз ҷумла, шеъри Носири Таҳурӣ "Байрақи халқ", Муҳаммадшоҳ Воиз "Баҳори халқ", Абдулқавими Қавим "Растохези халқ" ва Доктор Абҳар "Халқ" бевосита ифодагари васфи халқ мебошанд. Ин, ба фикри мо  интихоби махсуси Зоҳир Аҳрорӣ мебошад. Вай бо ашъори шоирони ҳамон вақт аз наздик шинос шуда, шояд ба чунин хулоса омада бошад, ки мавзуи халқ яке аз мавзуҳои меҳварии адибони пешқадами Афғонистон шудааст. Ё мумкин дар суҳбатҳо худи адибон маҳз  ҳамин шеърҳои ба халқ бахшидаашонро дар он вақт бисёр мубрам шуморида, ба Зоҳир Аҳрорӣ пешниҳод карда бошанд. Дар ҳар сурат ин қадар шеърҳои ба халқ бахшидаро якбора дар як ҷо овардан, тасодуфӣ нест.  Ҳамон солҳо ва имрӯз ҳам  боз садҳо шоирони пешқадами афғон  бахшида ба халқи азизи худ шеъру достонҳо эҷод кардаанд. Ҳамин тариқ, хонандаи тоҷик, ки қабл аз ин бо Сулаймон Лоиқу Бориқ Шафей ошно буд, ба воситаи заҳмати Зоҳир Аҳрорӣ акнун бо Носири Таҳурӣ, Муҳаммадшоҳ Воиз ва Абдулқавими Қавим барин шоирони афғон, ки барои хонандаи тоҷик номҳои наванд, шинос шудаст.

Дар соли 1980, тавре мушоҳида шуд, дар нашру таблиғи фарҳанги Афғонистон боз ҳам саҳми рӯзномаҳои тоҷикӣ ва хусусан рӯзномаи "Маориф ва маданият" хеле зиёд аст. Оид ба ду маводи дар бораи Афғонистон чоп намудаи ин рӯзнома болотар гуфта гузаштем. Пас дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" мақолаи афғоншинос Дӯстмурод Саидмуродов зери унвони "Айнӣ ва Афғонистон" 2-юми март аз чоп баромад. 4-уми март мақолаи Асоев Худойназар "Мисоқ – нависандаи реалист" дар рӯзномаи "Маориф ва маданият" ба табъ расид. 1-уми апрел мақолаи Азимов Н. "Омӯзиши фолклори Афғонистон" дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" чоп шудааст. 10-уми октябр мақолаи Олимҷон Хоҷамуродов "Таронаҳои дӯстӣ" дар рӯзномаи "Маориф ва маданият" ба хонандагони тоҷик пешниҳод шуд. Мақолаи таърихшинос-афғоншинос Шарофиддин Имомов "Тараннуми фатҳ" 28-уми октябр дар рӯзномаи "Маориф ва маданият" чоп шуд. Нависанда Ҷумъа Одинаев "Духтари деҳқон" ном ҳикояи Нурмуҳаммад Таракиро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, дар рӯзномаи "Маориф ва маданият" 14-уми октябр чоп кардааст. 13-уми ноябр корманди институти шарқшиносии АФ Тоҷикистон Анвар Асадов, ки бевосита ба омӯзиши адабиёти навини Афғонистон ҳамон вақт даст зада буд, "Вассофи инқилоб" ном мақолаеро дар рӯзномаи "Маориф ва маданият" чоп намуд. Адабиётшиноси варзида Атахон Сайфуллоев низ бисёр бо диққат ба адабиёти даризабони Афғонистон менигарист. Номбурда дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" 21-уми декабр "Садои дили дӯст" ном мақоларо ба табъ расондааст.

Дар моҳи марти соли 1980 дар Душанбе маҷмуаи шеърҳои шоири даризабони Афғонистон Бориқ Шафеӣ "Давронсоз" бо теъдоди даҳ ҳазор нусха нашр шуд. Олимону шоирони тоҷик ба ин шоири афғон ошноӣ ва таваҷҷуҳи хос доштанд. Тартибдиҳандагони ин маҷмуа олими афғоншинос Сайфулло Саидов ва шоири ширинкаломи тоҷик Лоиқ Шералӣ буданд. Тартибдиҳандагон дар оғози ин китоб бо номи "Шоири инқилобии Афғонистон" як пешлафзи кутоҳе навишта, роҷеъ ба Бориқ Шафеӣ маълумоти фишурдае додаанд. Дар ин пешлафз онҳо Бориқ Шафеиро ҳамчун шоири нававару инқилобӣ ба қалам дода, зикр кардаанд, ки "Бориқ Шафеӣ як ҳунарманди театр, як журналисти чирадаст, шоир ва нависандаи маҳбуб ва як шахсияти фаъоли инқилобиро дар худ ҷамъ кардааст. Ӯ ҳамчун шоири нававар пешоҳанги ҷустуҷуҳои пуршӯри "шеъри нав" буда, барои дастовардҳои барҷастааш дар ҷодаи "шеъри нав" шоистаи ҷоизаи миллии "”Раҳмонбобо" гардидааст [4, с.4].

Шоирони Афғонистон ҳамеша мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла, шоирони кишвари моро ҳамчун рафиқу ҳамсояву ҳаммаслаку ҳамзабон гуфта, дар ҳар мавриди муносиб эҳсосу садоқати худро самимона ба забон меоваранд. Бориқ Шафеӣ барои олимону шоирони тоҷик дӯсти самимӣ ва гиромиқадр буд. Вақте сухан оид ба шоирони инқилобии Афғонистон меравад, олимони тоҷик Бориқ Шафеиро маҳз дар паҳлӯи онҳо гузошта, бо ихлоси махсус ёд мекунанд.

Инқилобёни Афғонистон киҳо буданд ва онҳо чи гуна шахсиятҳо буданд, афғоншинос Асозода Худойназар роҷеъ ба онҳо чунин зикр кардааст: "Пас чӣ касон буданд он адибони инқилобӣ? Аввалтар Нурмуҳаммади Тараки, раиси ҳизби "Халқ", котиби генералӣ, раиси давлати демократии Афғонистон, Сулаймон Лоиқ, Абдулкарим Мисоқ, Ғулом Дастагир Панҷшерӣ, Бориқ Шафеӣ – аъзоёни бюрои сиёсӣ ва вазирҳои фарҳангу молия ва ғайра" [2, с. 32]. Шоирони номбурдаро дар Тоҷикистон хуб мешиносанд. Маҳз бо талоши ҳамин гуна шоирон ба мисли Сулаймон Лоиқ, Абдулкарим Мисоқ, Ғулом Дастагир Панҷшерӣ, Бориқ Шафеӣ ва бисёр дигар чунин шоирони афғон дӯстии мардумони тоҷику афғон халалнопазир мегардад. Маҳз бо фаъолияти онҳо кушодани саҳифаҳои тозае, гузоштани як хишти наве дар тақвияти муштаракоти фарҳангии мамлакатҳои мо имконпазир мегардад. Дар ҳар навиштаи онҳо ва дар ҳар "Афғонистон" гуфтани адибони тоҷик, чун аз назари таҳлил нигоҳ мекунем, ҳатман ҳамрангиеро байни андешаҳои мардуми афғону тоҷик пайдо мекунем. Агар шеърҳои маҷмуаи "Давронсоз"-ро аз назар гузаронем, ҳатман тасдиқи далели болоиро пайдо карда метавонем. Яке аз шеърҳои ин маҷмуа "Ба хотири даргузашти аламноки шоири сулҳу озодӣ Мирзо Турсунзода дар Тоҷикистони Шуравӣ" ном дорад, ки пас аз фавти бармаҳали шоири маҳбуби мо ва тамоми Шарқ, навишта шудааст. Ин шеъри пуралам, ки аз се банд ва дар маҷмуъ аз 48 мисраъ иборат аст ин тавр оғоз шудааст:

Бимирам, ки шамъе ба маҳфил бимирад,
Чароғе ба хилватгаҳи дил бимирад.
Бимирам, ки ҷӯёи роҳатгаҳи дил,
Ба гоҳи расидан ба манзил бимирад.
Бимирам, ки занҷириёни ситамро
Баҳамбарзании ин салосил бимирад.
Бимирам, ки ин ҷӯяндагони ҳунарро
Ба ногоҳ устоди комил бимирад.
Бимирам, ки монад сухан бо суханвар
Ҳамин шоири фахлу фозил бимирад [4, с.136].

Бориқ Шафеӣ аз ин талафи адаби тоҷик ин қадар дар андуҳ аст, ки акнун дар ин олам зистани худро бе ин шоир, яъне Мирзо Турсунзода муносиб ва раво намебинад ва дар азият аст, ки ӯ зиндаву Мирзо Турсунзода тарки зиндагӣ кардааст:

Бимирам, ки ҷони ҳунар шуд зи дастам,
Бимирам, ки ӯ мурду ман зинда ҳастам.

Чун васеътар ба мазмуни ин шеър-марсия шинос мешавем, то чи андоза ҳамоҳанг будани андешаҳои мардуми афғону тоҷик бараъло ошкор мешавад. Ба ҳамон навъе, ки Бориқ Шафеӣ -"Мирзо Турсунзода намемирад" - мегӯяд ба ҳамон андоза шоир ба қавӣ ва устувор будани дӯстии мадумони одии ҳар ду мамлакат боварӣ дорад:

Бале, Мирзои суханвар намирад,
Чун ӯ аз ҳунар кас чунин бар нагирад.

Як шеъри дигари ин маҷмуа “Чашмони шоир” ном дорад, ки вай ба шоир Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ бахшида шудааст. Пас аз унвони шеър Бориқ Шафеӣ чун муроҷиате ба хонандаи афғон чунин гуфтааст: “Ба шоири кишвари Шуроҳо, ба ҳунарманди арҷманди тоҷик, ба азизу ба дил наздик Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ” [4, с.138]. Ин шеъри шоир шояд ҷавоб ба шеъри Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ “Нигоҳи шоир” бошад. Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ба Афғонистон сафари кӯтоҳе доштааст ва ҳангоми сафар бо Бориқ Шафеӣ ҳамсуҳбат шуда, бахшида ба ӯ шеъри “Нигоҳи шоир”-ро навишта, тақдим карда будаст. Чун ба ин шеър менигарем, душвор нест пай бурдан, ки Бориқ Шафеӣ сафари шоири тоҷик ва он суҳбатеро, ки бо ӯ доштааст, мавриди хубе пиндошта, дар симои як нафар шоири тоҷик мардуми моро бо нигоҳи пур аз муҳаббат пеши назар оварда, бо ин васила эҳтироми бепоёни худро баён кардааст. Ӯ дӯстии мардумони ду кишвари ҳамсояву ҳамдилро мояи қиматбаҳо дониста, ҷовидонии онро орзу кардааст:

Туро ман меситоям ҷони шоир,
Чунон чун ҷон туӣ ҷонони шоир...
Басе дер омадиву меравӣ зуд
Ба рағми шавқи бепоёни шоир.
Кунун чун меравӣ бо ҷонам аз бар
Намебошӣ шабе меҳмони шоир.
Саломи ман бубар ба Тоҷикистон
Ба ҳамразмони ман – ёрони тоҷик.
Дар он ҷо гавҳари инсон гиромист,
Хусусан ҳастии инсони шоир.
Рафиқон, дӯстиҳо ҷовидон бод
Миёни тоҷику афғони шоир! [4, с.138-139].

Бориқ Шафеӣ дар ин шеъри худ тоҷикистониҳоро бародарони хеш хонда, орзуи дидани Тоҷикистонро кардааст. Ин орзуи шоир ва ин гуна ба Тоҷикистон меҳр доштани шоири тоҷиктабори афғон, албатта, эҳсоси яклаҳзаӣ набуд ва дар қалби мардуми ин сарзамин нав пайдо нашудааст.

Дар моҳи декабри сои 1980 рӯзномаи “Маориф ва маданият” ду мақоларо бахшида ба Афғонистон ба табъ расондааст. Яке аз ин мақолаҳо, ки “Маъхази муҳим” ном гирифтааст ба қалами таърихшинос Маҳкам Мавлонов тааллуқ дорад. Ин мақоларо рӯзномаи мазкур 4-уми декабр чоп кардааст. Мақола ба асари Маҳдихони Астарободӣ “Дураи Нодира”, ки ба таърихи нимаи якуми асри ҳаждаҳи Афғонистон дахл дорад, бахшида шудааст.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров ҳамеша нисбат ба мардуми Афғонистон ва забону адабиёти ин кишвар таваҷҷуҳи хос доштанд. Пас аз пирӯзии Инқилоби Савр дар Афғонистон ин таваҷҷуҳ боз бештар шудааст. Чун устод ба фаъолияти адабии яке аз адибони намоёни Афғонистон Асадулло Ҳабиб

шинос мешаванд, он гоҳ мақолаеро бо номи “Адиби давраи инқилоб” навишта, онро дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” 13-уми декабри соли 1980 чоп менамоянд. Он вақт Асадулло Ҳабиб ҳанӯз чилсола ҳам нашуда буд, вале ошноӣ бо олимону адибони тоҷик ва ҳунари асарофарии ӯ боис шуда буд, ки номи ӯро дар маҳфилҳои адабӣ аҳли адаб ба забон мегирифтанд. Зикр ҳам мекарданд, ки Асадулло Ҳабиб дар эҷод намудани асарҳои мансур аз лиҳози мазмуну услуб як навъ пайравӣ ба устод Садриддин Айнӣ дорад. Устод Соҳиб Табаров ба фаъолияти Асадулло Ҳабиб нигоҳ карда, вазъи адабиёти ҳамонвақтаи мардуми Афғонистонро ин тавр тасвир намудааст: “Инқилоби Кабири Савр дар ҳаёти ҷамъиятии Республикаи Демократии Афғонистон табаддулоти азимеро ба вуҷуд овард, ки он ба муҳити илмӣ, маданӣ, адабӣ, матбуот ва амсоли онҳо ҳам таъсири калон расонид. Таъсиси Иттифоқи нависандагони РДА ва ба раисии правленияи он интихоб гардидани яке аз нависандагони маъруф, адабиётшинос ва профессори университети Кобул Асадулло Ҳабиб аз он башорат медиҳад, ки аксари мутлақи зиёиёни эҷодии Афғонистон, аз он ҷумла нависандагон, шоирон, драматургон, мунаққидони халқу миллатҳои гуногуни ин кишвар дар атрофи Партияи демократии халқи Афғонистон гирд омада, бо эҷодиёти серсоҳаи пурмазмуну баландсанъати худ аз як тараф, барои фош намудани симои манҳуси душманони меҳнаткашон ва барои офариниши образҳои типпии қувваҳои демократӣ ва револютсионӣ дар адабиёти бадеии муосир саҳм хоҳанд гузошт ва аз тарафи дигар, барои аз навсозии тафаккури асрҳои аср дар зери таъсири хурофоти феодалӣ мондаи оммаи васеи халқ мубориза хоҳанд бурд” [12].

Дар солҳои дигари даҳсолаи ҳаштуми асри XX таваҷҷуҳи мардуми тоҷик, алалхусус аҳли илму фарҳанг ба Афғонистон беш аз пеш шудааст. Дар шуъбаи Эрону Афғонистони Институти Шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон то Инқилоби Савр шумораи афғоншиносон ангуштшумор буд, ки аслан ба омӯзиши масоили адабу фолклор машғул буданд. Пас аз дигаргуниҳои сиёсӣ дар Афғонистон, ҳамчун тақозои вақт, шумораи ин гуна кормандон ба маротиб зиёд карда шуд. Шумораи мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, таърих ва ақидаҳои ҷамъиятӣ афзоиш ёфт.

Аз тариқи Институти Шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон ҷавонони тоҷик ба марказҳои илмӣ-тадқиқотии калонтарин шаҳрҳои Русия рафта, зери сарпарастии олимони варзидаи рус ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи таъриху иқтисоду филологияи Афғонистон машғул мешуданд ва рисолаҳои номзадӣ дифоъ мекарданд, мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ менавиштанд. Ба ин мисоли равшан монографияи шодравон Саиданвар Шохуморов “Ахками Хузур” как источник по истории Афганистана начала XX в.” мисоли равшан шуда метавонад [16, с.136]. Мисоли дигар: Имомов Шарофиддин Зуҳуриддинович дар шаҳри Маскав соли 1984 рисолаи номзадиро аз рӯйи ихтисоси таърих дар мавзӯи “Общественная мысль Афганистана в

первое десятилетие после востановления независимости (1919-1929 гг.)" дифоъ кардааст.

Дар соли 1981 нашриёти "Дониш" китоби афғоншиноси маъруфи тоҷик Ҳақназар Назаров "Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ"-ро аз чоп баровард. Ҳақназар Назаров аз тариқи ин рисолаи илмии худ ба хонандаи тоҷик Саид Ҷамолиддини Афғониро (1838-1897) дар қатори барҷастатарин маорифпарварони асри XIX дида, чунин зикр кардааст: "Муаллифи ин сатрҳо дар пеши худ вазифа гузоштааст, ки дар асоси таълифоти худи С. Ҷамолиддин, ки аз асарҳои гуногун гирдоварӣ шудаанд, фаъолияти сиёсӣ-иҷтимоии ӯро ба таври мухтасар таҳлил ва тадқиқ намуда, симои ҳақиқии ӯро ба хонандагони гиромӣ маъруфӣ намояд ва он иштибоҳот ва тасаввуроти нодурустеро, ки дар бораи С. Ҷамолиддин вуҷуд дорад, бартараф намояд" [7, с. 7]. Ин асари илмӣ аз муқаддима, ҳафт боб ва хулосаву замима иборат аст. То нашри ин рисола дар Тоҷикистон ба аҳли адабу фарҳанг номи Саид Ҷамолиддини Афғонӣ шинос бошад ҳам, тавре муаллифи рисола иброз намудааст, тасаввурот оид ба фаъолият ва нақши ин шахсияти намоёни халқи афғон ба доираи васеи хонандагон ё маълум набуд ва агар маълум буд, онро кофӣ гуфтан мумкин нест. Саид Ҷамолиддини Афғонӣ кист ва барои чӣ омӯхтани паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти ӯ ҷолиб аст, онро ҳанӯз ҳангоми қироати муқаддимаи рисола пай бурдан мумкин аст. Муаллиф зикр кардааст, ки "Дар таърихи мамлакатҳои Шарқи Миёнаи қарни нуздаҳум камтар шахсеро метавон пайдо кард, ки ба андозаи Саид Ҷамолиддини Афғонӣ барои бедории халқҳои ин сарзамин ва раҳоӣ ёфтани онҳо аз асорати истибдоди феодалӣ ва истеъмори хориҷӣ хидмат ва ҷоннисорӣ карда бошад" [7, с. 3].

Маҳз ба воситаи ин асари Ҳақназар Назаров мардуми тоҷик ба яке аз шахсиятҳои маъруфи фарҳанги Афғонистон шинос мешавад ва саҳми ӯро дар паҳн шудани ақидаҳои маорифпарварӣ пурра эҳсос карда метавонад.

Тавре мебинем, дар соли 1980 ва дар аввалин моҳҳои соли 1981 олимони тоҷик ва умуман аҳли қалами тоҷик бисёр кӯшиш кардаанд, ки ҳарчи бештар хонандаи мо ба фаъолияти адабӣ, ҷараёни зиндагӣ ва намунаи эҷодиёти аҳли адабу фарҳанги Афғонистон шинос шаванд. Дар мисолҳои овардаву таҳлилшуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки маҳз муштаракоти адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Афғонистон дар гузаштаву имрӯз боиси боз ҳам бештар наздик шудани мардумони мо шуда метавонанд.

## АДАБИЁТ:

1. Асоев Х. Развитие жанров в прозе на дари. Душанбе, 1987, (1919-1970- годы. 120 с.

2. Асозода Х. Чеҳраҳо. Душанбе, 1996, 208 с.

3. Аҳрорӣ З. Сангари набарди халқ. "Садои Шарқ", 1980, № 5, с. 124.

4. Борик Шафей. Давронсоз. Душанбе, 1980. Тартибдиҳандагон маҷмӯаи Сайфулло Саидов ва Лоиқ Шералӣ. 142 с.

5. Детская литература. (Журнал), Москва, 1984, № 4. 80 с.

6. Касис В., Рашидов К. Афганистан сегодня. М. 1980. 64 с.

7. Назаров Ҳ. Омолу афкори Саид Ҷамолиддин и Афғонӣ. Душанбе, 1981, 108 с.

8. Панҷширӣ Д. Саври зафарбахш. “Садои Шарқ”, 1980, № 5.

9. Правда об Афганистане. Составители: Ю. Волков, К. Говоркян, И. Михайленко, А. Полонский ва В. Светозаров. М. 1980, 176 с.

10. Проханов А. Дерево в қентре Кабула. М. 1982, 238 с.

11. Сулаймон Лоиқ. Кишвари ман. Садои Шарқ, 1980, № 5.

12. Табаров Соҳиб. Адиби давраи инқилоб. Рӯзномаи “Маориф в маданият”, 18 декабрисоли 1980.

13. Турсунзода М. Ҳамеша бо ватан. Душанбе, 2001, 406 с.

14. Тараки Нур Мухаммад. “Скитания Банга и другие повести”, М. 1980. 235 с.

15. Халфин Н. А. Заря свободы над Кабулом. М. 1985, 320 с.

16. Шохуморов С.“Ахками Хузур” как источник по истории Афганистана начала XX в. М.,1980, 272 с.

## ИЗУЧЕНИЕ АФГАНСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ В ВОСЬМИДЕСЯТИЕ ГОДЫ XX ВЕКА

*Афганистан – наш ближайший сосед. Эта страна очень близкая нам не только по географическому расположению, но и по языку, культуре, литературе и истории. Именно близость границ и культуры привела к тому, что ряд таджикских ученых, большинство из которых в XX веке работали в Афганистане с большим энтузиазмом собрав много научных материалов о фольклоре, литературе, культуре, экономике и истории этой страны, затем создавая научные труды опубликовали их. После такого важного политического события в этой стране, как Саурская революция внимание таджикских ученых и, можно сказать всего мира, к афганскому вопросу значительно возросло. В Таджикистане стали чаше опубликовать образцы произведений современных афганских поэтов. В этом отношении в те годы значительную роль сыграла СМИ Таджикистана, в том числе журнал “Садои Шарк” (Голос Востока). Данная статья посвящена именно вопросу изучения Афганистана в Таджикистане в восьмидесятые годы XX века.*

***Ключевые слова:*** *Афганистан, Саурская революция, Таджикистан, литературные связи, фольклор, афганист, Захир Ахрори, Сулейман Лоик, Борик Шафеи, “Садои Шарк” (Голос Востока), “Маориф ва маданият ” (Образование и культура), Хакназар Назаров.*

## THE STUDY OF AFGHANISTAN IN TAJIKISTAN IN THE EIGHTIES OF THE TWENTIETH CENTURY

*Afghanistan is our closest neighbor. This country is very close to us not only in geographical location, but also in language, culture, literature and history. It was the proximity of borders and culture that led to the fact that a number of Tajik scientists, most of whom worked in Afghanistan in the twentieth century, enthusiastically collected a lot of scientific materials about folklore, literature, culture, economy and history of this country, thereby creating scientific works and publishing them. After such an important political event in this country as the Saur Revolution among Tajik scientists, it can be said that the whole world, to the Afghan issue, means rebirth. In Tajikistan, images of the works of modern Afghan poets began to be published more often. In this regard, in those years, the role of Tajikistan's artists, including the magazine Sadoi Shark (Voice of the East), played a significant role. This article is devoted to the significant issue of the spread of Afghanistan in Tajikistan in the eighties of the twentieth century.*

***Keywords:*** *Afghanistan, Saur Revolution, Tajikistan, literary relations, folklore, Afghanist , Zahir Ahrori, Suleiman Loik, Borik Shafei, Sadoi Shark, education and culture, Haqnazar Nazarov.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ваҳобова Назира Сатторовна -** ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. тел. 901114700; E mail: naziravahobova25 @gmail.com

**Сведения об авторе: Вахобова Назира Сатторовна -** Ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. тел. 901114700; E mail: naziravahobova25@gmail.com

**About the author: Vakhobova Nazira Sattorovna -** A leading researcher at the Institute for the Study of Asian and European Problems of Nantes. Address: 33 Rudaki Ave., Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel: 901114700; E-mail: NaziraVahobova25@gmail.com

***ИҚТИСОДЁТИ ҶАҲОНӢ***

# ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ: ТАЪРИХ, СОХТОР, ВАЗИФА ВА ДУРНАМО

**ЛУТФУЛЛО БАРОТОВ**
Ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур таъриху сохтор ва дурнамои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф зарурати ташкил кардани як Иттиҳоди ҳамгироии иқтисодиро дар қаламрави собиқ Иттиҳоди шуравӣ таъкид намуда, ҳадафҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва амалкарди раҳбарияти кишварҳои аъзои онро рӯйи коғаз оварда, камбудиҳои мавҷударо ошкор намудааст. Ӯ хулоса мекунад, ки бо вуҷуди ҳама камбудиву норасоиҳо Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба кишварҳои аъзои худ манфиати муайяни иқтисодӣ овардааст ва дарояндаи наздик ин иттиҳод имкон дорад мукаммалу қавитар гашта, ба яке аз муҳимтарин субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мубаддал гардад ва шумораи аъзои худро бештар созад.*

***Калидвожаҳо**: ҳамгироии иқтисодӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, бозори ҷаҳонӣ, иқтисоди миллӣ, рақобатпазирӣ, рушди иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ.*

Аз рӯзи пайдо шудани ҳаёт дар курраи Замин мавҷудот барои дастрасии бештар ба манбаъҳо мубориза бурда, рақобат менамоянд. Ин рақобат баъди ба вуҷуд омадани ҷомеаҳои инсонӣ боз ҳам шадидтар шудааст. Дар сатҳи ҷаҳонӣ қавмҳо, миллатҳо ва кишварҳо бо ҳам рақобат карда, барои васеътар намудани ҷойгоҳи хеш дар ҷаҳон бо ҳамдигар рақобат мекунанд. Маълум аст, ки дар ин муборизаҳо қавитаринҳо ҳамеша пирӯзӣ ба даст меоранд. Заифтарҳо маҷбур мешаванд, ки бо ҳамдигар иттиҳод ташкил карда, дар якҷоягӣ манфиатҳои муштараки хешро ҳифз намоянд. Ин иттиҳодҳо дар вазъияти ҷангӣ бештар ба чашм мерасиданд, вале дар сад соли охир, ки ҷаҳон нисбатан орому мутамаддин гаштааст, иттиҳодҳои иқтисодӣ, барои рақобатпазир шудан дар бозори ҷаҳонӣ бештар ба назар мерасанд. Муваффақтарини онҳо Иттиҳоди Аврупо, Тавофуқномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ, Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошанд, ки ҳар кадом дар сатҳи муайян ҳамгироии кишварҳои алоҳидаро ба роҳ андохтааст. Дар ин ҷустор Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мавриди таҳлилу баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Баъди пошхурии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ кишварҳои аъзои он сиёсати мустақилро пеш гирифта, кӯшиш карданд, то дар танҳоӣ низоми иқтисодии хешро ислоҳ намуда, ба бозори ҷаҳонӣ ворид гарданд. Вале

дере нагузашта маълум шуд, ки рақобат дар ин бозор хеле шадид аст ва иқтисодҳои навворидшаванда ба осонӣ наметавонанд дар он ҷойгоҳи сазовор пайдо намоянд. Омӯзишҳо нишон доданд, ки дар дигар минтақаҳо раванди ҳамгироиҳои иқтисодӣ босуръат амалӣ шуда истодааст ва кишварҳое, ки дар бозори ҷаҳонӣ аллакай ҷойгоҳи мустаҳкам доранд, бо ворид шудан ба чунин иттиҳодҳои иқтисодӣ боз ҳам қавитар шуда истодаанд. Барои як кишвари тозаистиқлол дар чунин шароит рақобат кардан бо онҳо хеле мушкил аст. Ҳамзамон, дар асоси Созмони ангиштсанг ва оҳан (1952) ва Ҷомеаи иқтисодии Аврупо (1958) кишварҳои пешрафтаи Аврупо тадриҷан сатҳи ҳамгироии иқтисодии хешро боло бурда, саранҷом Иттиҳоди Аврупоро дар соли 1992 ташкил карданд, ки диққати давлатмардон ва пажуҳишгаронро ҷалб карда буд. Ҳамчунин се кишвари Амрикои Шимолӣ – ИМА, Канада ва Мексика дар соли 1993 Тавофуқномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолиро ба имзо расониданд, ки мавқеи ин кишварҳоро дар бозори ҷаҳонӣ ба маротиб қавитар сохта буд. Дар ин маврид пажуҳишгарони рус Р. С. Гринберг ва А. Г. Пилин чунин мегӯянд: "Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки иқтисодҳои ҳаҷман хурду миёна, бо дарназардошти муҳиммияти ҳаҷми бозор ба эффекти ҳаҷми истеҳсолот, танҳо дар доираи иттиҳодҳои ҳамгироии нисбатан бузургтар метавонанд рақобатпазир бошанд" [4]. Ин буд, ки дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил масъалаи ҳамгироиҳои нав ба миён омад. Худи ИДМ як майдоне барои ҷудошавии мутамаддин буд ва ба сатҳи иттиҳодҳои қавие ба монанди Иттиҳоди Аврупо ва Тавофуқномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ наздик шудан ва бо онҳо рақобат кардан дар доираи он намеғунҷид. Якумин шуда дар соли 1994 собиқ президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев идеяи ташкил кардани як иттиҳоди ҳамгироии иқтисодии қавиеро бо номи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё пешниҳод намуд, ки он тайи солҳои баъдӣ тадриҷан амалӣ шудан гирифт ва чанд кишвари ИДМ ба он пайвастанд. Ҳамгироиҳо дар ин доира зери созишномаҳои гуногун то соли 2014 идома дошт, ки саранҷом он ба таъсиси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҳамчун як Иттиҳоди иқтисодӣ, ки дар он ҳаракати озодонаи молу маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ таъмин карда мешавад, оварда расонд.

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ташкилоти байналмилалии ҳамгироии иқтисодии минтақавие мебошад, ки субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ аст ва дар асоси Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё бунёд гузошта шудааст. Дар ин иттиҳод ҳаракати озоди чор унсур молу маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ таъмин карда мешавад ва ҳамчунин пешбарии сиёсати ҳамоҳангшуда, мувофиқашуда ва ягона дар бахшҳои гуногуни иқтисод ба роҳ монда шудааст. Ҳадафҳои асосии ин иттиҳод модернизатсияи ҳамаҷониба, кооператсия ва болобарии рақобатпазирии иқтисодҳои миллӣ ва сохтани шароити мувофиқ барои рушди устувори кишварҳои аъзои он ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии онҳо мебошад [14].

Академики Академияи илмҳои табиатшиносии Русия Самат Алиев чунин менависад: “Иттиҳод бо мақсади модернизатсияи ҳамаҷониба, кооператсия, болобарии рақобатпазирии иқтисодҳои миллӣ ва ба вуҷуд овардани шароит барои рушди устувор ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагиву маишати аҳолии кишварҳои аъзои он созмон дода шудааст. Дар доираи иттиҳод ҳаракати озоди молу маҳсулот, хизматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ таъмин карда мешавад”[3]. То имрӯз ин ҳадафҳо пурра амалӣ нашудаанд ва мамонияти зиёд вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин кишварҳои аъзои ин иттиҳод доранд ба самти бардоштани мушкилоти мавҷуда ҳаракат мекунанд ва дар ояндаи наздик натиҷаи онро хоҳем дид.

**Таърих**

Пас аз ба даст овардани истиқлол кишварҳои пасошуравӣ кӯшиш карданд, ки пурра мустақилона ҷойгоҳи худро дар бозори ҷаҳонӣ ва сиёсати байналмилалӣ даёбанд. Вале маълум гардид, ки ин майдони хеле пуррақобат буда, ворид шудан ва дарёфти ҷойгоҳи арзанда дар он осон нест. Ҳамзамон, дар минтақаҳои дигари ҷаҳон кишварҳо иттиҳодҳои ҳамгироии иқтисодӣ сохта, мавқеи худро мустаҳкамтар намуда истода буданд. Ҳарчанд моҳи декабри соли 1991-ум Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил поягузорӣ шуд ва амал мекард, вале ҳадафҳои он ташкили як бозори ягона набуд. Ин иттиҳод бештар ба масъалаҳои ҷудошавии мутамаддин таваҷҷуҳ мекард ва то андозае кӯшиш мекард то бо кам кардани маҳдудиятҳои тиҷорӣ миёни кишварҳои аъзо як минтақаи тиҷорати озодеро дар қаламрави кишварҳои пасошуравӣ роҳандозӣ намояд. Ба ҳар ҳол ин иттиҳод як ҳамгироии иқтисодие шуда наметавонист, ки манфиатҳои иқтисодиву сиёсии кишварҳои аъзои худро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифз кунад ва дар баробари дигар иттиҳодҳои ҳамгироии иқтисодӣ (Иттиҳоди Аврупо, Тавофуқномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ, Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва ғ.) истодагарӣ карда тавонад.

Моҳи марти соли 1994 президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев дар доираи аввалин сафари расмии худ ба Федератсияи Русия дар Донишгоҳи Давлатии Маскав баромад карда, барои аввалин бор идеяи Иттиҳоди АвруОсиёро ироа намуд. Дар ин суханронии хеш Президент Назарбоев гуфт: "Зарурате ба миён омадааст, ки кишварҳои мо ба зинаи болотари ҳамгироӣ дар заминаи иттиҳоди нави байналмилалӣ, ки дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ ва баробарӣ фаъолият мекунад, гузаранд. Иттиҳоди АвруОсиё метавонад чунин як иттиҳод бошад. Он бояд дар асоси принсипҳои фарқкунанда аз принсипҳои ИДМ сохта шавад, чунки асоси ин иттиҳоди навро ниҳодҳои фаромиллӣ ташкил хоҳанд кард. Ин ниҳодҳои фаромиллӣ бояд ду вазифаи асосиро иҷро кунанд: ташаккули қаламрави ягонаи иқтисодӣ ва таъмини сиёсати муштараки амниятӣ. Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки ҳама масъалаҳои дигар ба монанди таъмини соҳибихтиёрӣ, сохтори дохилии сиёсии давлат, сиёсати хориҷии ҳар як давлати аъзо сирф дар ихтиёри худи

давлатҳои қарордошта, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар аз вижагиҳои он хоҳад буд"[12]. Идеяи як иттиҳоди нав бо сатҳи ҳамгироиҳои болотар дар қаламрави кишварҳои пасошуравӣ бо номи Иттиҳоди АвруОсиё аз ҳамин ҷо оғоз шуд, ки баъдан мавриди қабул ва дастгирии чанд давлати дигари пасошуравӣ қарор гирифт.

Дере нагузашта дар соли 1995 кишварҳои Қазоқистон, Федератсияи Русия ва Белорус Созишнома дар бораи Иттиҳоди гумрукиро ба имзо расониданд, ки ҳадафи он бардоштани монеаҳои тиҷоратӣ, гардиши озоди молу маҳсулот ва таъмини рақобати озод миёни субъектҳои хоҷагидории ин кишварҳо буд, ки натиҷаи он рушди устувору босуръати ин давлатҳо мегардид. Ин аввалин гом дар ростои бунёди Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё буд, ки президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев тақрибан як сол пеш аз имзои ин созишнома, пешниҳод карда буд. Пас аз он ин идея тадриҷан тақвият ёфта, дар амал татбиқ шудан гирифт ва қадами дуюм аллакай 26 марти соли 1996 гузошта шуд, ки дар ин рӯз дар шаҳри Маскав сарварони кишварҳои Қазоқистон, Белорус, Федератсияи Русия ва Қирғизистон Шарнома дар бораи амиқтар намудани ҳамгироиҳои иқтисодиву гуманитариро ба имзо расониданд. Тоҷикистон пас аз ба даст овардани сулҳи пойдор дар кишвар, танҳо дар соли 1998 тавонист ба ин Шартнома ворид гардад ва ҳамгироии бештар бо кишварҳои аъзои онро дошта бошад. Дере нагузашта, 26 феврали соли 1999 ин панҷ кишвар Шартнома дар бораи Иттиҳоди гумрукӣ ва Қаламрави ягонаи иқтисодиро ба имзо расониданд. Даҳуми октябри соли 2000-ум панҷ кишвари мазкур дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди ташаккули Иттиҳоди гумрукӣ ва Қаламрави ягонаи иқтисодӣ ба Ҷамоаи иқтисодии Авруосиё (Евразийское экономическое сообщество) асос гузоштанд. Бо ҳамин давраи якуми кӯшишҳои сохтани як Иттиҳоди ҳамгироии иқтисодии ин кишварҳо ба анҷом расид. Дар зинаҳои баъдӣ танҳо Федератсияи Русия, Қазоқистон ва Белорус дар раванди бунёди ин созмон фаъол буданд. Тоҷикистону Қирғизистон то замоне аз ин ҷараёнҳо канор рафтанд. Аммо агар аз соли 2015-ум Қирғизистон ба он баргашта бошад, Тоҷикистон то ҳол дигар ба он пайваст нашудааст.

Пас аз се соли камрангӣ дар масъалаи ҳамгироиҳои иқтисодии кишварҳои пасошуравӣ, дар шаҳри Ялтаи Украина сарварони Федератсияи Русия, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Белорус бо иловаи Украина созишномаи нав бо номи Созишнома дар бораи ташкили Қаламрави ягонаи иқтисодиро ба имзо расониданд. Дар ин ҷо дигар Тоҷикистону Қирғизистон ширкат надоштанд ва барои Украина ин аввалину охирин кӯшиш ҷиҳати пайвастан ба равандҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳои пасошуравӣ буд. Баъдан дар ин кишвар инқилоби ранга ба вуҷуд омада, самти ҳаракати онро ба сӯйи Аврупо гардиш дод. Аммо се кишвари дигар масири ҳаракати хешро идома дода, ба зинаҳои болотари ҳамгироиҳои иқтисодӣ қадам гузоштан гирифтанд.

Бухрони молиявию иқтисодии солҳои 2007-2008 заъфи ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро ошкортар кард. Он барои суръат гирифтани равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё замина ба вуҷуд овард. Шашуми октябри соли 2007-ум аз ҷониби Федератсияи Русия, Қазоқистон ва Белорус Шартнома дар бораи сохтани Қаламрави ягонаи гумрукӣ ва ташкили Иттиҳоди гумрукӣ ба имзо расонида шуд. Ҳадафҳои нав ҷиҳати таъмини гардиши озоди молу маҳсулот миёни се кишвар ва нияти сохтани шароити мусоид барои тиҷорати ин кишварҳо бо кишварҳои дигари ҷаҳон эълон карда шуданд. Дар давоми 3 соли баъдӣ зери таъсири бухрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ корҳо дар ин самт идома пайдо карда, моҳи январи соли 2010 Иттиҳоди гумрукии Федератсия Русия, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Белорус фаъол шуд. Тарифҳои ягонаи гумрукӣ ҷорӣ шуданд, дар сарҳадҳои онҳо барасмиятдарории гумрукии молу маҳсулот ва назорати гумрукӣ аз миён бардошта шуд ва гардиши бемаҳдуди молу маҳсулот дар се кишвар таъмин гардид [13].

Се кишвари номбурда дар моҳи ноябри соли 2011-ум Шартнома дар бораи Комиссияи иқтисодии Авруосиё ва Декларатсияи ҳамгироии иқтисодии АвруОсиёиро ба имзо расониданд, ки онҳо дар соли 2012-ум дар амал татбиқ гардиданд. Ҳамон соли 2011-ум бисёре аз шартномаҳои сеҷониба пурра фаъол гардиданд ва гуфтушунидҳои онҳо бо Қирғизистон ҷиҳати пайвастани ахирӣ ба Иттиҳоди гумрукӣ ва Минтақаи ягонаи иқтисодӣ оғоз гардиданд.

Саранҷом дар моҳи майи соли 2014-ум се кишвар Федератсия Русия, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Белорус Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро ташкил карда, созишномаи нав имзо карданд. Иттиҳоди нав бо ҳамгироиҳои бештар январи соли 2015-ум фаъол гардид ва ҳамон сол Арманистон ва Қирғизистон ба он ворид гардиданд. Дар ҳоли ҳозир ин иттиҳод панҷ аъзо дошта, то дараҷае коршоямии хешро дар сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ намудааст. Кишварҳои Ӯзбекистон, Куба ва Молдова дар он мақоми нозирро дошта, чанд кишвари дигар, аз ҷумла Тоҷикистон дар ҳоли омӯзиши имконоти ин иттиҳод мебошанд.

**Сохтор ва вазифаҳо**

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ ва ниҳоди фаромиллӣ аз Шурои олии иқтисодии АвруОсиё, Шурои байниҳукуматии иқтисодии Авруосиё, Комиссияи иқтисодии Авруосиё ва Додгоҳи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё иборат мебошад.

Шурои олии иқтисодии АвруОсиё ниҳоди олии иттиҳод буда, аъзои он сарварони давлатҳои аъзо мебошанд. Ҳар сол як кишвари аъзо раҳбарии ин ниҳодро ба душ гирифта, сарвари он раиси Шурои олии иқтисодии АвруОсиё мешавад. Ин ниҳод масъалаҳои усулии фаъолияти иттиҳод, муайянсозии стратегияи он ва самти ҳаракату дурнамои рушди ҳамгироиҳоро ба уҳда дорад. Ҷаласаҳои он на камтар аз як маротиба дар як сол баргузор мегарданд ва агар зарурат пеш ояд бо ташаббуси ягон кишвари аъзо ё худи раиси шурои мазкур ҷаласаҳои ғайринавбатӣ эълон карда мешаванд [1-85].

Ба Шурои байниҳукуматии иқтисодии Авруосиё раисони ҳукуматҳои кишварҳои аъзои иттиҳод ворид мешаванд. Ҷаласаҳои он на камтар аз ду маротиба дар як сол баргузор мегарданд ва агар зарурат пайдо шавад, бо дархости ягон кишвари аъзо ё раиси ин шуро ҷаласаи ғайринавбатӣ гузаронида мешавад. Ба вазифаҳои Шурои байниҳукуматии иқтисодии Авруосиё назорат аз болои иҷроиши Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва ҳалномаҳои Комиссияи иқтисодии Авруосиё, қабули лоиҳаҳои буҷети иттиҳод ва дар ҳолати зарурӣ лағв ва ё дигар кардани ҳалномаҳои қабулнамудаи Комиссияи иқтисодии Авруосиё дохил мешаванд [1-84].

Комиссияи иқтисодии Авруосиё як ниҳоди назоратии доимии фаромиллии иттиҳод мебошад, ки вазифаи асосии он таъмини шароити мусоид барои фаъолият ва тақвият ёфтани иттиҳод ва коркарди пешниҳодҳо барои ҳамгироии бештари иқтисодӣ дар доираи иттиҳод аст. Ин ниҳод асосан барои фаъолияти самаранок ва рушди босуръати иттиҳод ташкил ёфтааст. Иҷрои тасмимҳои ҳуқуқӣ-меъёрии он барои кишварҳои аъзо ҳатмӣ мебошанд. Хусусияти асосии комиссия дар он аст, ки ҳама тасмимгириҳои он дастҷамъона қабул карда мешаванд. Комиссияи иқтисодии Авруосиё аз 12 аъзо иборат мебошад, ки ба ҳар кишвари аъзо 3 нафарӣ рост меояд ва яке аз онҳо раҳбари комиссия мебошад. Ҳалномаҳо, супоришномаҳо ва тавсияҳои комиссия дар иттифоқи назари умумӣ қабул карда мешаванд, ки ин ба ҳеҷ як кишвари аъзо имкон намедиҳад, ки худхоҳӣ кунад. Ҳатто агар яке аз аъзои он муқобил барояд ҳалнома қабул нахоҳад шуд [3]. Дар маҷмуъ, Комиссияи Иқтисодии Авруосиё фаъолияти худро бо дарназардошти манфиатҳои миллии ҳамаи кишварҳои аъзо, асоси иқтисодӣ доштани ҳалномаҳо, кушодагӣ, шаффофият ва айният ба роҳ мемонад. Дар ҳар 4 сол аъзо ва раҳбарияти Комиссияи Иқтисодии Авруосиё иваз мегардад ва аз рӯйи алифбо намояндаи як кишвари аъзо бо навбат онро раҳбарӣ менамоянд. Аъзои шуро аз ҳар кишвар метавонанд такрорӣ ҳам таъйин гарданд [15-79].

Додгоҳи Иттиҳоди иқтисодии АврuОсиё ниҳоди додгоҳии иттиҳод аст, ки иҷроиши Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва дигар шартномаҳои байналмилалиро аз ҷониби кишварҳои аъзо ва ниҳодҳои дигари иттиҳод назорату таъмин менамояд. Он аз 10 додрас иборат мебошад, ки аз ҳар як кишвар дутогӣ рост меояд. Ҳар як шикоят аз ҷониби кишварҳои аъзо ва ё субъектҳои хоҷагидории ин кишварҳоро ин додгоҳ баррасӣ менамояд [15]. Фаъолияти Додгоҳи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имкон медиҳад, ки камбудиҳо дар қонунгузорӣ ва амалӣ шудани онҳо ошкор гарданд ва нофаҳмиҳо бо роҳҳои қонунӣ ҳалли худро ёфта, ислоҳот дар қонуну қоидаҳо саривақт ворид гардад.

Мувофиқи Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, дар ҳолати ба миён омадани мухолифат дар миёни ниҳодҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё тасмимҳои Шурои олии иқтисодии АвруОсиё дар баробари тасмимҳои Шурои байниҳукуматии иқтисодии Авруосиё ва Комиссияи иқтисодии Авруосиё

бартарӣ доранд ва дар навбати худ тасмимҳои Шурои байниҳукуматии иқтисодии Авруосиё дар баробари тасмимҳои Комиссияи иқтисодии Авруосиё авлавият доранд.

Бонки рушди АвруОсиё ва Фонди устуворсозӣ ва рушди АвруОсиё ду ниҳоди дигаре мебошанд, ки дар ҳамгироии кишварҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё саҳмгузор буда, дар асл ниҳодҳои ин иттиҳод маҳсуб намеёбанд. Онҳо ду ниҳоди байналмилалии мустақил буда, яке соли 2006-ум ва дуюмӣ соли 2009 таъсис ёфта буданд. Бо вуҷуди ин, ду ниҳоди мазкур дар дастгирии молиявии равандҳои интегратсионӣ, рушди иқтисодӣ ва субот дар кишварҳои аъзои иттиҳод нақши хеле муҳим доранд. Ба ду ниҳоди номбаршуда дар баробари 5 кишвари аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Тоҷикистон низ ворид гардидааст.

**Дурнамо**

Равандҳои сатҳи ҷаҳонӣ кишварҳои минтақаро маҷбур месозанд, ки бо ҳам оянд ва дар якҷоягӣ манфиатҳои худро пайгирӣ намоянд. Ин аст ки, дар оянда Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имкони васеъ шудан ва тақвият ёфтанро дорад. Агар бо сабабҳои муайяни солҳои охир Молдова аз ин ҳамгироӣ дуртар шуда бошад, кишварҳои Ӯзбекистон ва Куба наздиктар шуда истодаанд ва эҳтимоли пайвастани онҳо ба иттиҳоди мазкур зиёд аст.

Тоҷикистон имрӯз имкониятҳои пайвастан ба иттиҳоди мазкурро омӯхта истодааст. Дар ҳоли ҳозир ягон хулосаи аниқ вуҷуд надорад, вале воқеият ин аст, ки кишвари мо босуръати қонеъкунанда рушд карда истодааст. Вале маълум аст, ки дар ҳоли расидан ба як сатҳи муайян имконияти рушди босуръат дар танҳоӣ маҳдуд мегардад. Вобаста ба ин, кишвари мо ҳам баҳри нигоҳ доштани суръат ва устувории рушди ҳамаҷонибаи худ метавонад ба иттиҳодҳои ҳамгироии иқтисодӣ ворид гардад. Албатта Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё яке аз муҳимтарини онҳо барои кишвари мо мебошад.

Дар ҳоли интихоби иттиҳодҳои ҳамгироии иқтисодӣ кишварҳо ба маҳдудиятҳои зиёде дучор мегарданд. Дигаргуниҳои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва идорӣ вуҷуд доранд, ки пайвастан ба як иттиҳодро барои баъзе кишварҳо номумкин мегардонанд. Масалан, ба ҷуз кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Кавкази Ҷанубӣ, дигар кишварҳои қаламрави ИДМ (асосан кишварҳои Осиёи Марказӣ) аз нигоҳи ҷуғрофӣ наметавонанд ба ин иттиҳод пайваст шаванд. Илова бар ин, низоми сиёсии ин кишварҳо бештар ба низоми сиёсӣ ва идории кишварҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё наздикӣ доранд, фарҳанги онҳо низ нисбатан консервативӣ аст ва озодиҳои зиёди аврупоиро қабул карда наметавонанд. Ин аст, ки ин кишварҳои собиқ ИҶШС ва дигар кишварҳое, ки низомҳои сиёсиву идории мушобеҳ доранд дар оянда ба ин иттиҳод таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Нозир будани Ҷумҳурии Куба намунаи он буда метавонад.

Муносибати буҳронии Федератсияи Русия бо кишварҳои Ғарб ба раванди рушди ҳамгироиҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мушкилоти зиёд ба вуҷуд меоваранд. Чуноне ки Виталий Сологуб менависад: “Бадтар шудани буҳрон дар робитаҳо миёни Русия ва кишварҳои ғарбӣ таъсири манфии мустақиме ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дорад ва мушкилоти бештареро дар ҷараёни амалӣ сохтани ҳадафу нақшаҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар иттиҳод ба бор меоварад”[15-89]. Ин буҳрони муносибатҳо то дараҷае раванди ҳамгироиро дар доираи иттиҳоди мазкур кунд менамояд, вале онро боздошта наметавонад. Чунки фаъолияти ниҳодҳои он дар асоси манфиати умумии давлатҳои аъзо ва аҳолии онҳо ба роҳ монда шудааст ва онҳо маҷбуранд барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодӣ ва сиёсии худ ҳамгироиро идома диҳанд.

Мушкили дигаре, ки ба раванди ҳамгироиҳо дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё халал мерасонад, ин пурра дар амал татбиқ нашудани принсипҳо ва қоидаҳои иттиҳод аз ҷониби аъзои он мебошад. Боз ҳам коршиноси рус Виталий Сологуб дар асари илмии худ хулоса мекунад: “Ба таври куллӣ, бо назардошти мушкилоти ҷойдошта, метавон гуфт, ки дар дохили Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё муҳити ҳамгироии иқтисодии бемамоният вуҷуд надорад, ки он яке аз ҷузъиёти ҳатмии иттиҳод буда, ҳаракати озоди молу маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ дар банди якуми Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё оварда шудааст. Дар асл шумораи назаррасе аз маҳдудиятҳои ошкору ниҳонӣ ҳифз шудаанд, ки монеи дар амал татбиқ шудани озодии ҳаракати молу маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ ва сохтани як муҳити воқеии бемамоният мегарданд”[15-110]. Илова бар ин, дар бисёр ҳолат кишварҳо манфиати миллии худро аз манфиати иттиҳод боло гузошта, ба ҳаракати озоди молу маҳсулот, сармоя ва махсусан қувваи корӣ монеаҳо эҷод мекунанд. Шартномаи иттиҳод низ то ҷойе ба кишварҳои аъзо чунин имконро медиҳад. Масалан, дар ҳолати ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ наҳисобидани маҳсулоти хурокаи як кишвари аъзои иттиҳод кишвар дигари аъзо метавонад воридоти онро манъ намояд. Чуноне ки миёни Қазоқистону Қирғизистон чунин мушкил ба вуҷуд омада буд. Ё миёни Ҷумҳурии Белорус ва Федератсияи Русия мушкили аз кишварҳои сеюми таҳримшуда ба воситаи Белорус ворид шудани маҳсулоти мамнуъ ба миён омада буд, ки санҷишу назорати марзиро ба марзи ду кишвар баргардонд. Чунин монеаҳои сунъӣ эътибори иттиҳодро пасттар мекунад ва монеи рушди босуръати ҳамгироиҳо дар доираи он мегардад. Аз ҷониби дигар, кишварҳое, ки эҳтимолан азми пайвастан ба онро доранд, дар баробари дарки чунин мушкилот метавонанд тасмими худро тағйир диҳанд.

Дигар мушкилоти дорои характери сиёсӣ, иқтисодӣ ва ниҳодӣ низ вуҷуд доранд, ки садди роҳи рушди босуръати Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё гаштаанд ва ҳалли саривақтиро талаб менамоянд. Виталий Сологуб онҳоро чунин арзёбӣ менамояд: “Бархурди манофеи миллии кишварҳои аъзои иттиҳод

дар бахшҳои алоҳидаи муносибатҳо, адами муҳити воқеан бемамоният дар дохили иттиҳод, нобоварии шарикони берунаи сиёсиву иқтисодӣ, сатҳ ва суръати фарққунандаи рушди иқтисодҳои кишварҳои аъзо, нишондиҳандаҳои ноустувори гардиши мол дар дохили иттиҳод, таварруми нисбатан баланд ва истифодаи аз ҳад зиёди доллари ИМА дар ҳисоббаробаркуниҳо миёни кишварҳои аъзои иттиҳод”[15-147]. Ин мушкилот муҳлати дар амал татбиқ шудани ҳадафҳои муайяни стратегии иттиҳодро аз ҳад зиёд мекунад. Дар ин маврид дар ҷаласаи охирини Шурои олии АвруОсиё (моҳи майи соли 2024) президенти Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян аз амалӣ нашудани ҳадафҳои созмон ҷиҳати ташкил намудани бозори ягонаи манбаъҳои энергетикӣ бо низоми ягонаи танзим, ҳатто баъди гузаштани чанд сол аз муҳлати дар нақшабуда, шикоят намуда буд (ниг. «Суду зиёни Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё», Рӯзномаи "Самак" №22(655), аз 30 майи соли 2024). Албатта, ин ҳама мушкилот ҳалшаванда мебошанд ва агар раҳбарияти кишварҳои аъзои иттиҳод иродаи сиёсӣ дошта бошанд, бо гузашти вақт ва гирифтани таҷрибаи бештари ҳамгироиҳо онҳо бартараф хоҳанд шуд.

Бо вуҷуди мушкилоти номбурда, солҳои охир чанд кишвари дигар дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҳамчун нозир ворид шуданд. Барои пурра ворид шудан ба ин иттиҳод чанд зинаро бояд кишварҳои довталаб тай намоянд. Якум, гирифтани мақоми нозир, дуюм, мақоми номзад ба пайвастан ба иттиҳод ва сеюм, қабули кишвар ба иттиҳод ҳамчун узви баробарҳуқуқ. Ин зинаҳоро метавон ба таври шартӣ қадамҳои як кишвар аз мавҷудияти мустақил ба узвият дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё номид[15-125]. Дар 8 соли мавҷудияти Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё се кишвар – Молдова, Ӯзбекистон ва Куба ба ин иттиҳод таваҷҷуҳ намуда мақоми нозирро гирифтаанд.

Барои ҳар як кишвари навворидшуда тибқи қоидаҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, нақшаи роҳи махсус тартиб дода мешавад. Нақшаи роҳ як навъ дастурамали мутобиқсозии қадам ба қадами иқтисоди воридшаванда ба шартҳои иттиҳод ва ҳамчунин шартҳои махсус барои таъмини давраҳои имтиёзнок дар иҷрои ин ё он талаботи қонуни Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мебошад. Комиссияи иқтисодии Авруосиё иҷрои нақшаҳои роҳ барои як кишвари воридшавандаро назорат намуда, дар ин замина ба таври муназам гузоришҳо омода мекунад[15-128]. Ин ҷараён ба хотири кам кардани таъсири манфии пайвастшавии узви нав ба дигар кишварҳои аъзои иттиҳод ва ҳамчунин барои дастгирии кишвари воридшаванда ва мутобиқшавии осонтари он ба роҳ монда шудааст.

**Хулоса**

Ба роҳ мондани як иттиҳоди ҳамгироии иқтисодӣ дар қаламрави пасошуравӣ табиӣ буд. Баъди чандин кӯшишҳое, ки метавон гуфт ноком шуданд, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё тавонист қисман коршоямии худро ба намоиш гузорад. Идеяи ташкил кардани чунин як Иттиҳоди ҳамгироии иқтисодиро моҳи

марти соли 1994 собиқ президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев дар Донишгоҳи Давлатии Маскав барои аввалин бор ироа намуда буд. Ин идея аз соли 1995-ум дар амал ба татбиқ шудан оғоз намуда, чандин тағйироту дигаргуншавиро паси сар карда, саранҷом дар соли 2015-ум ҳамчун Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва як субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ бо ниҳодҳои фаромиллӣ ба фаъолият шуруъ намуд.

Дар шароити пуррақобати бозори ҷаҳонӣ кишварҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар якҷоягӣ амал карда, барои пайдо кардани ҷойгоҳи арзандаи худ дар ин бозор мубориза мебаранд. Ин кишварҳо бо доштани ҳамгироии зич дар даврони Шуравӣ низомҳои сиёсӣ, вазъияти иқтисодӣ ва фарҳангу арзишҳои ба ҳам наздик дошта, роҳу коммуникатсияи бо ҳам пайвандро доро мебошанд. Вижагиҳои мазкур онҳоро ба ҳам наздик мекунад ва барои якҷоя амал кардану рақобатпазирии иқтисоди хешро дар бозори ҷаҳонӣ боло бурдан, раҳбарони кишварҳои пасошуравӣ маҷбуранд дар пайи ислоҳи вазъ шуда, монеаҳои мавҷударо дар ростои ҳамгироии бештар сол ба сол камтар намоянд. Ҷаласаи охирини Шурои олии АвруОсиё, ки 8-уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия баргузор гашт, нишон дод, ки кишварҳои аъзои он камбудиҳоро эътироф мекунанд ва ният доранд онҳоро бартараф намуда, сатҳи ҳамгироиро боз ҳам болотар баранд (ниг. «Суду зиёни Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё», Рӯзномаи "Самак" №22(655), аз 30 майи соли 2024).

Таҳримҳои кишварҳои Ғарб нисбат ба Русия монеаҳои муайяне дар рушди бештари Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ба миён оварда метавонад. Ҳамзамон, ин шароит метавонад имкониятҳои наверо барои шарикони Русия фароҳам оварад. Бозори холишуда аз маҳсулоти бозоргири кишварҳои пешрафтаи Ғарбу Шарқ барои рушду васеъшавии ширкатҳои дохили Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё имконияти хубе буда метавонад. Онҳо метавонанд дар муддати муайян аз вазъият истифода бурда, сатҳу сифати маҳсулоти худро боло баранд ва ба бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти рақобатпазир ироа намоянд.

Чуни ба назар мерасад, ки кишвари Молдова дигар ба воридшавӣ ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё таваҷҷуҳ надорад. Вале Ӯзбекистону Куба ҳамчун нозир фаъол буда, нақшаи ворид шудан ба иттиҳодро доранд. Вале баъди гузашти 4 сол онҳо ҳоло ҳам нозир ҳастанд ва хулосаи аниқи худро ҷиҳати ворид шудан набаровардаанд. Маълум нест, ки боз чанд соли дигар нозир боқӣ мемонанд ва чанд соли дигар ҳамчун довталаб дар ин иттиҳод фаъолият карда, билохира ворид мешаванд. Дар қонуну қоидаҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё муҳлат муайян карда нашудааст. Ин кишварҳо низ раванди омӯзиши худро ба таври бояду шояд дар матбуот инъикос наменамоянд. Чунин равиши кор барои дигар кишварҳои таваҷҷуҳдошта ба аъзогӣ дар ин иттиҳод, дар ростои омӯзиши он, мушкилиҳо пеш меоварад.

Мусаллам аст, ки бо вуҷуди ҳама камбудиву норасоиҳо Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба кишварҳои аъзо манфиати муайяни иқтисодӣ овардааст.

Агар Русия, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Белорус рушди бархоста аз бозори ягонаро дар солҳои 2010-2013 солҳои аввали фаъол шудани Иттиҳоди гумрукӣ ба даст оварда бошанд, Арманистону Қирғизистон баъди соли 2015-ум, яъне баъди ворид шудан ба иттиҳод ба рушди назаррас даст ёфтанд (ниг. “Тоҷикистон ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар доираи натиҷагириҳои ММД-и саронаи аҳолӣ”, Рӯзномаи "Самак" №32(665) аз 8 августи соли 2024). Илова бар ин, ҳаракати озодонаи қувваи корӣ, ки бевосита ба сатҳи зиндагии миллионҳо нафар таъсир мерасонад, аз паҳлуҳои мусбати дигари иттиҳод буда метавонад. Яке аз ҷанбаҳои мусбати ин иттиҳод барои Тоҷикистон низ ҳамин буда метавонад. Билохира ҳама сиёсатгузориҳои иқтисодии давлатҳои муосир ба беҳтару хубтар кардани зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст. Ҳаракати озоди инсонҳо дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ҳам имкониятҳои молиявии шаҳрвандони кишварҳои аъзои онро зиёд мекунад ва ҳам муносибатҳои инсонии шаҳрвандони онҳо ба мустаҳкамтар шудани сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ дар минтақа мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки барои вуҷуд доштан ва мукаммал шудани як иттиҳоди ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа зарурат ҳаст ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё бархоста аз ин зарурат буда, бо ҳама камбудиву норасоиҳо мавҷудияти худро дар даҳсолаи оянда нигаҳ хоҳад дошт. Кишварҳои нозир кай тасмими пайвастанро мегиранд ва ё кишварҳои дигар кай қадамҳои аввалро барои шомил шудан ба он мегузоранд, маълум нест. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки чунин иттиҳодҳо метавонанд қавӣ шуда, ба монанди Тавофуқномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ ва Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ба яке аз субъектҳои муҳими байналмилалӣ мубаддал мегарданд. Албатта, ҳадафи аксари онҳо расидан ба сатҳи Иттиҳоди Аврупо аст, вале фарқиятҳои сиёсиву фарҳангӣ дар дигар минтақаҳо нисбат ба Аврупо зиёдтаранд ва барои онҳо расидан ба сатҳи Иттиҳоди Аврупо хеле мушкил ба назар мерасад. Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё низ агар то ба сатҳи Иттиҳоди Аврупо нарасад ҳам, ба эҳтимоли зиёд дар солҳои оянда мукаммалу қавитар гашта, ба яке аз муҳимтарин субъектҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мубаддал хоҳад гашт. Бо вуҷуди монеаҳои зиёд, раҳбарони аъзои ин созмон ҳадафи мукаммал сохтани онро доранд ва бошад, ки он ҳадафҳо амалӣ шуда, ин иттиҳод ба минтақаи мо оромии бештар ва рушди устувори босуръаттар оварад.

## АДАБИЁТ:


1. Е. Ю. Винокуров, Д. А. Коршунов, В. С. Перебоев, Т. В. Цукарев, Евразийский экономический союз. – Санкт-Петербург: ЦИИ ЕАБР, 2017. – 296 с.
2. Белащенко, Д.А., Толкачев В.В., Шоджонов И.Ф. "Евразийский экономический союз: перспективы и проблемы интеграции на постсоветском пространстве." Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения 20.3 (2020): 543-559.

3. Алиев, С. Б. Трудовая миграция в рамках Евразийского экономического союза / С. Б. Алиев // Евразийская экономическая интеграция. – 2015. – № 4(29). – С. 65-72. – EDN VBYJTP.

4. Гринберг Р. С., Пылин А. Г. Евразийский экономический союз. Основные тренды развития на фоне глобальной неопределенности // Экономика региона. — 2020. — Т. 16, вып. 2. — С. 340-351.

5. Mamarajabovich, O.Sh. "Euroasian economic union: specifics and development perspectives." Texas Journal of Engineering and Technology 23 (2023): 24-27.

6. Овсепян, М. Л. Влияние и перспективы присоединения республики армения к таможенному союзу и евразийскому экономическому союзу / М. Л. Овсепян // Гуманитарные науки. Вестник Финансового университета. – 2017. – Т. 7, № 5(29). – С. 13-16. – EDN ZRKRSH.

7. Бровко, Н. А. Выгоды и риски присоединения Кыргызской Республики к Евразийскому экономическому союзу / Н. А. Бровко // Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. – 2015. – Т. 15, № 8. – С. 19-22. – EDN UNNLBB.

8. Ушкалова, Д. И. "Интеграционные модели Евразийского экономического союза и зоны свободной торговли СНГ в контексте мирового опыта." Вестник Института экономики Российской академии наук 6 (2017): 100-111.

9. Федотова, Г.Ю. "Проблемы применения таможенного тарифа в условиях экономической интеграции." Теория и практика управления государственными функциями и услугами. Тарифное регулирование (2019): 198-202.

10. Липатова, Н.Г. "Международное таможенное сотрудничество в условиях экономической интеграции государств." Вестник Российской таможенной академии 3 (2018): 25-31.

11. Дадабаева, З.А. "Присоединение Таджикистана к ЕАЭС: преимущества и риски." Россия и современный мир 4 (93) (2016): 161-168.

12. Президент Назарбаев об евразийской интеграции, file:///C:/Users/mehr1/Downloads/149-132-1-PB.pdf ;

13. История ЕАЭС, https://www.gov.kz/memleket/entities/zk/press/article/details/10898?lang=ru .

14. Сомонаи расмии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, http://www.eaeunion.org/#about .

15. Сологуб В.И. Современные интеграционные процессы в Евразийском экономическом союзе, Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук, Москва – 2019.

## ЕВРАЗИЙСКИЙ ЭКОНОМИЧЕСКИЙ СОЮЗ: ИСТОРИЯ, СТРУКТУРА, ЗАДАЧИ И ПЕРСПЕКТИВЫ

*В данной статье проанализированы и обсуждены история, структура и перспективы Евразийского экономического союза. Автор подчеркивает необходимость создания экономического интеграционного союза в различных регионах мира, в том числе на постсоветском пространстве, а также анализирует цели Евразийского экономического союза и действия руководства его государств-членов, выявив имеющиеся недостатки. Он заключает, что, несмотря на все недостатки и проблем, Евразийский экономический союз принес определенные экономические выгоды своим странам-членам, и в ближайшем будущем у этого союза есть возможность стать более совершенным и устойчивым, а также увеличить число государств-членов.*

***Ключевые слова**: экономическая интеграция, Евразийский экономический союз, мировой рынок, национальная экономика, конкурентоспособность, экономическое развитие, международные отношения.*

## EURASIAN ECONOMIC UNION: HISTORY, STRUCTURE, TASKS AND PROSPECTS

*This article analyzes and discusses the history, structure and prospects of the Eurasian Economic Union. The author emphasizes the need to create an economic integration union in various regions of the world, including the post-Soviet space, and analyzes the goals of the Eurasian Economic Union and the actions of the leadership of its member states, identifying existing shortcomings. He concludes that, despite all the shortcomings and problems, the Eurasian Economic Union has brought certain economic benefits to its member countries, and in the near future this union has the opportunity to become more advanced and sustainable, as well as increase the number of member states.*

***Keywords**: economic integration, Eurasian Economic Union, world market, national economy, competitiveness, economic development, international relations.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Баротов Лутфулло -** Ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел. 918780555, email: mehr1981@ mail.ru

**Сведения об авторе: Баротов Лутфулло -** Старший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, тел. 918780555, email: mehr1981@ mail.ru

**About the author: Barotov Lutfullo -** Senior Research Fellow, Institute of Studying of the Problems of Asian and European Countries, NAST. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki avenue 33, tel. 918780555, email: mehr1981@mail.ru

# ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц, например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, с. 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, с. 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Ба матбаа _____________ таҳвил гардид. Чопаш _____________
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 23,0. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 03

Дар матбааи ҶДММ «Дониш» ба табъ расидааст.